**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ**
**НОҲИЯИ ТЕМУРМАЛИК**
# ҚАРОР

**735340. ноҳияи Темурмалик, шаҳраки Совет, кӯчаи И.Сомонӣ 40.тел.8331421233. факс: 8331421233.**

аз 24 июни соли 2015 №31 ш. Совет.

Дар бораи тасдиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Темурмалик барои солҳои 2016-2018».

Мутобиқи моддаҳои 8, 9 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иҷлосияи дуюми (даъвати панҷум)-и Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Темурмалик

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2016-2018 тасдиқ карда шавад.
2. Ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия супорида шавад, ки дар сурати пайдо гардидани афзалиятҳои нав барои ворид намудани тағйироту иловаҳо таклиф пешниҳод намояд.
3. Ба мақомотҳои худидораи маҳаллӣ, роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, соҳибкорон, вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия тавсия дода шавад, ки дар татбиқи Барномаи мазкур саҳмгузор бошанд.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия гузошта шавад.

Раиси
Маҷлиси вакилони халқи
ноҳияи Темурмалик — М. Гулмаҳмадзода.

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ТЕМУРМАЛИК**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ТЕМУРМАЛИК

## бароиi солҳои 2016-2020

**Темурмалик – 2015**

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот ...... 5**
**Пешгуфтор ...... 6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ТЕМУРМАЛИК ...... 8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ...... 14**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ...... 14
2.2. Соҳаи саноат. ...... 27
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна ...... 31

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ...... 36**
3.1. Соҳаи маориф ...... 36
3.2. Соҳаи тандурустӣ ...... 42
3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ...... 48
3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ...... 52
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ...... 53

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ...... 55**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ...... 55
4.2. Таъмини барқ ...... 58
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ...... 59
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ...... 60

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ...... 62**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ...... 62
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо ...... 63

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ...... 68**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ...... 73**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Темурмалик аз рӯи соҳаҳо ...... 74**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ГК | Гуруҳи корӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МИМҲД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | "Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015" |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| ХМК | Хоҷагии манзилию коммуналӣ |

# ПЕШГУФТОР

Ноҳияи Темурмалик 5,1 фоизи ҳудуди умумии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Темурмалик ноҳияи аграрӣ буда, аҳолии он асосан ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Ноҳия дар тақсимоти меҳнати вилояти Хатлон ҳамчун истеҳсолкунандаи маҳсулоти чорводорӣ ва растанипарварӣ маҳсуб меёбад. Ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилоят, аз ҷумла ғалла 21,5%, картошка 6,9%, сабзавот 12,5%, меваҷот 11,4%, шир 9,2%, гӯшт 11,7%, пашм 4,8% ва асал 2,1 фоизро ташкил медиҳад. Табиати хушманзара, иқлими мувофиқ, ландшафти зебои ноҳия ва мавҷудияти кофии қувваи корӣ, барои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва коркарди саноатии ашёи хоми маҳаллӣ хеле мувофиқ мебошад. Дар қаламрави ноҳия захираҳои канданиҳои фоиданок (намак, ангиштсанг, гаҷ, оҳак), инчунин лойи шифобахш ва обҳои шифобахш мавҷуданд.

Барои татбиқи талаботу манфиатҳои иҷтимоӣ, ноил шудан ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия, инчунин ташкили шароити мусоид барои фаъолияти самараноки тамоми субъектҳои хоҷагидории дар ноҳия амалкунанда, дар оянда ба кор даровардан ва самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ, дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, таъмини дастгирии сифатноки иҷтимоӣ ва ба талаботҳои муосир мутобиқ намудани инфрасохтори ноҳия, зарурияти таҳияи чунин барномаи комплексӣ ба миён омадааст.

Дар раванди таҳияи Барномаи рушди ноҳияи Темурмалик, талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/3, аз 12 январи соли 2009) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (“Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола”, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015”, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015”) ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи кории ноҳия, ки бо Амри Раиси ноҳияи Темурмалик тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он коршиносон, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Айни замон захираҳои табиӣ дар ноҳия мавҷудбуда аз сабаби ҷалби нокифояи сармояи хориҷию ватанӣ ва воридоти ночизи технологияи муосир пурра коркард намешаванд. Дар сурати оғози коркарди захираҳои табиии мавҷуда ва истифодаи самараноку оқилонаи обҳои маъданӣ ва лойҳои шифобахш, соҳаҳои саноат, инфрасохтор ва иқтисодиёти ноҳия басо рушд хоҳад намуд. Қатъи назар аз иқтидорҳои зиёди мавҷудаи ноҳияи Темурмалик, мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба пешрафти иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳадафи асосии Барномаи тарҳрезигардида, таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, дар асоси коркарди саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи зикргардида, ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ, самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат муайян менамояд.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, дар тамоми соҳаҳои асосии иқтисодиёту иҷтимоиёти ноҳия, бо ҷалби ҳамаи манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ, иҷрои тадбирҳои мушаххас пешбинӣ гардидааст. Зимнан, ҷалби ҳарчи зиёди сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар барнома гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик тамоми имкониятҳо истифода хоҳад гашт. Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар солҳои 2016-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ гардида, он заминаи асосии афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мегардад.

Ба Барномаи рушди ноҳияи Темурмалик 237 лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи 369,3 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 40 лоиҳа бо маблағи 105,65 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 116 лоиҳа бо маблағи 183,01 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 64 лоиҳа бо маблағи 59,1 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 10 лоиҳа ба маблағи 20,59 млн. сомонӣ ба бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва 7 лоиҳа бо маблағи 1,03 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Тақсимоти маблагҳои*
*"Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Темурмалик барои солҳои 2016-2020"*
*аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Буҷети вилоятӣ | Буҷети ноҳия | Соҳибкорон, аҳолӣ, х/д, ташкилоту муасисаҳо | Сармояи хориҷӣ | Лоиҳаҳои манбаи маблаггузориашон номуайян |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 22460 | 8370 | 220 | 210 | 3540 | 4590 | 5530 |
| Саноат ва соҳибкории хурду миёна | 18332 | 520 | | | 14312 | 3200 | 300 |
| Сохтмон | 64860 | 30580 | 100 | 400 | 24900 | 500 | 8380 |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 105652 | 39470 | 320 | 610 | 42752 | 8290 | 14210 |
| Маориф | 67465 | 46265 | 2000 | | 5380 | 5150 | 8670 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоӣ | 20150 | 4400 | 0 | 300 | 1700 | 9350 | 5000 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 95400 | 51700 | 100 | | 17250 | 2900 | 23450 |
| Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ | 183015 | 102365 | 2100 | 300 | 24330 | 17400 | 37120 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 18750 | 2000 | 600 | 100 | 12530 | 3520 | 37500 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 16170 | 8700 | 500 | 100 | 1000 | 4070 | 1800 |
| Барқтаъминкунӣ | 2400 | 2050 | 100 | 50 | 200 | 0 | 4800 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 21785 | 6200 | 300 | 150 | 1050 | 300 | 13785 |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 59105 | 18950 | 1500 | 400 | 14780 | 7890 | 57885 |
| Ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда | 20590 | 2600 | 400 | 1470 | 1980 | 6890 | 7250 |
| Таъминоти захиравӣ | 1030 | 120 | 50 | 370 | 50 | 240 | 200 |
| Ҳамагӣ, арзиши БРН Темурмалик | 369392 | 160905 | 4370 | 3150 | 83892 | 40710 | 109415 |

Барои татбиқи "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Темурмалик барои солҳои 2016-2020", аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ **369,392 млн. сомонӣ** пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла, аз ҳисоби:

Буҷети ҷумҳуриявӣ 160,9 млн. сомонӣ;

Буҷети маҳаллӣ (вилоят 4,37 ва ноҳия 3,15) - 7,5 млн. сомонӣ;

Маблағҳои соҳибкорон, аҳолӣ, х/д ва ташкилоту муассисаҳо 83,89 млн. сомонӣ;

Сармоягузориҳои хориҷӣ 40,71 млн. сомонӣ.

Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян 109,41 млн. сомониро ташкил медиҳанд.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ТЕМУРМАЛИК

**Маълумоти таърихӣ.** Темурмалик ҳамчун ноҳия 23 ноябри соли 1930 бо номи Қизилмазор таъсис ёфта, баъдан бо номи Совет ва дар асоси қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №500 аз 12 феврали соли 2004, номи қаблии ноҳия ба номи Темурмалик иваз карда шуд.

**Маълумоти ҷуғрофӣ ва иқлими ноҳия.** Ноҳияи Темурмалик дар қисмати шимолу шарқии вилояти Хатлон ҷойгир шуда, аз шимол бо ноҳияҳои Балҷувон ва Ховалинг, аз ғарб бо ноҳияи Данғара ва аз ҷануб тавассути деҳаи Тошбулоқ бо ноҳияи Фархор ҳамсарҳад мебошад. Аз ҷиҳати геологӣ ноҳия асосан дар байни қаторкуҳҳои Илонтоғ, Хоҷаи Нур ва кӯҳи Хоҷа Сартез мавқеъ дошта, ҳудуди он ба масофаи аз 60 то 80 км тӯл кашидааст.

Тибқи маълумотҳои геодезӣ, ноҳия аз сатҳи баҳр дар баландии аз 650 то 1770 метр, (мавзеи Ҷорубқул 1760-1769 метр, мавзеи Кангурт 1500 метр, мавзеи Сартез то 1770 метр) мавқеъ дорад.

Маркази ноҳияи Темурмалик шаҳраки Совет буда, он дар баландии 900 метр аз сатҳи бахр қарор дорад ва дар соҳили дарёи Сурхоб (Қизилсӯ), дар байни теппаҳои начандон баланди дарозиашон аз 3 то 3,5 километр, аз саргаҳи деҳаи Шибанай то мавзеи Бирдам тӯл кашидааст. Масофа аз маркази ноҳия то маркази вилоят-шаҳри Қурғонтеппа 150 км ва то пойтахти ҷумҳурӣ-шаҳри Душанбе тавассути шоҳроҳи асосӣ 207 км мебошад. Ноҳия 5,1% ҳудуди умумии вилояти Хатлонро ишғол менамояд. Масоҳати умумии ноҳия 1013 км$^2$-ро ташкил медиҳад. Қисми зиёди масоҳати ноҳия (89%) аз кӯҳҳо ва теппаҳо иборат мебошад.

Иқлими ноҳия хушки субтропикӣ буда, тобистонаш хушк ва зимистонаш на он қадар хунук мебошад. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар фасли зимистон аз -5 $^0$С (дар солҳои хунуки қаҳратун аз -16 то -20 $^0$С) поён мефарояд, ки баъзан боиси сармо задани дарахтони анор, анҷир, ангур, хурмо ва чормағз мегардад. Дар фасли тобистон, дар моҳҳои июн-август, ҳарорати ҳаво аз +35 то +40 $^0$С (баъзан аз +42 то +45 $^0$С)–ро ташкил медиҳад. Ҳарорати миёнаи солона бошад ба +16,4 $^0$С баробар мебошад. Миқдори умумии боришот дар фасли сармо то 80 мм ва дар фасли баҳору тирамоҳ бошад нисбатан паст (то 25-30 мм) мушоҳида мегардад. Шумораи рӯзҳои гармӣ дар ноҳия аз 250 рӯз то ба 300 рӯз идома меёбад. Иқлими давродаврии ноҳияи Темурмалик ба худ табиати хос дорад. Дар қисми ғарбу шимоли ноҳия боришот зиёдтар буда, дар қисми шарқу ҷануби ноҳия боришот камтар мешавад. Аксар вақт дар ноҳия тундбодҳои «хокбориши афғонӣ» ба амал меояд. Фасли баҳор дар ноҳия сербориш буда, баъзан боронҳои сел киштзорҳоро шуста мебарад ва боиси эрозияи замин гашта, дар даштҳо ва заминҳои кишт ғору чуқуриҳои калонро ба масофаи то 2-3 километр ба вуҷуд меорад. Ноҳия аслан дар селроҳа мавқеъ дорад. Номҳои қадимаи ноҳия Селроҳа, Сайлакон ва Селакон низ, аз ин лиҳоз будааст.

Олами набототи ноҳия бағоят ғанӣ буда, дар ҳудуди он беш аз 3000 намуди растаниҳои таббии мерӯяд. Растаниҳои табобатӣ асосан дар қисми кӯҳҳои Илонтоғ, Хоҷаи Нур, мавзеи Зангибобо, Дастарқозӣ ва кӯҳи Хоҷа Сартез дида мешавад. Дар дашту кӯҳҳо ва доманакӯҳҳои ноҳия растаниҳои бутагӣ ва дарахтони: писта, шулаш, санҷит (ҷигда), сафедор, чинор, ар-ар, заранг, дулона, олуча, олучабандак, тут, туғ, хӯч, бодом, ангур, олу, гелос, чормағз, арча, қарақот ва муруд мерӯянд. Аз ҷумлаи гиёҳҳои шифобахш бошад, аҷик, чоқла, чукрӣ, рошак, ров, шибит, зира, пиёзи кухӣ - анзур, арпамодиён, ширинбия, субинак, чойкаҳак, чанбилак, пудина, сиёҳалаф, зоғак, кавар, камол, пудинаи лалмӣ, раҳдавак, чилбуғум, қоқу, тахач, янтоқ, шифоқ, нахуд, ғеша, марғелон, алафҳои тухмдона ва ширадори сафед, ки қисми зиёди онҳо дар тибби имруза истифода мешаванд, мерӯяд.

**Захираи об**. Аз ҳудуди ноҳия дарёҳои Сурхоб (32 км), Тоҳирсу (17 км) ва Оби Шурак (14,5 км) мегузаранд. Махсусан захираи оби дарёҳои Сурхоб ва Тоҳирсу барои

рушди минбаъдаи соҳаи гидроэнергетикаи хурд, моҳипарварӣ ва обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида заминаи хубе фароҳам овардаанд.

**Захираҳои табиӣ ва имкониятҳои истеҳсолӣ.** Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиии ангиштсанг (дар мавзеъи Кангурти ҷамоати деҳоти Кангурт), намак (дар мавзеи Хоҷа Сартези ҷамоати деҳоти Л.Қармишев, дар мавзеъи Даҳани намаки ҷамоати деҳоти Қарақамиш, дар мавзеи Танобчии ҷамоати деҳоти Танобчӣ, дар мавзеи Якасадаи ҷамоати деҳоти Бобоюнус) бой мебошад. Бояд қайд намуд, ки коркади саноатии онҳо то ба ҳол ба роҳ монда нашудааст ва роҳандозӣ намудани коркарди захираҳои конҳои мавҷудаи ноҳияи Темурмалик метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти он таъсири мусбӣ расонад. Оби чашмаи гарму шифобахши шаҳраки Совет ($51^0C$) ва обу лойи пуштаи Танобчӣ, ки 25-30 дараҷа гармӣ дорад, аз ҷиҳати табобатӣ кайҳо боз дар илми тиб маълуму машҳур буда, айни замон мавриди истифода қарор доранд. Аз лойи табобатии ноҳияи Темурмалик ниёзмандон дар мавзеи ҷойгиршавиаш истифода мебаранд. Имрӯзҳо дар осоишгоҳҳо ва табобатгоҳҳои шаҳри Душанбе ва вилоятҳои Суғду Хатлон, дармонгоҳҳои физиотерапевтии шаҳри Хуҷанд, осишгоҳҳои «Зумрад»-и шаҳри Исфара ва осоишгоҳи “Хоҷа Оби Гарм”, табобатхонаи «Ромашка»-и шаҳри Душанбе, муассисаи профилактикии «Оби шифо»-и ноҳияи Темурмалик, осоишгоҳи «Тосқалъа»-и ноҳияи Темурмалик ва ғайраҳо барои табобати касалиҳои пӯст, пойдард, миёндард ва ба тадриҷ овардани бофтаҳои бадан васеъ истифода мебаранд.

Рельеф ва дарёҳои мавҷудаи ноҳияи Темурмалик барои бунёди силсилаи НОБ-ҳои хурду миёна хеле қулай мебошанд. Дар панҷ соли оянда бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ дар ноҳия бунёд намудани НОБ-и хурд бо иқтидори 50 кВт мувофиқи мақсад мебошад.

Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ шароити ҷуғрофию табиӣ ва мавқеъи ҷойгиршавии ноҳия хеле мусоид мебошад, аммо феълан имкониятҳои мавҷудаи иқтисодӣ ва инфрасохтории ноҳия барои рушди соҳаи сайёҳӣ мувофиқ набуда, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷиро тақозо менамояд.

Мавқеи ҷойгиршавии ноҳия барои рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ мусоид мебошад. Истифода ва коркарди маҳсулоти саноатӣ тавассути ташкили корхонаҳои хурду миёна, низ яке аз самтҳои асосии Барномаи мазкур мебошад. Дар ноҳия 8 корхонаи хурди саноатӣ, 12 ташкилоти сохтмонӣ, идораи алоқа, корхонаи нақлиётӣ, идораи коммуналӣ, корхонаи ордбарорӣ ва корхонаи хурди дузандагӣ фаъолият мекунанд.

Дар сурати азхудкунӣ ва обёрии 129 гектар заминҳои бекорхобида ва боири ҳудуди ҷамоатҳои Танобчӣ (15 га), Бобоюнус (68 га) ва Қарақамиш (46 га) дар ноҳия имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли ғалла то 6,4%, картошка то 4,1%, асал то 2,7%, сабзавот то 4,9% ва хӯроки чорво то 7,3% фароҳам мегардад.

Айни замон инфрасохтори ноҳияи Темурмалик дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дорад ва ин омил ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Бо назардошти солҳои тӯлонӣ таъмир нагаштани роҳҳои маҳаллӣ, айни замон барқарорсозӣ ва таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ низ, яке аз масъалаҳои ҳалталаб маҳсуб меёбад.

Ноҳияи Темурмалик аз 1 ҷамоати шаҳраки Совет ва 6 ҷамоати деҳот (ҷамоатҳои деҳоти ба номи С.Раҳимов, Л.Қармишев, Танобчӣ, Қарақамиш, Бобоюнус ва Кангурт) иборат мебошад.

*Маълумот оид ба ҳудудҳои маъмурии ноҳияи Темурмалик*

| № | Номи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо | Масофа то маркази ноҳия (км) | Шумораи аҳолӣ (нафар) | Шумораи хонавода | Мактаби миёна | Мактаби асосӣ | Хонаи бачагона интернат | Муассисаҳои томактабӣ | Китобхонаҳо | Мактаби мусиқии бачагона | Беморхонаҳо | Маркази саломатӣ /бунгоҳҳо | НФС | Тарабхона | Ошхона | Дукон ва мағоза | Ҳаммом | Сехҳои дузандагӣ | Сартарошхона | Ҷувози барқи ва обӣ | Кор-хонаҳои Саноатӣ ва хурду миёна |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шаҳраки Совет | - | - | 10317 | 1295 | 3 | - | 1 | 2 | 2 | 1 | 1 | 1 | 4 | - | 4 | 18 | 1 | 1 | 3 | 4 | 3 |
| 2 | Танобчӣ | 7 | 8 | 7454 | 986 | 6 | 2 | - | - | 4 | - | - | 2 | 3 | - | - | 6 | - | - | - | 3 | - |
| 3 | С.Раҳимов | 10 | 4 | 12257 | 1473 | 7 | 2 | - | - | 2 | - | - | 1 | 1 | - | - | 8 | - | - | - | 4 | 1 |
| 4 | Л.Қармишев | 18 | 14 | 8113 | 1225 | 6 | - | - | - | 3 | - | - | 1 | 1 | - | - | 7 | - | - | - | 4 | - |
| 5 | Кангурт | 15 | 24 | 9430 | 1101 | 3 | - | 1 | 1 | 2 | - | 1 | - | 3 | - | 1 | 11 | 1 | 1 | 1 | 4 | 3 |
| 6 | Бобоюнус | 14 | 16 | 8664 | 987 | 10 | 3 | - | - | - | - | - | 1 | 1 | - | - | 8 | - | - | - | 3 | - |
| 7 | Қарақамиш | 6 | 30 | 7224 | 943 | 7 | 4 | - | - | - | - | 1 | 1 | 2 | - | - | 8 | - | - | - | 3 | 1 |
|  | Ҳамагӣ: | 70 |  | 63459 | 8010 | 42 | 11 | 2 | 3 | 13 | 1 | 3 | 7 | 15 | - | 5 | 66 | 2 | 2 | 4 | 25 | 8 |

**Вазъи демографии ноҳия.** Шумораи умумии аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2015 (бо назардошти шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ) 63459 нафарро ташкил додааст, ки ба 2,26 фоизи аҳолии вилояти Хатлон ва 0,8 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ баробар мебошад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 49,9 фоизро мардҳо (31135 нафар) ва 50,1 фоизро занҳо (30865 нафар) ташкил медиҳанд. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 1,8 фоиз мебошад.

Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 71,8 фоизи аҳолӣ дар деҳот ва 18,2 фоизи аҳолӣ дар маркази ноҳия истиқомат менамоянд. Зичии ҷойгиршавии аҳолии ноҳия дар 1 километри мураббаъ 62,6 нафарро ташкил медиҳад.

Дар давоми солҳои 2012-2014 аҳолии ноҳия ҳамагӣ 1,6 ҳазор нафар ва ё 4,3 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз рӯи маълумоти расмии барӯйхатгирии аҳолӣ, шумораи аҳолии ноҳияи Темурмалик таи даҳ соли охир 19,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

*Шумораи аҳолии ноҳия*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Шумораи умумӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1 | Хоҷагии хонагӣ | адад | 7886 | 7971 | 8010 |
| 2 | Аҳолӣ | нафар | 61700 | 62492 | 63459 |
| - | Аз ин, мард | нафар | 30727 | 31121 | 31653 |
| - | Зан | нафар | 30973 | 31371 | 31806 |
| - | Кӯдакони то синни 14 сола | нафар | 24063 | 24372 | 24749 |
| - | Гурӯҳи миёнасолон (15-62 (57 барои занон) сола) | нафар | 34675 | 35121 | 35664 |
| | Аз ҷумла, аз 15 то 18 сола | нафар | 6047 | 6124 | 6219 |
| - | Гурӯҳи калонсолон (63 (58сола) ва боло) | нафар | 2160 | 2187 | 2221 |
| - | Муҳоҷирони меҳнатӣ (маълумоти сатҳи ҷамоатҳо) | нафар | 1943 | 2047 | 1937 |
| **3** | Аҳолии қобили меҳнат | нафар | 34675 | 35120 | 35660 |
| 4 | Бекорон | нафар | 478 | 489 | 515 |
| 5 | Аҳолии ба кор машғулбуда дар ташкилоту корхонаҳо | нафар | 7042 | 7625 | 7712 |
| 6 | Шумораи коргарони дар иқтисодиёт машғулбуда | нафар | 30284 | 30342 | 30476 |
| 7 | Шумораи ба соҳибкорӣ машғулбуда | нафар | 950 | 987 | 1013 |

Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 49,4 фоиз ба кор машғул, 3 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ ва 47,6 фоиз бекор мебошанд. Таи се соли охир шумораи бекорон 8,7 фоиз зиёд шудааст. Зиёд шудани шумораи бекорон метавонад дар оянда ба иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ расонад. Барои паст намудани сатҳи бекорӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ, дар доираи Барномаи рушди ноҳия ташкил намудани корхонаҳои хурду миёна ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳайати иҷтимоии аҳолии ноҳия аз тоҷикон, ӯзбекон ва русҳо иборат аст.



## Биниши ноҳияи Темурмалик

*(Тасаввуроти ояндаи ноҳия бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда)*

*Ноҳияи Темурмалик мавзеи инкишофёфтаи агросаноатии дорои корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, хусусан коркард ва содироти маҳсулоти чорводорию растанипарварӣ, масолеҳи бинокорию хӯрокворӣ, дорои инфрасохтори замонавии иҷтимоию сайёҳӣ ва шароити мусоиди рушди соҳибкории хурду миёна, бо хизматрасониҳои дастрасу хушсифат, бо фазои мусоиди сармоягузорӣ ва муҳити зисти шоиста, ки дар он аҳолии солиму бофарҳанг ва меҳмоннавозу ҳунарманд зиндагию фаъолият менамоянд.*

*Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Темурмалик (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| • Шароити хуби табии барои чорводорӣ, боғдорӣ, растанпарварӣ ва занбӯрпарварӣ.<br>• Мавҷуд будани захираҳои табиӣ, аз ҷумла, ангиштсанг, гаҷ, намак, масолеҳи инертии бинокорӣ ва инчунин оби гарми табиӣ ва лойи шифобахш.<br>• Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилию беруна.<br>• Мавҷудияти чарогоҳҳои васеъ барои инкишофи соҳаи чорводорӣ.<br>• Мавҷудияти захираҳои об барои рушди соҳаи гидроэнергетика.<br>• Мавҷуд будани «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Хатлон».<br>• Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод ва арзон дар ноҳия.<br>• Дастрасӣ доштан ба инфрасохтори аввалиндараҷа.<br>• Захираи бойи гиёҳҳои шифобахш ва ҳайвоноти шикорӣ.<br>• Ҳавасмандии роҳбарияти ноҳия барои рушди минбаъдаи он дар доираи БРН.<br>• Шароити хуби ҷуғрофӣ ва табиати ҷолиб барои рушди соҳаи туризм (этнографӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ). | • Нокифоягии воситаҳои молиявӣ барои коркарди захираҳои табиӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ, ворид нагардидани технология ва таҷҳизотҳои муосир.<br>• Фоизи баланди қарзҳои бонкӣ ва мӯҳлати кӯҳтоҳи истифодаи он.<br>• Сатҳи пасти даромаднокиии сокинони ноҳия.<br>• Ҷалби нокифояи сармояи дохилию хориҷӣ.<br>• Набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия.<br>• Дар сатҳи паст қарор доштани хизматрасонии бойторӣ.<br>• Мавҷуд набудани ҷойҳои кории иловагӣ ва музди меҳнати ночиз.<br>• Нокифоягии техникаи роҳсозӣ, ҳолати ғайриқаноъатбахши роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталабии роҳҳои маҳаллӣ.<br>• Мавҷуд набудани ширкатҳои сайёҳӣ, дуруст ба роҳ намондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ оиди ҷалби сайёҳон ва бад будани ҳолати инфрасохтори дохилӣ, дар сатҳи паст қарор доштани соҳаи туризм.<br>• Аз кор рафтани мутахассисони соҳибтаҷрибаи баландихтисос, норасогии мутахассисони ботаҷриба.<br>• Сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатии кадрҳои баландихтисос.<br>• Тараққиёти нокифояи инфрасохтори заминавии ноҳия.<br>• Нокифоя будани маблағ барои татбиқи Барномаҳо ва дастрас нагардидани сармоягузории дохилию хориҷӣ барои рушди иқтисодиёти ноҳия.<br>• Мавҷуд набудани бозори муосир дар ноҳия.<br>• Субвенсионӣ будани ноҳия. |
| Имкониятҳо | Хатарҳо |
| • Таҷдиду барқарорсозии инфрасохтори ноҳия.<br>• Бунёди бозорҳои замонавӣ (фурӯши чорво ва маҳсулоти ниёзи мардум) дар ноҳия.<br>• Ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла бунёди корхонаҳои истеҳсоли оҳак, корхонаи хурди коркарди чӯб, корхонаи коркарди гӯшту шир, меваю сабзавот, корхонаи коркарди сангҳои ороишӣ ва сохтмонӣ, ташкили коргоҳҳои коркарди гиёҳҳои шифобахш ва истеҳсоли маҳсулоти фармасевтӣ.<br>• Дастгирии соҳибкории хурду миёна дар доираи қонун ва ғанигардонии буҷаи ноҳия аз ҳисоби | • Хатари офатҳои табиӣ (сел, ярч, обхезӣ, заминларза ва ғайра).<br>• Болоравии сатҳи таваррум.<br>• Афзоиши нархи сӯзишворӣ ва хизматрасонӣ.<br>• Тағйирёбии иқлим ва бадшавии вазъияти экологӣ.<br>• Паҳншавии касалиҳои сироятӣ аз ҳисоби зиёдшавии муҳоҷирони меҳнатӣ.<br>• Паҳншавии касалиҳои ҳайвонот ва ҳашаротҳои зараррасон, инчунин зарари зироатҳо аз таъсири он. |

| | |
|---|---|
| молистеҳсолкунандагони ватанӣ ба тариқи ташкили корхонаҳои хурду миёна.<br>• Ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ.<br>• Рушди кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба аҳолӣ.<br>• Мусоидат ба рушди соҳаҳои асосии хоҷагии халқ, махсусан кишоварзӣ ва саноат.<br>• Баланд бардоштани нақши мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар раванди рушд.<br>• Ҷорӣ кардани технологияҳои нави иттилоотӣ.<br>• Ҳамкорӣ бо созмонҳои молиявии байналхалқӣ.<br>• Баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ ва пешгирии хатари таъсири офатҳои табиӣ.<br>• Истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ тавассути коркарди он ва ба бозор баровардани он.<br>• Бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқии обӣ.<br>• Муҳоҷирати ихтиёриву экологӣ дар ҳудуди ноҳия. | |

# БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Соҳаи кишоварзӣ

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии халқ маҳсуб ёфта, нақши он дар рушди иқтисодиёти ноҳия ва таъмини амнияти озуқаворӣ баланд арзёбӣ мегардад.

Кишоварзони ноҳияи Темурмалик ба парвариш ва истеҳсоли ғалладонагиҳо, сабзавот, картошка, полезӣ, хӯроки чорво, боғдорӣ, пилла, парвариши чорво ва занбӯри асал машғул мебошанд. Аз зироатҳои техникӣ зағер, кунҷит ва аз зироатҳои ғалладонагӣ гандум, ҷав, нахуд ва дигар намуди лубиёгиҳои ба иқлимӣ маҳал мувофиқ парвариш карда мешавад. Зиёда аз 75,3 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот истиқомат дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд. Аҳолии ноҳия қисми зиёди даромади худро аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти чорводорӣ, сабзавот, полезӣ ва мева ба даст меоранд.

Истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия хоҷагиҳои хонагӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) мебошанд. Вазни қиёсии аз ҳама зиёдро дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, махсусан дар истеҳсоли ғалла ташкил медиҳанд, хоҷагиҳои хонагӣ бошанд дар истеҳсоли картошка, мева, шир, гӯшт, тухм, пилла ва пашм бартарӣ доранд.

Тибқи маълумотҳои расмии соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳияи Темурмалик дар миқёси вилояти Хатлон 4,3 фоиз ва аз рӯи намуди маҳсулот бошад, ғалладонагӣ – 3,9 %, сабзавот – 5,2%, картошка –2,1%, полезиҳо – 2,8%, ангур – 2,1%, мева –4,6%, шир – 6,3%, гӯшт – 7,5%, тухм –5,2%, асал – 2,5%, моҳӣ – 1,2%, пилла – 5,3% ва пашм – 8,6%-ро ташкил додааст.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар ноҳия нисбати дигар минтақаҳои вилоят ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нисбатан камтар мебошад. Сабаби асосии он, кам будани майдони заминҳои обӣ, зиёд будани майдони заминҳои лалмӣ, ғайриқаноъатбахш гаштани ҳолати агрокимиёвӣ ва мелиоративии заминҳо ва фарсуда гаштани ягона пойгоҳи обкашии “Танобчӣ” ва 24 км шабакаҳои таъминоти оби полезӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, тибқи барномаи рушди ноҳия, ҳадафи асосии соҳаи кишоварзӣ дар панҷ соли оянда - барқарорсозии 6 агрегати пойгоҳи обкашии Танобчй бо тамоми таҷҳизотҳои иловагии заруриаш, беҳтар намудани ҳолати агрокимиёвӣ ва мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва аз худ намудану ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани 129 гектар заминҳои бекорхобида мебошад.

**Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ.** Дар ноҳияи Темурмалик 9 хоҷагии деҳқонии ҷамоавӣ, 2 хоҷагии зотпарварӣ (“Кангурт” ва “Олучабулоқ”), 714 хоҷагии деҳқонии инфиродӣ, 1 хоҷагии моҳипарварӣ, 1 комплекси парандапарварӣ (ҶДММ “Фаридунҷон”), 8010 хоҷагии хонагӣ ва 4 хоҷагии ёрирасон фаъолият доранд. Аз шумораи умумии хоҷагиҳо 33 хоҷагиро занҳо роҳбарӣ мекунанд.

Заминҳои корами кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои хоҷагидорӣ 12481 гектарро ташкил медиҳад, ки ҳамасола 80-85%-и онҳо барои кишти ғалладонагиҳо истифода мешавад. Ҳосилнокии зироатҳои ғаладонагӣ ба ҳисоби миёна 22-23 сентнерро ташкил медиҳад.

**Дастрасӣ ба техникаи кишоварзӣ.** Таъмин будан бо техникаи муосир дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим мебозад. Дар хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 248 адад техникаву таҷҳизот мавҷуд буда, 84 фоизи он коршоям (209 адад) ва 16 фоизи он (39 адад) дар ҳолати корношоям қарор доранд. Аз шумораи умумии техника ва таҷҳизот 6% тракторҳои шудгоркунанда (14 адад) ва 28% тракторҳои чархдор (70 адад) мебошанд. Илова ба ин, дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ 19 адад ядакҳои тракторӣ мавҷуд мебошад.

Барои таъмир ва барқарорсозии техникаю таҷҳизоти мавҷуда маблағи зиёд лозим аст, аммо таъмиру барқарорсозии онҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои кишоварзӣ бо сабаби

маҳдудиятҳои молиявӣ ғайриимкон мебошад. Яке аз сабабҳои паст шудани даромаднокии хоҷагиҳои кишоварзӣ норасогии техника мебошад. Дар солҳои охир ба ноҳия 21 адад тракторҳои чархдор ворид шудааст (дар соли 2015 ҳамагӣ 14 адад аз ҳисоби сармояи хориҷӣ) ва ба ҳар як трактори воридшуда 218 гектар замини корам, 11,5 гектар майдони боғ ва 5 гектар майдони токзор рост меояд.

Дар мустаҳкам намудани базаи моддӣ – техникии соҳаи кишоварзӣ нақши аҳолӣ баланд арзёбӣ гардида, шумораи техникаҳои хусусии аҳолӣ 132 ададро ташкил медиҳад.

*Маълумот оид ба техникаи мавҷудаи кишоварзӣ*

| № | Номгӯи тракторҳо | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 84 | 68 | 81 |
| | аз ҷумла: шудгоркунанда | 14 | 13 | 93 |
| | Ғилдиракдор | - | - | - |
| 2 | Автомобилҳо | 34 | 26 | 76 |
| 3 | Комбайнҳои ғалладарав | 14 | 10 | 71 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 19 | 12 | 63 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | 3 | 3 | 100 |
| 6 | Алафчамъкунакҳо | 2 | 2 | 100 |
| 7 | Тойбандакҳо | 1 | 1 | 100 |
| 8 | Тухмипошакҳо | 3 | 2 | 67 |
| 9 | Култиваторҳо | 1 | 1 | 100 |
| 10 | Испорҳои тракторӣ | 73 | 71 | 97 |

Норасогии қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо ба баланд шудани арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ таъсир мерасонад. Қисми зиёди тракторҳо истеҳсоли солҳои 80-и асри гузашта мебошанд ва талаботи имрӯзаро қонеъ намуда наметавонанд, аммо барои харидорӣ намудани техникаи нави ҳозиразамон аксарияти хоҷагиҳо имконияти молиявӣ надоранд. Барои ҳалли масъалаи мазкур, дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Темурмалик ташкил намудани Ассотсиатсияи таъминот бо техникаи кишоварзӣ ё Маркази таъминоту хизматрасонии техникаи кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани базаи моддию техникии соҳа, ин васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои лизингӣ мебошад. Танҳо дар соли 2014 аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ бо тариқи шартномавӣ 6 адад техникаи кишоварзӣ аз КВД "Тоҷикагрозинг" дастрас карда шуд, вале он низ талаботи имрӯзаи хоҷагидоронро қонеъ гардонида наметавонад. Механизми гирифтани техникаи кишоварзӣ тавассути КВД "Тоҷикагрозинг" бо 30% пешпардохти маблағ ба анҷом расонида мешавад, ки хеле гарон буда на ҳама хоҷагиҳои кишоварзӣ чунин имконияти молиявиро доро мебошанд.

*Мушкилиҳои мавҷуда:* суст будани базаи моддию техникӣ ва набудани паркҳои тракторӣ оид ба таъмири техника, норасогии қисмҳои эҳтиётӣ ва равғанҳои молиданию сӯзишворӣ, аз муҳлати муқаррargардида бештар истифода гардидани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда (пурра ва барзиёд истифода бурдани мӯҳлати амартизатсионии техникаҳо), пурра истифода нашудани имкониятҳои ташкилотҳои лизингӣ, суст будани таъминот бо техника ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон.

**Истифодаи заминҳо.** Аз рӯи маълумоти расмӣ, ба ҳолати 1 январи соли 2015 майдони умумии заминҳои ноҳия 101355 гектар ва шумораи заминистифодабарандагон 779 нафар ба қайд гирифта шудааст. Заминҳои қобили истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ 80186 гектарро (аз ин 906 га обӣ ) ташкил медиҳад, ки аз ин 12638 га бевосита заминҳои кишоварзӣ, 2035 га замини наздиҳавлигӣ (127 га обӣ), 1172 га замини ёрирасони шахсӣ (24 га обӣ), 314 га фонди захиравӣ, 947 га ҷангалу бешазор, 1858 га буттазор, 1063 га замини зери об, 653 га зери роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар, 694 га замини зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо ва 13682 га дигар заминҳо мебошанд.

Аз майдони умумии дарахтони бисёрсола 890 га боғот (122 га обӣ), 328 га токзор (1 га обӣ), 54 га тутзор (9 га обӣ) ва 1276 га дарахтзор (пистазор) мебошанд. Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, полезӣ, ғалладонагӣ ва зироатҳои хӯроки чорво истифода бурда мешаванд .

*Сохтори истифодаи умумии замини кишоварзӣ (ба ҳисоби %)*




Заминҳои берун аз ҳудуди марзию маъмурӣ истифодашаванда 19554 гектарро ташкил дода, дар ноҳияи Тавилдара воқеъ мебошанд. Ин заминҳо дар сохтори майдони умумии заминҳои ноҳия 19,2 фоизро ташкил менамоянд. Заминҳои номбурда барои истифодаи дарозмӯҳлат ба ноҳияи Темурмалик дода шудааст ва ҳамчун чарогоҳи тобистона истифода мешаванд.




Дар ноҳия имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои боири ҳудуди ҷамоатҳои Танобчӣ (15 га), Бобоюнус (68 га) ва Қарақамиш (46 га), (ҳамагӣ заминҳои боир 129 га, аз ин 1 га замини обӣ) мавҷуд аст. Ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани ин заминҳо яке аз самтҳои асосии Барнома аст.

Соли 2014 дар майдони 18562 га кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки аз ин 13378 га ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 5184 га ба аҳолӣ рост меомад.

Дар сохтори майдони кишти зироатҳо ҳиссаи зиёдро ғалладонагӣ (87%) ишғол менамояд.

*Истифодаи замин аз рӯи кишти зироатҳо*
*дар соли 2014 (дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ)*




**Маҳсулоти кишоварзӣ ва даромад аз он.** Соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 247,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 144,3 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ (58,4%) ва 102,8 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ (41,6%) рост меояд. Ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд аст. Тибқи маълумоти расмӣ дар ноҳия ба ҳар як нафар 546,5 кг ғалладонагӣ, 27,6 кг картошка, 99,2 кг сабзавот, 25,6 кг мева ва 41,7 кг ангур, 67,4 кг гӯшт, 100,8 литр шир, 26,5 дона тухм ва 0,64 кг асал рост меояд.

*Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ*
*дар солҳои 2010-2014 (млн. сомонӣ)*




Тибқи нишондиҳандаи дурнамо дар ноҳия соли 2018 нисбат ба соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 8,6 фоиз зиёд хоҳад шуд.

*Дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таи солҳои 2015-2018 бо нархҳои ҷорӣ (млн. сомонӣ)*




**Растанипарварӣ.** Растанипарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҷмӯи умумии маҳсулоти кишоварзӣ 58,4 фоизро ташкил медиҳад. Рушди соҳа дар афзоиши даромади хоҷагиҳо нақши калон дорад ва аз ин сабаб ба ин соҳа бештар аҳамият дода мешавад. Хоҷагиҳои ноҳия ба парвариши ғалладонагӣ (гандум, ҷав, нахӯд, лубиё), зироатҳои техникӣ (зағир, кунҷит, маҳсар), картошка, сабзавот (карам, сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг ва ғ.), полезӣ (тарбуз ва харбуза) ва хӯроки чорво (юнучқа) машғуланд.

*Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ*

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Ченак | Солҳо | | | | С.2014 нисбати с.2011 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 1.Ғалладонагӣ | тонна | 31218 | 32665 | 33451 | 34460 | 110 |
| Майдони кишт | га | 15852 | 15307 | 15842 | 14858 | 93,7 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 19,7 | 21,3 | 21,1 | 23,2 | 117,7 |
| 2.Сабзавот | тонна | 2959 | 3068 | 3425 | 4004 | 135 |
| Майдони кишт | га | 167 | 170 | 183 | 215 | 128,7 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 177,2 | 180,5 | 187,2 | 186,2 | 105 |
| 3.Картошка | тонна | 1502 | 1575 | 1583 | 1743 | 116 |
| Майдони кишт | га | 97 | 99 | 112 | 123 | 126,8 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 154,9 | 159,2 | 141,4 | 141,8 | 91,5 |
| 4.Полезӣ | тонна | 7987 | 7741 | 7034 | 7168 | 90 |
| Майдони кишт | га | 648 | 622 | 559 | 468 | 72,2 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 123,3 | 124,5 | 125,2 | 153,2 | 124,2 |
| 5.Мевагӣ | тонна | 1605 | 1619 | 1620 | 1622 | 101 |
| Майдони мевагӣ | га | 274 | 277 | 277 | 277 | 101 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 58,6 | 58,5 | 58,5 | 58,8 | 100,3 |
| 6.Ангур | тонна | 2078 | 2100 | 2631 | 2637 | 127 |
| Майдони ангур | га | 375 | 362 | 363 | 363 | 96,8 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 55,4 | 58 | 72,5 | 72,6 | 131 |
| 7.Зироатҳои х/чорво | тонна | 759 | 937 | 951 | 953 | 125 |
| Майдони кишт | га | 355 | 375 | 375 | 375 | 105,6 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 21,4 | 25 | 25,4 | 25,4 | 118,6 |

Гарчанде истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ таи се соли охир 3,3 фоиз афзоиш ёфта бошад ҳам, вале талаботи дохилии ноҳияро қонеъ карда наметавонад. Дар ноҳия имконияти зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани 129 га заминҳои партови аз фаъолият бозмонда мавҷуд аст. Таи солҳои охир аз сабаби норасогии оби полезӣ, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, шӯрнокии хок ва фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашии ҷамоати деҳоти Танобчӣ, ҳосилнокии зироатҳо нисбатан паст гардидааст. Дар ҳолати тоза намудани заҳбуру заҳкашҳо ва таъмиру барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ, дар ноҳия имконияти то 21 фоиз зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ пайдо мешавад. Сабаби дигари паст шудани ҳосилноки зироатҳо, нокифоягии тухмии хушсифат, гаронии нархи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, сари вақт истифода набурдани нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо ва умуман риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ мебошад.

*Сабабҳои асосии ҳосилнокии нисбатан пасти зироатҳо нисбат ба сатҳи имкониятдошта чунинанд:*

- Рушди раванди шӯршавии хок. Бо сабаби кам гардидани маблағгузорӣ, таи солҳои охир хизматрасонии техникии шабакаҳои оби полезӣ, пойгоҳҳои обкашӣ, наҳрҳои (каналҳо) обёрикунанда ва шабакаи заҳбурҳо (дренаж) гузаронида намешавад. Хизматрасонии нокифояи техникӣ ва ҳолати ғайриқаноъатбахши дренажӣ ба баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии хок оварда мерасонад.
- Бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо.
- Норасогӣ ва ё самаранок истифода набурдани нуриҳои маъданӣ ва дигар заҳрхимикатҳо.
- Истифодаи сусти низоми киштгардон.
- Мавҷуд набудани харитаи агрокимиёвии заминҳо.

***Ғалладонагӣ.*** Дар ноҳия 87%-и майдонҳои кишт барои парвариши маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, ҷав, нахӯд, зағер ва шолӣ ҷудо карда шудааст. Дар сохтори майдони кишти ғалладонагӣ (11375 гектар) 75,2 фоизро кишти гандум ташкил медиҳад. Дар ноҳия ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ, ки дар як қисми замини худ гандум парвариш мекунанд 41 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2014 дар қиёс ба соли 2013 истеҳсоли ғалладонагӣ беш аз 2,5 фоиз зиёд гардида, майдони кишти он бошад 632 гектар ё 6,2 фоиз аз ҳисоби замини талу теппаҳо зиёд гардидааст.

Дар баробари чорводорӣ ва ғаллакорӣ, барои ноҳия сабзаводкорӣ, боғдорӣ ва кишти полезӣ низ, самтҳои афзалиятнок мебошанд.

***Сабзавоткорӣ.*** Дар ноҳия кишти сабзавот барои таъмини бозори дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Ба парвариши сабзавот асосан хоҷагиҳои хонагӣ ва деҳқонӣ шуғл доранд, маҳсулоти кишткардашуда бошад 4,0 фоиз ба сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 47 фоиз ба аҳоли рост меояд.

Соли 2014 нисбат ба соли 2012 майдони кишти сабзавот 0,8 фоиз кам шуда бошад ҳам, истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ 24,8% ва ҳосилнокии он 12,6 % афзоиш ёфтааст. Аҳолӣ асосан ба парвариш сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам, картошка, тарбуз, харбуза ва каду шуғл дорад, зеро он яке аз сарчашмаҳои асосии даромад барои аксарияти аҳолӣ мебошад. Маҳаллаҳои сабзавоткории ноҳия асосан дар ҷамоатҳои шаҳраки Совет, Танобчӣ ва Бобоюнус воқеъ гардидаанд, маҳсулотҳои полезӣ бошад, асосан дар заминҳои лалмии ҷамоатҳои Л.Қармишев, Кангурт, С.Раҳимов ва Қарақамиш парвариш карда мешаванд.

Тибқи нақшаи нишондиҳандаи дурнамои солҳои 2015-2018 дар ноҳия бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ ва пешгирӣ намудани афзоиши нарх дар бозор, афзоиши ҳамасолаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ пешбинӣ гардидааст.




Мутобиқи нақшаи дурнамо тӯли солҳои 2015 - 2018 васеъ намудани майдони заминҳои кишоварзӣ аз ҳисоби ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва боир дар назар аст.

Сабаби солҳои охир инкишоф наёфтани соҳаи кишоварзӣ бахусус растанипарварӣ аз омилҳои зерин вобаста аст:

- *дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзӣ оиди банақшагирӣ, истеҳсол, коркард, фурӯши пахта ва маҳсулоти он;*
- *набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;*
- *маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат;*
- *паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус таъминоти нокифояи оби полезӣ ва ҳолати ғайриқаноъатбахши роҳҳои маҳаллӣ;*
- *қарздории хоҷагиҳои деҳқонӣ;*
- *набудани кафолати озод барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар интихоби кишти зироат.*

**Боғпарварӣ.** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва даромадноки ноҳия аст. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ дорад, зеро дар афзун ва қонеъ гардонидани талаботи рузафзуни бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза нақши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии ноҳия мебошад.

Иқлими ноҳияи Темурмалик имконият медиҳад, ки майдони боғотро аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил васеъ намуда, талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ пурра бо меваи тару тоза таъмин шавад. Дар солҳои охир аз сабаби норасогии об бисёр дарахтони субтропикӣ хушк шуданд (аз ҷумла 12 га боғи себ, 19 га боғи ангур, 8 га боғи анор, 3 га гелос, ҳамагӣ 42 га). Дар ҳолати бо об таъмин намудани ин боғҳо эҳтимолияти гирифтани даромади иловагӣ пайдо мешавад, вале аз сабаби дастрасӣ надоштан ба оби полезӣ, хоҷагиҳо хисороти зиёд дида, ҳосили дилхоҳ ба даст оварда наметавонанд. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) дар суръатбахшии ҳалли масъалаҳои ичтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин тақозо ба он дорад, ки боғдорӣ дар оянда ривоҷ дода шавад. Солҳои охир барои амалӣ гардонидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009 №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» зиёд намудани майдони боғу токзор, истеҳсоли мева ва ангур дар солҳои оянда ба нақша гирифта шудааст.Тайи солҳои 2012-2014 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 509 га боғи нави дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан бунёд карда шудааст, ки барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли меваҷот ва таъмини аҳолӣ ба масолеҳи сохтмонӣ имконият медиҳад. Се соли охир гарчанде дар ноҳия майдони боғу токзор зиёд шуда

бошад ҳам, вале то кунун ягон корхонаи коркарди мева бунёд нашудааст. Аз сабаби набудани корхонаи коркарди мева, дар мавсими ҳосилғундорӣ қисми мева талаф ёфта, боиси хисороти зиёди хоҷагиҳо мегардад.

Хоҷагиҳои боғпарварии ноҳия аз дарахтони мевадиҳанда бештар ба парвариши дарахтони себ, зардолу, бодом, шафтолу, олу, нок, хурмо ва аз дарахтони бемева ба парвариши сафедор ва бед машғул мебошанд. Дарахтони ситрусӣ ва субтропикӣ 0,3%, боғот 57,3%, тутзор 4,8 %, дарахтзор 0,8% ва токзор 35,8%-и майдони умумии дарахтони бисёрсоларо дар ноҳия ташкил медиҳад.

Солҳои охир истифода набурдани заҳрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ ба муқобили ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон боиси нест шудани қисми боғу токзорҳо дар ноҳия гардида, ба паст шудани ҳосилнокӣ оварда расонидааст. Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли меваҷот кӯмак расонад.

Дар доираи Барномаи мазкур, бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, соли 2016 дар ҳудуди ноҳия бунёди 1 адад корхонаи хурди коркарди мева ва сабзавот пешбинӣ мегардад.

**Таъминоти оби полезӣ.** Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо яке аз мушкилиҳои асосии ҷойдоштаи соҳаи кишоварзии ноҳия маҳсуб меёбад. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар ноҳия "Идораи давлатии хоҷагии об" мавҷуд нест, ҳол он, ки ноҳия 2 иншооти обрасонӣ ва 2 пойгоҳӣ обкашӣ низ, дорад. Дар бахши таъминоти оби полезӣ ва ҳолати мелиоративии заминҳо мушкилотҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳалли онҳо рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзиро муайян месозад. Айни замон зиёда аз 109 гектар замини кишоварзӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ буда, зиёда аз 131 гектар замин дар ҳолати шӯршавӣ қарор дорад.

Дар ноҳия майдони умумии заминҳои обии кишоварзӣ 852 га-ро ташкил медиҳад. Тибқи кадастри ҳисоботи ОВХ-1 заминҳои ҳолати мелиоративиашон қаноатбахш 689 га, ғайриқаноатбахш 235 га мебошад, аз он ҷумла шурнокиаш паст 539 га ва шӯрнокиаш миёна 319 га ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳудуди ноҳия заминҳои обӣ тавассути наҳрҳо ва пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд ва аз сабаби суст будани низоми маблағгузорӣ, кӯҳнаву фарсуда шудани техника ва таҷҳизотҳои мавҷуда солҳои охир қариб 129 га замини обӣ аз гардиши кишоварзӣ берун мондааст.

Дарозии умумии шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳои ноҳия 22,4 км-ро ташкил дода, аз ин 16 км дар тавозуни хоҷагиҳои деҳқонӣ, 8 км дар тавозуни ҷамоатҳои деҳот мебошад.

Аз 12 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ - 5,7 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш, ва аз 10,4 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ - 7,4 км дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад. Шумораи умумии чоҳҳои назоратӣ дар ноҳия 6 ададро ташкил дода, аз ин 3 адад дар ҳолати корношоям қарор дорад.

*Ҳолати пойгоҳҳои обкашӣ*

| № | Номгӯи ҷамоатҳо | Ҳамагӣ | Омодаи кор | Таъмирталаб | Миқдори заминҳое, ки об медиҳанд, га |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шаҳраки Совет | - | - | - | - |
| 2 | Танобчӣ | 2 | 1 | 1 | 207 |
| 3 | Л.Қармишев | - | - | - | - |
| 4 | С.Раҳимов | - | - | - | - |
| 5 | Кангурт | - | - | - | - |
| 6 | Қарақамиш | - | - | - | - |
| 7 | Бобоюнус | - | - | - | - |
| | Ҷамъ | 2 | 1 | 1 | 207 |

Каналҳои обтаъминкунии байнихоҷагии ҳудуди ноҳия 19 км буда, 59 фоизи он (12 км) дар ҳолати ғайриқаноатбахш мебошад. Каналҳои дохилихоҷагӣ 418,6 км-ро ташкил медиҳанд.

Зиёда аз 207 га замини кишти ноҳия тавассути пойгоҳи обкашии Танобчӣ бо оби полезӣ таъмин карда мешавад ва пойгоҳи номбурда аз сабаби саривақт таъмир нагардидани 6 агрегати он, кӯҳнаву фарсуда шуда, барои хоҷагиҳо дар таъмини саривақтии киштзорҳо бо оби полезӣ мушкилоти иловагиро ба вуҷуд меорад.

Истифодаи об аз каналҳо аз ҷониби хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст ва дар бисёр ҷойҳо каналҳо аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ худсарона сӯрох карда шуда, боиси талафоти оби полезӣ мегардад. Дар натиҷа сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд шуда, ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад. Дар натиҷаи истифодаи дарозмӯҳлат иншоотҳои обтақсимкунӣ низ фарсуда гаштаанд. Сатҳи талафот ва бухоршавии об дар ноҳия ба ҳисоби миёна 27,2 фоизро ташкил менамояд.

Сабаби асосии бад шудани ҳолати мелиоративи заминҳо ин саривақт иҷро нашудани чорабиниҳои мелиоративӣ (тоза нашудани шабакаҳои заҳбурҳо ва махсусан заҳбурҳое, ки дар тавозуни Асотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд) ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ мебошад.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдоштаи соҳа, дар ноҳия тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2009 №612 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» таи се соли охир ҳолати мелиоративии заминҳои ноҳия беҳтар карда шуд. Дар соли 2014 майдони 319 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия тавассути коркарди заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати бади мелиоративӣ ба ҳолати қаноатбахш гузаронида шудааст. Хароҷоти маблағҳо дар ин самт таи ду сол аз ҳисоби буҷаи маҳалли 105 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ 58 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби худмаблағгузории хоҷагиҳо 72 ҳазор сомониро ташкил додааст.




Дар се соли охир (солҳои 2012-2014) 66 км заҳбуру заҳкашҳои ноҳия тоза гардида, дар маҷмӯъ ҳамагӣ 1020 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия ба ҳолати қаноатбахши мелиоративӣ баргардонида шуданд, ки 10 фоизи заминҳои умумии обии кишоварзии ноҳияро ташкил медиҳад ва зарурияти ба 33 фоиз расонидани ин нишондод, дар асоси риояи дурусти қоидаҳои гидротехникӣ, талаб карда мешавад. Мувофиқи меъёрҳои муқараргардидаи гидротехникӣ, дар се сол як маротиба заҳбуру заҳкашҳо аз лою гил тоза карда мешаванд, то ин ки ҳолатии хуби мелиоративии заминҳо нигоҳ дошта шавад. Аммо ин меъёр на ҳамеша риоя карда мешавад.

Дар мавзеи Ҷайралии ҷамоати деҳоти «Танобчӣ» аз сабаби кор накардани пойгоҳи обкашӣ, ҳолати беш аз 300 га замини кишоварзии обӣ ғайриқаноатбахш гаштааст. Дар натиҷаи обхезиҳои солҳои охир 19 гектар заминҳои кишоварзӣ, 12 км иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва садди (дамбаи) дарёи Қизилсу ва 2,1 км иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, саддҳои дарёи Тоирсу хароб гашта, ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ

доранд. Майдони умумии заминҳое, ки тавассути иншоотҳои обтаъминкунӣ обёрӣ карда мешавад 1509 гектарро ташкил медиҳад. Аз дарозии умумии каналҳои обёрӣ, ба ҳолати 01.01.2015 беш аз 27 фоиз тоза гардидааст ҳалос.

*Иншоотҳои обтаъминкунии н. Темурмалик*

| № | Номгӯи каналҳо | Майдони кишт (га) | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тоза шуда (км) |
| 1. | Канали магистралии «Танобчӣ» | 207 | 7 | 2 |
| 2. | Канали «Шибанай» | 75 | 8 | 3,3 |
| 3. | Канали «Шаҳрак» | 204 | 9 | 4,1 |
| Ҷамъ | | 486 | 24 | 9,4 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки корҳои муваффақ дар самти тоза намудани шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳо дар ҷамоати шаҳраки Совет ва ҷамоати деҳоти Бобоюнус ба назар расида, мушкилоти асосӣ дар ин самт дар ҷамоати деҳоти Танобчӣ дида мешавад. Сабаби асосии сари вақт тоза нагардидани шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳо дар ҷамоатҳои деҳот, пеш аз ҳама, вазъи ногувори молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ мебошад. Дар натиҷаи ин, пардохти ҳаққи хизматрасонии об қисман анҷом дода шуда, дар бисёр мавридҳо аз ҷониби худи хоҷагиҳо низ, корҳои тозакунии шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳо (дар муозинати онҳо қарор дошта) сари вақт ба сомон расонида намешавад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни киёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 22,4 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2014 хоҷагиҳои чорводории ноҳия ба андозаи 74,6 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар солҳои 2012-2014*

| Номгӯи махсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 2014 нисбати соли 2012 (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Гӯшт | тонна | 3626 | 3913,3 | 4263,3 | 117,5 |
| Шир | тонна | 5181 | 5730 | 6382,6 | 123 |
| Тухм | хаз. дона | 1511,3 | 1599 | 1675,8 | 111 |
| Пилла | тонна | 13,4 | 14,5 | 9 | 67 |
| Асал | тонна | 21 | 33,6 | 40,8 | 194,2 |
| Пашм | тонна | 290,2 | 291,5 | 300,4 | 103,5 |
| Моҳӣ | тонна | - | - | 1,7 | - |



Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи чорводорӣ то соли 2018 тибқи дурнамои рушди соҳа мунтазам зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мебошад.

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия ҳамагӣ 29836 сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шудааст, ки аз он 11817 сарро модагов ташкил медиҳад.

*Саршумори чорво дар солҳои 2012-2014 (сар)*

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | | 2013 | | | 2014 | | |
| | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонавода | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонавода | Ҳамагӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ | хоҷагии хонавода |
| Чорвои калони шохдор | 29179 | 6597 | 22582 | 29466 | 6659 | 22807 | 29836 | 6801 | 23035 |
| аз он ҷумла, модагов | 11742 | 1762 | 9980 | 11784 | 1786 | 9998 | 11817 | 1799 | 10018 |
| Бузу гӯсфанд | 83811 | 28663 | 55148 | 87416 | 32048 | 55368 | 90679 | 35090 | 55589 |
| Асп | 3632 | 1624 | 2008 | 3635 | 1625 | 210 | 3647 | 1635 | 2012 |
| Парранда | 40089 | 7567 | 32522 | 40206 | 7587 | 32619 | 40768 | 8051 | 32717 |
| Занбӯри асал (оила) | 1170 | 457 | 713 | 1184 | 458 | 726 | 1298 | 468 | 830 |

Пайваста зиёд намудани саршумори чорво, яке аз ҳадафҳои асосии рушди соҳа дар давраи то соли 2018 маҳсуб ёфта, бахри таъмини амнияти озуқаворӣ нигаронида шудааст. Дар ноҳия 93,1% саршумори чорво ба сектори аҳолӣ ва 6,9% ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд. Дар ноҳияи Темурмалик 2 хоҷагии зотпарварӣ фаъолият дорад. Барои беҳтар ва зиёд намудани маҳсулнокии чорво дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия 3 нуқтаи бордоркунии сунъӣ ташкил гардидааст (шумораи умумиашон 5 адад) ва тавассути он 30 фоизи чорво дар ноҳия ба таври сунъӣ бордор карда мешавад.




| | Чорвои калони шохдор | аз он ҷумла, модагов | Бузу гӯсфанд | Асп | Парранда | Занбӯри асал (оила) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 30134 | 11841 | 93599 | 3658 | 41176 | 1304 |
| 2016 | 30435 | 11865 | 96200 | 3669 | 41588 | 1311 |
| 2017 | 30539 | 11889 | 99086 | 3680 | 42044 | 1318 |
| 2018 | 31046 | 11918 | 102058 | 3691 | 42464 | 1325 |

Бо мақсади беҳтар намудани зоти чорво қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007 №501 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди зоотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» ба тасвиб расидааст, ки дар заминаи он дар ноҳия соли 2012 Хоҷагиҳои зотпарварии ҷамоавии «Кангурт» ва «Олучабулоқ» ба шабакаи хоҷагиҳои зоотпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шуд, ки барои хушзот намудани зотҳои мавҷуда замина мегузорад. Дар баробари ин, барои дар оянда беҳтар намудани зоти чорво ва

гирифтани насли чорвои солим дар ноҳия 30 сар буқаҳои зотӣ, 56 сар қушқорҳои зотӣ ва 13 аспҳои зотӣ парвариш ва нигоҳубин карда мешавад.

Дар ноҳияи Темурмалик барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст (67,8%-и майдони умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо 64820 га ташкил медиҳанд) ва ҳамаи хоҷагиҳои чорводории ноҳия бо чарогоҳҳои зимистона таъмин мебошанд.

Мушкилии асосӣ барои хоҷагиҳои чорводор набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ аст. Таъсиси корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва пашм бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия дарояндаи наздик мебошад. Ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар таъмини аҳолӣ ба ҷойи нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, соли 2015 дар ноҳия дар ҳудуди шаҳраки Совет аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ Каримов Қурбон бунёди «Корхонаи чорвопарварӣ ва коркарди маҳсулоти ширӣ» (дорои 60 сар чорвои калони шохдор) пешбинӣ гардидааст.

***Коркарди пӯст ва пашм.*** Рушди соҳаи коркарди ашёи чорво (пӯст ва пашм) бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи маҳаллӣ, ҷиҳати пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ ва аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани истеҳсоли содиротии ноҳия, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашми дар ноҳия мавҷудбуда, аз сабаби набудани нуқтаҳои қабул ва коркард истифода намегардад. Бо ин мақсад «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» ба тавсиб расидааст, ки дар доираи он ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм), зиёд кардани истеҳсол ва ҷамъоварии ашёи хоми чорво дар ноҳияҳои чорводорӣ ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар назар дошта шудааст. Тайи 20 соли охир дар ноҳия ҷамъоварии пӯсту пашм ба роҳ монда нашудааст, ки ин ба зарари хоҷагиҳои чорводор мебошад. Соли 2015 дар ҳудуди ноҳия бунёди 1 адад корхонаи хурди коркарди шир ва 1 адад корхонаи хурди коркарди пӯст пешбинӣ шудааст.

**Паррандапарварӣ.** Дар ноҳия 40768 сар парранда ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 19,4 фоиз ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 80,6 фоиз ба сектори аҳолӣ рост меояд. Бо мақсади рушди соҳаи паррандапарварӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.10.2006 №451 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007 - 2015» ба тасвиб расидааст ва дар заминаи он дар ноҳияи Темурмалик бо ҷалби сармояи дохилӣ соли 2014 комплекси парандапарварии ҶДММ «Фаридун» бо иқтидори солонаи истеҳсоли 600 ҳазор дона тухм ва 10 тонна гӯшти паранда ташкил гардид, ки дар натиҷаи фаъолияти он 22 ҷойи нави корӣ муҳайё гардид. Дар назар аст, ки то соли 2018 дар доираи Барномаи мазкур, иқтидори истеҳсолии корхонаи номбурда то 850 ҳазор дона тухм ва 40 тонна гӯшти паранда зиёдтар карда шавад ва дар ин замина 20 ҷойи нави кории иловагӣ ташкил мегардад.

**Занбӯриасалпарварӣ.** Занбӯриасалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳияи Темурмалик барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид аст. Захираҳои маҷудаи растаниҳои шаҳддиҳандаи ноҳия имкон медиҳад, ки шумораи оилаи занбӯри асал зиёд карда шуда, истеҳсоли он дучанд карда шавад. Солҳои охир соҳаи мазкур дар ноҳия рушд ёфта, истеҳсоли асал тадриҷан зиёд шудааст. Истеҳсоли асал аз 21 тоннаи соли 2012 ба 40,8 тонна дар соли 2014 расонида шуд, ки ин нишондиҳанда ба 19,2 тонна ва ё 194,2 фоиз зиёд мебошад.

Зиёд намудани истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия аст.

**Соҳаи байторӣ.** Рушди соҳаи чорводорӣ, асалпарварӣ ва паррандапарварӣ аз хадамоти сифатноки байторӣ ҷиҳати саривақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад.

Дар ноҳия дар соли 2014 як идораи байторӣ, 3 адад клиникаи хусуси байторӣ (дар деҳаҳои Қушқия, Ҷорубкул ва Танобчӣ), 3 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ (воқеъ дар шаҳраки Совет, деҳаи Танобчӣ, Кангурт), 2 адад нуқтаи мавсимии бордоркунии сунъии чорво (воқеъ дар Хоҷагиҳои зотпарварии ҷамоавии «Кангурт» ва «Олучабулоқ»), 1 Ассотсиятсияи бойторӣ ва 4 дорухонаҳои байторӣ (2 адад дар маркази ноҳия ва 2 адад дар ҷамоати деҳоти Кангурт), 1 нуқтаи таъминоти маводҳои байтории аз ҷониби Ассотсиатсияи байтории ҷумҳуриявӣ таъсисгардида, фаъолият дорад.

Дар ноҳия ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои бруселёз, сил, қарасон (эмкар), хорӣ (бешенство), касалиҳои хунию паразитии тейлориоз (аз ҳисоби таъсири ҳашаротҳои зараррасон - кана, хомушак ва пашшаи ёбоӣ), табларзаи ҳайвонот ва дигар касалиҳо дар байни чорвои калон ва моли майда ба назар расида, ҳамзамон дар байни парандагон ва мурғони хонагӣ касалиҳои Нюкасла, тоун ва пастерлиоз аҳёнан ба вуҷуд меояд.

Маводи биологии пешгирии касалиҳои сирояткунанда: сухтанӣ 100%, вабои сумдард 13%, гули моли майда 4%, барои ташхиси касалии сил- туберкулин ппд 17%, ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 16% аз ҳисоби маблағҳои эпизотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, ин пеш аз ҳама, фарсудаю таъмирталаб гаштани идораи байтории ноҳияи Темурмалик (бино соли 1958 сохта шудааст), набудани мошини ёрии байторӣ, набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, мутахассисони баландихтисос, музди меҳнати ночиз, норасогии либосҳои махсус, нуқтаҳои стандартии забҳи чорво, норасогии клиникаҳои байторӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва таъмин набудан ба ваксинаҳо ва доруҳои дезинфексионию дезинэксионӣ мебошад. Дар ҷамоатҳои ноҳия барои безарар гардонидани чорвои фавтида ҷои махсус – чуқурии Бейкер, вуҷуд надорад.

Дар соли 2014 бо мақсади беҳтар намудани таъминоти клиникаҳои байтории хусусӣ (1 адад) бо таҷҳизотҳои лозимиии замонавӣ аз ҷониби Ассотсиятсия байторони Тоҷикистон (АБТ) кӯмакҳои моддӣ расонида шуд. Мутаассифона, дигар муассисаҳои соҳа дар шароити номувофиқи корӣ фаъолият намуда, ба чунин кӯмак ва дастгириҳо эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин, аз 4 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъие, ки дар сатҳи ҷамоатҳо мавҷуданд, танҳо 2 адади онҳо пурра фаъолият мекунанду халос. Нарасидани азот ва нутфа барои беҳтар намудани зоти чорвои аҳолӣ, яке аз мушкилотҳои асосии соҳа маҳсуб меёбад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инфексионӣ, инвазионӣ, дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Беҳтар намудани хизматрасонии байторӣ, ташкил намудани ҷойҳои махсус барои забҳ (ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим), гуронидан ва сузонидани чорвои талафёфтаи шубҳанок, дорои касалии сироятӣ ва дар ин замина тоза нигоҳ доштани муҳити атроф, яке аз самтҳои асосии барнома дар панҷ соли оянда мебошад.

Маҳдуд будани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилии ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

**Моҳипарварӣ.** Дар ноҳия 1 хоҷагии моҳипарварии «Меҳр» фаъолият дорад. Майдони умумии заминҳои ба моҳипарварӣ фарогирифташуда 1,7 гектарро ташкил

медиҳад. Бо мақсади рушди соҳаи моҳипарварӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008 №306 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2009-2015» қабул карда шудааст. Ҷиҳати иҷрои қарори мазкур дар заминаи хоҷагии моҳипарварии «Меҳр» расонидани истеҳсоли моҳӣ то ба 35 тонна пешбинӣ гардидааст. Зеро рушди соҳаи моҳипарварӣ дар қатори дигар бахшҳои кишоварзӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва дар ин замина нигоҳдории солимии аҳолӣ нақши муҳим мебозад. Иқлими мусоид ва шароити мувофиқи ноҳия имконият медиҳад, ки дар ин ҷо намудҳои гуногуни моҳӣ истеҳсол ва парвариш карда шавад. Ҷойгир будани ноҳия дар канори дарёи Сурхоб барои бунёди ҳавзҳо ва ташкили хоҷагиҳои моҳипарварӣ шароити мусоидро фароҳам меорад.

**Хоҷагии ҷангал.** Дар ноҳияи Темурмалик 462 га ҷангалу бешазор, 616 га буттазор мавҷуд бошад ҳам, хоҷагии идоракунандаи ҷангалпарварӣ мавҷуд нест. Дар ҷангалзорҳои ноҳия асосан бед, сафедор, ар-ар, хуч парвариш меёбанд. Дар доираи "Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон" масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳтар намудани ҳолати муҳити зист, пешбинӣ шудааст. Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳия барои парвариши ниҳолҳои сояафкан ва зиёд намудани масоҳати ҷангалзор (23 га дар ҳудуди ҷамоати Кангурт), инчунин бо мақсади истеҳсоли маводи сохтмонӣ, бунёди ҷангал дар масоҳати 31 га дар ҷамоатҳои деҳоти Қушқия ва С.Раҳимов пешбинӣ шудааст.

Дар ноҳия гиёҳҳои шифобахш аз қабили ҷамилак, испанд, ниҳолҳои хуч, ангат ва дигар дарахтону гиёҳҳои шифобахш мерӯянд, ки имконияти дар соҳаи дорусозӣ истифода бурдани онҳо вуҷуд дорад. Дар ҷангалзорҳои ноҳия ва ҳудуди заминҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ зиёда аз 50-60 намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд. Инчунин, шароити иқлим ва набототи ноҳия имкон медиҳад, ки хоҷагии ҷангали ноҳия то 120 оилаи занбӯри асалро парвариш намоянд.

Аз сабаби нокифоягии маблағ, корҳои бунёди ҷангалзорҳо дар сатҳи паст гузаронида мешаванд. Мавҷуд набудани муассисаи хоҷагии ҷангал, нокифоягии техника, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои байни ҷангалзор ва набудани техникаҳои махсуси сӯхторхомӯшкунӣ, норасогии доруҳои заҳрдор барои муҳофизати ҷангал аз ҳашарот ва касалиҳои дарахтон, норасогии техника ва мавҷуд набудани коргоҳи коркарди мева ва дигар маҳсулоти ҷангал дар ноҳия, мушкилоти соҳа маҳсуб меёбанд.

## 2.2. Соҳаи саноат

Дар доираи масъалаҳои рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия рушди соҳаи саноат яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Қатъи назар аз мавҷудияти захираҳои бузург ва иқтидорҳои маҳаллӣ соҳаи саноат дар ноҳияи Темурмалик на он қадар рушдёфта мебошад. Айни замон дар ноҳияи Темурмалик 8 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст.

Истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатӣ (ҶДММ "Хушсифат", Маркази хизматрасонии "Гулдастон", комплекси парандапарварии ҶДММ «Фаридун», коргоҳи истесоли хишт, 2 адад корхонаи истеҳсоли шағал ва сангреза, коргоҳи истеҳсоли пеноблоки ҶСК "Совет") тавассути истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар корхонаҳои саноатии ноҳия 162 нафар бо ҷои кор таъмин мебошанд, ки он 3,3%-и шумораи умумии аҳолии бо ҷои кор таъминро (аз ҷумла занон 15%) ташкил менамояд. Дар корхонаҳои саноатии ноҳия бо сабаби паст будани музди меҳнат, хусусан дар бахшҳои саноати сабук, норасогӣ ва аз кор рафтани мутахассисони касбӣ, мушоҳида мегардад. Сатҳи миёнаи музди меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ то 1 январи соли ҷорӣ, аз ҷумла дар соҳаи сохтмон-2190[1] сомониро ташкил дод.

---

[1] Манбаъ: Шиносномаи ноҳияи Темурмалик, соли 2015

*Корхонаҳои саноатӣ аз рӯи категорияҳо*

| № | Номи бахш | Шумораи корхонаҳои фаъолияткунанда |
|---|---|---|
| 1 | Саноати сабук | 2 |
| 2 | Саноати хӯрокворӣ | 2 |
| 3 | Саноати сохтмон | 4 |

Дар таркиби соҳавӣ ҷои махсусро коркард ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон ва истеҳсоли молҳои хӯрокворӣ ишғол менамояд. Феълан дар ноҳияи Темурмалик ду корхонаи сангу шағал бо иқтидори умумии 10 ҳазор тонна дар як шабонарӯз фаъолият менамоянд, ки 100%-и талаботи ноҳияро бо масолеҳи инертии сохтмонӣ қонеъ мегардонанд. Корхонаҳои саноатии ноҳия ба тағйири намуди истеҳсолот ва барориши намудҳои нави маҳсулот, махсусан истеҳсоли ашёи дуюмдараҷа ниёзманд мебошанд.

*Нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои саноатии ноҳия Темурмалик*

| № | Номгӯи | | Истеҳсоли маҳсулот | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 (1.01.2015) |
| 1. | Маҳсулоти дӯзандагӣ | ҳазор сомонӣ | 15,2 | 100,5 | 350,8 |
| 2. | Маҳсулоти нонӣ | ҳазор сомонӣ | 317 | 317 | 330 |
| 3. | Истеҳсоли орд | ҳазор сомонӣ | 5375,6 | 6181,4 | 6525,9 |
| 4. | Равғани растанӣ | ҳазор сомонӣ | 96 | 96 | 80 |
| 5. | Истеҳсоли гӯшт | ҳазор сомонӣ | 119,0 | 149 | 155,8 |
| | Ҳамагӣ: | ҳазор сомонӣ | 5922,8 | 6843,9 | 7442.5 |

Дар соли 2014 дар ноҳияи Темурмалик ба маблағи 7442,5 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2012 – 1519,7 ҳазор сомонӣ ё 16,1% ва нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2013 тақрибан 7,4% зиёд мебошад.




Дар ноҳия аз сабаби норасоии маблағҳои зарурӣ ва фармоишгарону бозори фурӯши маҳсулот, корхонаҳои саноатӣ бо иқтидори пурраи худ кор намекунанд, ки ин ҳам ба норасоии маблағ, набудани технологияҳои нав, кам истифода бурдани усулҳои ҳозиразамони менеҷменту маркетинг ва набудани марказҳои машваратӣ алоқаманд мебошад.

*Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои ноҳия дар солҳои 2012-2014*

| № | Номгӯи корхона ва истеҳсоли маҳсулот | Воҳиди ченак | Миқдори истеҳсоли маҳсулот | | | Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1 | ҶДММ «Хушсифат» | | | | | | | |
| | Орд | тонна | - | - | 25 | - | - | 25 |
| 2 | Корхонаи шағалбарории ҶДММ «Фараҳноз» | | | | | | | |
| | Шағал ва сангреза | м$^3$ | - | - | 648 | - | - | 30,4 |
| | Қум | м$^3$ | - | - | | | | |
| 3 | Коргоҳи шағалбарории ҷамоати шаҳраки Совет | | | | | | | |
| | Шағал ва сангреза | м$^3$ | | - | 300 | - | - | 13,5 |
| | Қум | м$^3$ | | | | | | |
| 4 | Маркази хизматрасонии «Гулдастон»-и ҷамоати шаҳраки Совет | | | | | | | |
| | Либосҳои занона, кудакона ва курпа | ҷуфт | - | 500 | 442 | - | 35,0 | 31,0 |
| 5 | Коргоҳи хиштбарории «Танобчӣ» | | | | | | | |
| | Хишт | дона | - | - | 45000 | - | - | 45000 |
| 6 | Сехи дузандагии «Кангурт» | | | | | | | |
| | Либосҳои занона, кудакона ва курпа | ҷуфт | | 769 | 4331 | - | 50,0 | 303,2 |
| 7 | ҶСК «Совет» | | | | | | | |
| | Пеноблок | дона | | - | - | - | - | - |
| 8 | ҶДММ «Фаридун» Комплекси парандапарварӣ | | | | | | | |
| | Тухм | ҳ. дона | - | - | - | - | - | - |
| | Гушти паранда | тонна | - | - | - | - | - | - |
| | Ҳамагӣ | | - | 1269 | 5746 | - | 85,0 | 45403,1 |

*Ҳолати корхонаҳои саноатии ноҳия (дар соли 2014)*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда | Иқтидори лоиҳавӣ/ солона | Истеҳсоли воқеии ҳозира/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифода-барандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶДММ «Хушсифат» | | 1200 м$^2$ | 1000 м$^2$ | Технологияи коршоям | шаҳрвандони ноҳия ва вилоят |
| 2. | Корхонаи шағалбарорӣ ҶДММ «Фараҳноз» | Тайёр намудани ашёи хом ва истеҳсоли шағал, сангреза ва қум | 1120 м$^3$ | 1080 м$^3$ | Технологияи коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 3. | Коргоҳи шағалбарории ҷамоати шаҳраки Совет | Тайёр намудани ашёи хом ва истеҳсоли шағал, сангреза ва қум | 1120 м$^3$ | 1080 м$^3$ | Технологияи коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 4 | Маркази хизматрасонии «Гулдастон»-и ҷамоати шаҳраки Совет | Либосҳои занона, курпа ва болишт | 300 ҷуфт | фаъолият менамояд | Технологияи коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 5 | Коргоҳи хиштбарории Танобчӣ | хишт | дона | фаъолият менамояд | Технологияи коршоям | Аҳолии ноҳия |
| 6 | Сехи дузандагии «Кангурт» | Либосҳои занона ва кудакона, либосҳои махсус | 420 ҷуфт | фаъолият менамояд | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия |

| № | Номгӯи корхонаҳо | Шакли фаъолият ва ё маҳсулоти истеҳсолшаванда | Иқтидори лоиҳавӣ/ солона | Истеҳсоли воқеии ҳозира/ солона | Ҳолати техникӣ | Истифода-барандагони маҳсулот |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | ҶСК «Совет» | Пеноблок | 1000 дона | фаъолият менамояд | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия ва берун аз он |
| 8 | ҶДММ «Фаридун» Комплекси парандапарварӣ | Тухм, Гушти паранда | Дона тонна | 30000 120 | Технологияи нав | Аҳолии ноҳия ва ҷумҳурӣ |

Айни ҳол мушкилоти асосии корхонаҳои саноатии ноҳия иборатанд аз қарздории корхонаҳо дар назди мақомотҳои андоз ва барқ, сатҳи пасти менеҷмент, набудани системаи муосири маркетинг, сатҳи пасти маблағгузориҳои мутамарказ, норасогии воситаҳои гардон, фоизи баланди воситаҳои қарзӣ, мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзнок, рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсолгардида, номунтазам дастрас гардидани барқ ва мавҷуд набудани гази табиӣ, ки ба рушди корхонаҳо монеъ мешаванд ва фазои сармоягузориро барои сармоягузорони потенсиалӣ маҳдуд менамоянд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди ноҳияи Темурмалик дар давоми солҳои 2016-2020 барои рушди соҳаи саноат, мусоидат намудан ҷиҳати бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои мавҷуда, зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатии хурду миёна ва дар ин замина самаранок истифода бурдани иқтидорҳои саноатӣ бо истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

***Иқтидорҳои саноатӣ.*** Ноҳияи Темурмалик барои рушди саноат имкониятҳои зиёд дорад. Истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табиии ва канданиҳои фоиданоке, ки дар ноҳия вуҷуд доранд, метавонад ба рушди ояндаи иқтисодиву иҷтимоии ноҳия мусоидат намояд. Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиии намак (дар мавзеъи Хоҷа Сартез ҷамоати деҳоти Л.Қармишев), ангиштсанг (дар ҷамоати деҳоти Кангурт), масолеҳи инертии бинокорӣ – гилхок ва шағал (дар ҷамоати Танобчӣ ва дар ҷамоати шаҳраки Совет) бой мебошад. Бояд қайд намуд, ки коркарди онҳо то ба ҳол ба роҳ монда нашудааст ва роҳандозӣ намудани коркарди захираҳои конҳои мавҷудаи ноҳияи Темурмалик метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти он таъсири мусбӣ расонад.

Дарёҳои мавҷуда ва рельефи ноҳияи Темурмалик барои бунёди НОБ-ҳои хурд хеле қулай мебошанд. Дар панҷ соли оянда дар доираи Барномаи мазкур бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохтмони НОБ-и хурд дар ҷамоати деҳоти Бобоюнус бо иқтидори 70 кВт) пешбинӣ мегардад.

Ноҳия инчунин барои рушди корхонаҳои саноатии хурд дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла коркарди пӯсту пашм дар мавзеи Кангурт, ташкили корхонаи хурди пеноблок дар мавзеи Кангурт ва корхонаи истеҳсоли хишт, иқтидори хуберо доро мебошад.

Ноҳияи Темурмалик аз растаниҳо ва гиёҳҳои шифобахш низ, бой аст ва дар сурати ташкили коркарди онҳо метавон ба рушди соҳаи дорусозӣ низ такони ҷиддӣ бахшид. Чашмаҳои гарми маъданӣ (1 адад) ва лойи шифобахш имконияти зиёдеро барои сохтмони истироҳатгоҳҳои замонавӣ фароҳам меоваранд. Дар ноҳия чашмаи гарму шифобахши шаҳраки Совет (51,4$^0$ С) ва лойи шифобахш (дар деҳаи Танобчии ҷамоати деҳоти Танобчӣ) мавҷуданд, ки тавъам бо табиати дилпазиру мафтункунанда ва бодy ҳавои мусоид ҷиҳати рушди бахши саёҳату табобат ва сайри кӯҳсору алпинизм камназир мебошад.

Ба рушди потенсиали саноатии ноҳия мавҷудияти ашёи хоми маҳалӣ мусоидат менамоянд. Майдонҳои истеҳсолии озод ва иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионӣ имконият медиҳанд, ки дар заминаи онҳо таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионие, ки аз нуқтаи назари камхарҷии маблағҳои мутамаркази ба сохтмони инфрасохтори истеҳсолӣ алоқамандбуда, иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионӣ, инчунин

воситаҳои истеҳсолоти бузургхарҷ ба роҳ монда шаванд. Дар оянда таи солҳои 2016-2020 ташкил намудани корхонаи муштарак бо ширкатҳои хориҷӣ оиди барориши маҳсулоти рақобатпазир, махсусан маҳсулотҳои соҳаҳои сохтмон ва саноати сабук бояд ба назар гирифта шавад.

Бо мақсади беҳтар намудани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шароитҳои мусоид барои рушди соҳа, зарурият ба миён омадааст, ки дар заминаи корхонаҳои мавҷуда, коргоҳҳои хурд барои коркарди ашёи хоми дар ноҳия истеҳсолшаванда (пахта, мева ва сабзавот, пӯсту пашм, коркарди пила) ташкил карда шавад. Дар ноҳия имкониятҳои мувофиқ ҷиҳати ташкили корхонаи истеҳсоли маснуоти оҳану бетон ва дигар маводи сохтмонӣ мавҷуд мебошад, ки барои ҳалли мушкилиҳои сохтмон ва таъминоти аҳолӣ бо манзил нақши назаррас мебозад.

Айни ҳол ба рушди устувори соҳаи саноат дар ноҳияи Темурмалик ҷалби нокифояи сармояи хориҷию дохилӣ, мавҷуд набудани инфрасохтори лозимӣ, нокифоягии маблағгузорӣ, ворид нагардидани технологияҳои муосири саноати кӯҳкорӣ ва норасогии мутахассисони соҳибтаҷриба, монеагӣ менамоянд. Бинобар ин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо сохторҳои вилоятӣ, соҳибкорон, ташкилотҳои байналхалқии дар ҷумҳурӣ фаъолиятдошта ва вазорату идораҳои дахлдор, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва бизнес нақшаҳоро таҳия намуда оиди ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир барои ташкили корхонаҳои нави истеҳсолии хурду миёна ва воридоти технологияҳои муосир ҳамкориро ҷоннок намояд.

***Мушкилиҳои асосӣ.*** Аз сабаби ҷавон будани соҳаи саноат дар ноҳия мушкилоти дарёфти дархости мизоҷон вуҷуд дорад. Маҳсулоти истеҳсолшуда саривақт ба фурӯш намеравад. Алалхусус истеҳсол ва фуруши пеноблок, ки мардуми ноҳия омодаи истифодабарии ин намуди маҳсулот нестанд, нисбатан душвор аст. Зиёд будани воридоти маҳсулоти сохтмонӣ аз беруни ноҳия, барои истехсолкунандагони дохили рақобатро ба вуҷуд меорад. Вақтҳои охир ҶСК «Совет» ба ҷои пеноблок сутунҳои бетонӣ бароварда истодааст. Баъзе корхонаҳо фаъолиятро қатъ намуданд ва баъзеашон истеҳсолоти худро тағйир дода, ба барориши намудҳои нави маҳсулоти серталабот шурӯъ намуданд.

**2.3. Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)**

***Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Барои рушди ноҳияи Темурмалик соҳибкории хурду миёна аҳамияти муҳим дорад. Аммо бо назардошти ноҳияи кӯҳӣ ва дурдаст будани он бахши СХМ асосан тавассути савдои хурди чакана, кишоварзӣ ва ғайраҳо акнун рушд ёфта истодааст. Рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Темурмалик аз рушди соҳибкории хурду миёна алоқаманд мебошад. Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳим дорад ва бояд дарояндаи миёнамӯҳлат соҳаи асосии рушди иқтисодиёти ноҳия гардад.

Тибқи натиҷаҳои таҳлил дар ноҳияи Темурмалик шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2014 ҳамагӣ 333 ададро (аз ҷумла 132 шахси ҳуқуқӣ ва 201 адад шахси воқеъӣ) ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 4860 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2014 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 127 нафар буданд, аз ҷумла 35 нафарро (ё 28,4%) занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 38 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар ноҳияи Темурмалик 12 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи савдо (ҷамъ 65 субъект), кишоварзӣ (ҷамъ 29 субъект), нақлиёту алоқа (ҷамъ 40 субъект) ва хизматрасонӣ (ҷамъ 39 субъект) машғул мебошанд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии субъектҳои дар

бахши СХМ-и ноҳия машғул буда мутаносибан 19,5%, 8,7%, 12% ва 11,7%-ро ташкил медиҳад.

*Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли 2014*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайдгирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридоти андозҳо ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | Шумораи ҷойҳои корӣ | %-аз шуғли умумӣ | Сомонӣ | %-аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ |
| Кишоварзӣ | 23 | 6 | 2137 | 21,4% | 132456 | 7,6% |
| Саноат | 3 | 8 | 19 | 0,27% | 34563 | 1,9% |
| Сохтмон | 2 | 4 | 56 | 0,64% | 314746 | 18,1% |
| Нақлиёт ва алоқа | 4 | 36 | 109 | 1,24% | 74903 | 4,3% |
| Савдо | 7 | 58 | 94 | 1,07% | 161894 | 12,0% |
| Хизматрасонӣ | 8 | 31 | 63 | 0,71% | 54712 | 3,1% |
| Хизмати молиявӣ | 6 | - | 55 | 0,62% | 121344 | 7,0% |
| Дигар соҳаҳо | 79 | 58 | 2327 | 26,6% | 842921 | 48,5% |
| Ҷамъ: | 132 | 201 | 4860 | 37,9% | 1737539 | 38,2% |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна сол то сол зиёд шуда бошад, ҳам лекин ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ тамоюли ноустувори рушдро дорад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар субъектҳои СХМ гарчанде дар соли 2014 бо сабаби ба кор даромадани ҶСК «Гулдастон», Корхонаи истеҳсоли орди ҶДММ “Хушсифат”, коргоҳи истеҳсоли масолеҳи инертии сохтмонии ҶДММ “Фараҳноз” ва коргоҳи истеҳсоли хишти пухтаи “Танобчӣ” афзуда бошад ҳам, лекин ҳиссаи ин субъектҳо дар давраи солҳои охир тамоюли рушди ноустувор дорад, зеро фаъолияти ин ширкатҳо бо сабабҳои объективӣ суст гашта, дар соли 2014 ҳамагӣ 6,8 фоизро аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ташкил кардани субъектҳо СХМ нокифоя будани нақши онҳоро дар таъмини бозори дохила бо маҳсулоти саноатӣ нишон медиҳад.




Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, мушкилиҳои коммуникатсионӣ, душвории амалиётҳои содиротӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ, норасогии воситаҳои гардишӣ ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё аз фаъолият бозмондаанд.

Дар самти воридоти мабағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2014 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, саноат, хизматрасонии молиявӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ-и дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 1737,5 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 38,2 %-и қисми даромади буҷети ноҳияро ташкил медиҳад.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад.

Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази вилоят пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Ҷиҳати рушди СХМ дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

*Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (ҳазор сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Ҷамъ дар солҳои 2012-2014 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 125213 | 129412 | 132456 | 387081 |
| Саноат | - | 18704 | 34563 | 53267 |
| Сохтмон | 80526 | 183803 | 314746 | 579075 |
| Савдо | 104318 | 124338 | 161894 | 390550 |
| Нақлиёт ва алоқа | 54863 | 62804 | 74903 | 192570 |
| Дигар андозсупорандагон ва хизматрасонӣ | 641570 | 670933 | 1018977 | 2331480 |
| Ҳамагӣ: | 1006490 | 1189994 | 1737549 | 3934023 |

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, савдо ва бунёди иншоотҳои сохтмонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст. Аз ҷумла дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 387 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи саноат 53,2 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби соҳаи савдо 390,5 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи сохтмон 579 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оиди бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ҳисоб карда шудааст, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ нисбатан кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбати дигар ноҳияҳои вилояти Хатлон дар сатҳи паст ба роҳ монда шудааст.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.*** Дар ноҳия ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна филиалҳои ҶСК «Агроинвестбонк», филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк», филиали ташкилоти хурди молиявии «Ҳумо», филиали ҶСК «Ориёнбанк» фаъолият доранд.

Тӯли се соли охир (солҳои 2012-2014) барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ беш аз 28514674 сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 11999051 сомонӣ ё 42% ба соҳаи кишоварзӣ, 2184113 сомонӣ ва ё 7,7% барои рушди соҳибкорӣ ва 14331510 сомонӣ ва ё 50,3% барои зарурияти иҷтимоӣ, муҳоҷират ва дигар соҳаҳо рост меояд.

Илова бар ин соли 2013 ба воситаи бонкҳо аз хориҷи кишвар ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 17,2 млн. долари ИМА ва 4,8 млн. рубли Руссия ворид гаштааст.

*Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ дар тӯли солҳои 2012-2014(сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии карзи додашуда | Шумораи қарзгирандаго н | Соҳаҳое, ки ба онҳо қарзҳо сарф шудаанд | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Соҳибкорӣ | Заруратӣ ичтимоӣ | Мухочират | Дигар соҳаҳо |
| Филиали ҶСШК «Агроинвестбонк» | 2012 | 1700888 | 267 | 1257445 | 98699 | 251144 | 93600 | ---- |
| | 2013 | 2941729 | 312 | 1945000 | 45500 | 440629 | 510600 | - |
| | 2014 | 6100113 | 387 | 3767247 | 158954 | 1318122 | 855790 | - |
| | Ҷамъ | 10742730 | 966 | 6969692 | 303153 | 2009895 | 1459990 | |
| Филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» | 2012 | 2040900 | 198 | 1219700 | 436700 | 384500 | - | - |
| | 2013 | 2198800 | 221 | 1274000 | 470800 | 454000 | - | - |
| | 2014 | 2167000 | 245 | 1357940 | 523060 | 286000 | - | - |
| | Ҷамъ | 6406700 | 664 | 3851640 | 1430560 | 1124500 | - | - |
| Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | -- | - | -- | -- | -- | -- | -- |
| | 2013 | 2100615 | 235 | -- | - | 1075309 | 150250 | 875056 |
| | 2014 | 3836071 | 205 | 154200 | 450400 | 1787190 | 213540 | 1230741 |
| | Ҷамъ | 5936686 | 440 | 154200 | 450400 | 2862499 | 363790 | 2105797 |
| Ташкилоти молиявии хурди «Финка» | 2012 | 1250687 | 79 | 56469 | -- | 858768 | 335450 | - |
| | 2013 | 1650663 | 82 | 350050 | - | 1017173 | 283440 | - |
| | 2014 | 1714816 | 123 | 204800 | - | 1243000 | 267016 | - |
| | Ҷамъ | 4616166 | 284 | 611319 | -- | 3118941 | 885906 | - |
| Ташкилоти молиявии хурди «Ҳумо» | 2012 | --- | -- | -- | -- | --- | --- | --- |
| | 2013 | --- | -- | -- | -- | --- | --- | --- |
| | 2014 | 812392 | 26 | 412200 | - | 400192 | | |
| | Ҷамъ | 812392 | 26 | 412200 | - | 400192 | | |
| Ҳамагӣ | | 28514674 | 2151 | 1199905,1 | 2184113 | 9516027 | 2709686 | 2105797 |

Дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҷониби бонкҳои ноҳия барои рушди соҳаи саноат ягон қарзи бонкӣ ҷудо нагардидааст. Пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо содда шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин мӯҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ буда, барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсолии ноҳия имконият намедиҳад.

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад ва дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб намуд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ.*** Аз сабаби дурдаст ва асосан кӯҳӣ будани ноҳияи Темурмалик рушди СХМ бо баъзе мушкилот дучор мегардад. Ғайриқаноъатбахш будани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин набудани Ассотсиатсияи соҳибкорони ноҳия барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад. Мушкилиҳои

дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

Соҳибкорони ноҳияи Темурмалик ба маблағҳои қарзии имтиёзноку дарозмӯҳлат ва грантҳо, ба кӯмаки техникию машваратӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес, курсҳои донишомӯзии менеҷмент ва маркетинг, дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамзамон ба дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубаторҳо) ниёз доранд.

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Соҳаи маориф

Рушду нумӯи соҳаи маориф дар раванди пешравии ҷомеа ва барои расидан ба як қатор ҳадафҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар ҳамин замина баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар сатҳи маҳаллӣ яке аз рукнҳои асосии дастрасӣ ба рушди устувор махсуб ёфта, ҷорӣ намудани низоми идоракунии самарабахши системаи маорифро дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти сазовор тақозо менамояд.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Таркиби аҳолии ноҳия мутобиқи нишондиҳандаи маълумотнокӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 табақаҳои зеринро дар бар мегирад:

- шумораи аҳолии дорои маълумоти олии касбӣ 1698 нафар (аз ин 741 нафар зан);
- шумораи аҳолии дорои маълумоти олии нопурра 254 нафар (аз ин131 нафар зан);
- шумораи аҳолии дорои маълумоти миёнаи касбӣ 1892 нафар(аз ин 949 нафар зан);
- шумораи аҳолии дорои маълумоти умумии асосӣ 2670 нафар (аз ин 1411 нафар зан);
- шумораи аҳолии дорои маълумоти миёнаи умумӣ 9084 нафар (аз ин 4712 нафар зан).




Дар соҳаи маорифи ноҳия 3 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 25 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 14 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 6 мактаби таҳсилоти умумии ибтидоӣ ва 1 Гимназияи давлатӣ фаъолият мекунанд. Аз шумораи умумии мактабҳо 33 муассисаи таълимӣ ба забони тоҷикӣ, 3 муассисаи таълимӣ ба забони ӯзбекӣ, 10 муассисаи таълимӣ ба забони тоҷикию ӯзбекӣ фаъолият менамоянд. Илова бар ин дар ноҳия Коллеҷи тиббӣ (филиали Коллеҷи тиббии ноҳияи Данғара) ва Маркази таҳсилоти иловагӣ фаъолият доранд.

**Маълумоти томактабӣ.** Дар ноҳия 3 боғчаи кӯдакон (дорои 12 гурӯҳ: фаъолият мекунад, ки 225 нафар кӯдаконро фаро гирифтааст. Шумораи умумии кӯдакони то 6 сола дар ноҳия 5100 нафарро ташкил медиҳад. Фарогирии кӯдакон (синни 3-6 сола) дар муассисаҳои томактабӣ 4,4%- ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандиҳандаи хеле паст арзёбӣ мегардад. Дар кӯдакистонҳои мавҷуда 12 нафар мураббӣ бо маълумоти педагогӣ ба таълиму тарбия машғул мебошанд.

*Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| Нишондодҳо | Иқтидор (нафар) | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
| | | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №1 | 150 | 78 | 34 | 80 | 32 | 80 | 41 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №2 | 150 | 68 | 32 | 70 | 31 | 77 | 35 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №3 | 100 | 65 | 29 | 68 | 32 | 68 | 28 |
| Ҳамагӣ: | 400 | 211 | 95 | 218 | 95 | 225 | 104 |

Иқтидори мавҷудаи муаассисаҳои томактабии ноҳия ҳоло барои тарбияи 400 нафар кӯдакон имконият дорад. Вале бо назардошти нокифоя будани маблағҳои буҷети маҳаллӣ (норасогии маводи хӯрокворӣ, таҷҳизот, корношоям гаштани инфрасохтори мухандисию коммуникатсионӣ) 56,3% иқтидорҳо мавриди истифода қарор дода шудааст. Сабаби асосии ба муассисаҳои томактабӣ пурра фаро гирифта нашудани кӯдакон таъмирталаб будани муассисаҳои томактабии мавҷуда, аз кор баромадани системаи гармидиҳӣ, кӯҳнаю фарсуда гардидани қубурҳои обу ташноб, норасогии воситаҳои таълимӣ ва ғайра мебошад. Ин мушкилиҳо қариб дар ҳамаи муассисаҳои томактабии ноҳия ба назар мерасанд.

Мушкилоти дигари дар ноҳия мавҷуд буда, ин ба таъмири асосӣ ниёз доштани боғчаҳои кӯдаконаи №1,2,3 мебошад. Дар фасли зимистон аз сабаби мавҷуд набудани системаи зарурии гармидиҳӣ биноҳо ба воситаи таҳҷизоти гармидиҳии худсохт (печкаҳо) гарм карда мешаванд. Мушкилоти дигари ташвишовар, набудани системаи оби нӯшокӣ дар муассисаҳои томактабии №1 ва №3 мебошад. Кӯдакони ин муасссисаҳо аз оби ҷуй ва наҳр истифода бурда, новобаста аз он, ки об ҷушонида мешавад, ба талаботҳои муосири санитарӣ ва гигиенӣ ҷавобгӯй нест. Таъмин намудани муассисаҳои мазкур бо оби нӯшокӣ метавонад як қатор мушкилотҳоро бартараф намуда, садди роҳи паҳншавии ҳар гуна касалиҳо гардад.

Бо мақсади беҳтар намудани дастгирии молиявии муассисаҳои томактабӣ ҳамасола аз ҷониби ташкилотҳои дахлдори ноҳиявӣ (сарпарастон) кӯмакҳои амалӣ расонида мешавад. Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа ва дар ин замина беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва инфрасохтори мавҷуда, ин ҷалби сармояи бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, то кунун дар ноҳия ягон муассисаи томактабии хусусӣ вуҷуд надорад. Вале баъзе аз соҳибкорони маҳаллӣ тасмим гирифтаанд, ки минбаъд сохмони кӯдакистонҳоро дар ҷамоатҳои деҳоти Кангурт, Қарақамиш, С.Раҳимов, Танобчӣ, Бобо Юнус ва Л.Қармишев ба роҳ монанд.

***Маълумоти миёна.*** Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2014 - 2015 ба 13394 нафар баробар буда, аз ин шумора 6182 нафар ва ё 46,1 фоизро духтарон ташкил медиҳанд.

Дар соли хониши 2014-2015 аз шумораи умумии хонандагон (13394 нафар), 60 фоиз дар басти якум ва 40 фоиз дар басти дуюм таҳсил менамоянд.

Мутобиқи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 25-30 талаба муқаррар гардидааст. Айни замон, дар баъзе мактабҳо шумораи хонандагон дар ҳар як синф ба 35 нафар мерасад, ки ин ба стандартҳои муосири системаи маориф мутобиқат намекунад.

Дар ноҳия сол то сол кам шудани шумораи умумии хонандагон ба назар мерасад, ки ин пеш аз ҳама ба муҳоҷирати дохилӣ (яъне ба ноҳияи Турсунзода, Рӯдакӣ ва Данғара кӯчида рафтани аҳолӣ) иртибот дорад.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| Синфҳо | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | | | | 2013 -2014 | | | | 2014 -2015 | | | |
| | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон |
| Гурӯҳи тайёрӣ | 160 | 90 | 70 | 43,7 | 180 | 92 | 88 | 48,8 | 356 | 170 | 186 | 52,2 |
| I. | 1224 | 615 | 609 | 49,7 | 1239 | 629 | 610 | 49,2 | 1235 | 614 | 621 | 50 |
| II. | 1339 | 697 | 649 | 47,9 | 1224 | 614 | 610 | 48,8 | 1243 | 633 | 610 | 49 |
| III. | 1349 | 673 | 676 | 50,1 | 1293 | 678 | 615 | 47,5 | 1210 | 625 | 585 | 48,3 |
| IV. | 1332 | 738 | 594 | 44,5 | 1333 | 663 | 670 | 50,2 | 1279 | 680 | 599 | 46,8 |
| Ҳамагӣ I-IV | 5244 | 2723 | 2521 | 48 | 5089 | 2584 | 2505 | 49,2 | 4967 | 2552 | 2415 | 48,6 |
| V. | 1193 | 605 | 588 | 49,2 | 1325 | 736 | 589 | 44,4 | 1308 | 694 | 614 | 47 |
| VI. | 1387 | 759 | 628 | 45,2 | 1189 | 611 | 578 | 48,6 | 1295 | 712 | 583 | 45 |
| VII. | 1427 | 758 | 669 | 46,8 | 1387 | 745 | 642 | 46,2 | 1192 | 631 | 561 | 47 |
| VIII. | 1363 | 715 | 648 | 47,5 | 1428 | 758 | 670 | 46,9 | 1344 | 743 | 601 | 44,7 |
| IX. | 1299 | 693 | 606 | 46,6 | 1354 | 713 | 641 | 47,3 | 1389 | 741 | 648 | 46,6 |
| Ҳамагӣ V-IX | 6669 | 3530 | 3139 | 47 | 6683 | 2584 | 3120 | 38,6 | 6528 | 3521 | 3007 | 53,9 |
| X. | 843 | 490 | 353 | 41,8 | 917 | 540 | 377 | 41,1 | 1010 | 601 | 409 | 40 |
| XI. | 956 | 573 | 383 | 40 | 816 | 485 | 331 | 40,5 | 889 | 538 | 351 | 39,4 |
| Ҳамагӣ X-XI | 1799 | 1063 | 736 | 40,9 | 1733 | 1025 | 708 | 59,1 | 1899 | 1139 | 760 | 40 |
| Ҳамагӣ: | 13712 | 7316 | 6396 | 47,6 | 13505 | 7172 | 6333 | 46,8 | 13394 | 7212 | 6182 | 46,1 |

**Шумораи хонандагон аз рӯи бастҳо ба санаи 1 январи соли 2015 (нафар)**




Бинобар набудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаҳои Чаган, Туябуюн, Тошбулоқ, Муродбахш, Қирма ва дар натиҷаи дар масофи дур воқеъ гардидани чунин муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, солҳои охир шумораи духтарони синфҳои 9 барои идомаи таҳсил дар синфҳои болоӣ сол то сол кам мегардад ва чунин ҳолат боиси нигаронӣ мебошад. Дар ин замина зарур мебошад, ки дар деҳаҳои номбурда минбаъд биноҳои нав барои фаро гирифтани хонандагон ба таҳсил дар синфҳои болоӣ бунёд карда шаванд.

Яке аз сабабҳои асосии коҳиши шумораи хонандагони синфҳои болоӣ, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қисме аз писарбачагон аз оилаҳои камбизоат, идома

додани таҳсили қисми дигари писару духтарон дар коллеҷи тиббӣ, ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди шаҳраку деҳот рафтан, касод будани буҷаи оилавӣ, набудани шароит барои таъмини хонандагон бо сару либосу таҷҳизоти мактабӣ ва дур будани масофаи байни мактаб ва маҳаллӣ истиқомат мебошад.

Дар ин давра дар доираи лоиҳаи "Роҳҳои пешгирии тарки мактаб аз тарафи хонандагон дар синфҳои 9" (Креатив) USAID дар 16 муассисаи таълимӣ дар давоми солҳои 2011-2013 машғулиятҳои иловагӣ ташкил шуд ва зиёда аз 700 нафар хонандагон аз он баҳра бардоштанд.

Солҳои охир мушкилоти дигари мавҷудаи ситемаи маориф, ин норасогии синфхонаҳои таълимӣ дар мактабҳо мебошад. Ин мушкилотро бештар дар мактабҳои № 1, 4, 5, 7, 11, 12, 17, 18, 23, 24, 25, 31, 33, 36 мушоҳида намудан мумкин аст.

Муассисаҳои таълимии ноҳия аз норасоии таҷҳизотҳои лабораторӣ (реактивҳо) дар озмоишгоҳҳои фаннӣ (алалхусус аз фанни химия, биология, физика) танқисӣ мекашанд. Мушкилии ҷойдошта, аз қабили нокифоягии китобҳои дарсӣ ба забони узбекӣ ва маводи методии замонавӣ вазъи соҳаи маорифро дар ин самт боз ҳам мушкилтар гардонида, барои рушди он садди роҳ мегардад.

***Дастгирии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат.*** Бо мақсади бо таълиму тарбия фаро гирифтани хонандагони оилаҳои камбизоат тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2010 №244 «Дар бораи пардохти кӯмакпулӣ ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд" ҳар нимсола ба 15 фоизи онҳо (аз шумораи умумии хонандагон) ба миқдори 20 сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт карда мешавад.

Дар ноҳияи Темурмалик соли 2014 барои баланд бардоштани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат (аслан хонадагоне, ки аз яке аз волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, яке аз волидонашон маъюбанд, волидонашон бо кор таъмин нестанд, аз оилаҳои камбизоатанд ва аз оилаҳои серфарзанданд (беш аз 5 кӯдак)) аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 3365 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба маблағи умумии 67100 сомонӣ ҷубронпулӣ дода шудааст.

Айни замон дар ноҳияи Темурмалик 46 кумитаи падару модарон ва омӯзгорон (КПМО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин кумитаҳо, ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

**Таъминот бо омӯзгорон**. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2014 беш аз 822 нафар омӯзгорон кору фаъолият мекунад ва аз ин шумора 256 нафар ва ё 31,1 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

*Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 765 | 797 | 822 | 7,4 |
| аз ҷумла, занон | 226 | 243 | 256 | 13,2 |
| Дорои маълумоти олӣ | 475 | 502 | 507 | 6,7 |
| аз ҷумла, занон | 95 | 110 | 106 | 11,5 |
| Олии нопурра | 32 | 27 | 31 | 3,1 |
| аз ҷумла, занон | 9 | 10 | 13 | 3,7 |
| Миёнаи касбӣ | 213 | 209 | 76 | 64,3 |
| аз ҷумла, занон | 85 | 80 | 58 | 31,7 |
| Миёнаи ибтидоӣ | 45 | 59 | 76 | 68,8 |
| аз ҷумла, занон | 37 | 43 | 58 | 56,7 |
| Муаллимони аз коррафта | 27 | 30 | 35 | 29,7 |
| аз ҷумла занҳо | 15 | 13 | 17 | 2 |
| Норасогии кадрҳо | 14 | 10 | 12 | 2 |

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад ва таи се соли охир 92 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар соли 2014 дар муассисаҳои таълимии ноҳия ҳамагӣ 12 нафар омӯзгорони соҳибихтисос (махсусан аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ, математика, физика, химия, технологияи информатсионӣ) намерасиданд.

Дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомузии омӯзгорон, дар солҳои 2011-2014 тибқи нақшаи пешбинишудаи ҳамагӣ 20 % омузгорон ва ё зиёда аз 240 нафар таҷрибаю малакаҳои худро боз ҳам беҳтар намуданд. Илова бар ин, тибқи шартнома байни шуъбаи маорифи ноҳия ва Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб, дар ноҳия ду гурӯҳи шартномавии факултаҳои таърих ва ҳуқуқу математика кушода шуд ва ин гуруҳҳоро 57 нафар хатм намуда, айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳия дарс мегӯянд. Дар доираи маблағгузории лоиҳаи ҳамкориҳои техникии Олмон 106 нафар муаллимони дорои маълумоти миёна ба факултаи методикаи таълими ибтидоии коллеҷи педагогии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб фаро гирифта шуда, соҳиби маълумоти олии нопурра гардиданд.

**Маълумоти фарогир.** Дар соли 2014 дар ноҳияи Темурмалик 20 нафар кӯдакони маъюб (аз ҷумла 8 нафар духтарон) ба қайд гирифта шудаанд. Айни замон аз ин шумора танҳо 6 нафари он (4 писар ва 2 духтар) бинобар набудани мутахассисони махсус (дефектолог, логопед, равоншинос ва ғайра) ба таълими инфиродӣ (инклюзивӣ) фаро гирифта шудаанду халос.

**Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонҳонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд.

Бо назардошти он, ки ҳоло дар аксар мактабҳои деҳот хонандагон аз меъёри муқарраргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва синфхонаҳои иловагӣ сол то сол зиёд мегардад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ махсусан дар мактаби ибтидоии №40 мактабҳои №18,31,32,36-и ҷамоати деҳоти ба номи Бобоюнус, мактабҳои №43,44,11,17-и ҷамоати деҳоти ба номи Лақай Қармишев, мактаби №5,25,23,26, 45 дар ҷамоати деҳоти ба номи Саймумин Раҳимов, мактаби №24-и ҷамоати деҳоти Танобчӣ, мактаби №33-и ҷамоати деҳоти Қарақамиш, мактаби миёнаи №1-и ҷамоати шаҳраки Совет ба миён омадааст.

Бо назардошти ташфиқу тарғиби пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина дар рӯҳияи баланд тарбия намудани кадрҳои ояндадор дар мактабҳо пайваста инфрасохтори лозимаи варзишӣ бунёд карда мешавад. Айни замон дар муассисаҳои таълимиии ноҳия 9 адад толорҳои варзишӣ ва 30 адад майдончаҳои варзишӣ мавҷуд мебошад. Новобаста аз ин, таъмирталаб будани толорҳои варзишӣ дар мактабҳои №1,2,3 мушкилотҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравaнд.

**Таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.** Ба сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгузар дар мактабҳои деҳот, аз кор баромадани системаи таъминоти оби нӯшокӣ ба назар мерасад. Ин мушкилиро дар мактабҳои № 1, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 29, 30, 31, 32, 33, 34, 36, 37, 39, 40, 41, 43, 44, 45, 46 дидан мумкин аст.

Таъминоти гармӣ дар мактабҳои ҳудуди ноҳия аслан тавассути таҷҳизоти барқӣ ва печкаҳои худсохт сурат мегирад. Ба сабаби кор накардани шабакаҳои гармидиҳии мавҷуда, аксарияти мактабҳои марказ ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум мебошанд. Дар ҳолати корношоям қарор доштани системаи гармидиҳӣ дар мактабҳои № 2, 3, 6, 20, 30, 41 ва Хонаи бачагони Танобчӣ ба назар мерасад.

**Компютеркунонии мактабҳо.** Дар соли 2014 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 32 синфи компютерӣ ташкил карда шуда, дар онҳо 506 адад компютер, 146 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 12 нафар хонанда рост меояд. Айни замон, дар ноҳия иҷрои “Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015” пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини мунтазами синфхонаҳои компютерии ноҳия бо нерӯи барқ 37 адад генератор мавҷуд аст.

Новобаста аз ин, норасогии нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин, зарурати таъмини мактабҳо бо хатти озоди барқ ва батареяҳои офтобӣ ба миён омадааст.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Гузаштан ба низоми нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ, бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароит барои устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар дабистон ҷорӣ карда шудааст. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2007 таҳти №505 «Оид ба тасдиқи қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ», аз 1 январи соли 2009 дар ноҳия 46 муассисаи таълимӣ (25 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 14 мактаби таҳсилоти асосии умумӣ, 6 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ ва Гимназияи давлатӣ) ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории сарикасӣ гузаронида шудаанд.

*Маблаггузории соҳаи маориф дар ноҳия дар давоми солҳои 2011 -2014 (ҳазор сомонӣ)*




Баҳри татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф ва мақсаднок ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ, назорати рафти иҷрои ислоҳот аз рӯи дастурамали хароҷот ба як хонанда, аз ҷониби “Лоиҳаи омӯзиши босифат” (USAID) таи ин солҳо чандин чорабиниҳои омузишӣ гузаронида шуд. Аз 1 январи соли 2009 сар карда бевосита ба шӯъбаи маориф, раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) кӯмаку дастгирии техникӣ расонидашуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳо бо маводи корӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазорати маорифу

молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин гардиданд.

Дар соли 2014 барои маблағгузории сарикасӣ ба миқдори 13,4 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 4.7 млн. сомонӣ ё 54 фоиз зиёд мебошад.

Новобаста аз он, ки маблағгузории соҳа солҳои охир нисбати соли 2011 афзоиш ёфтааст, мутаассифона, ин барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои асосии соҳа нокифоя аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд фақат ба маблағҳои буҷети давлатӣ умед набаста, балки ба маблағгузории бисёршабакавӣ гузаранд, яъне аз ҳисоби ташкили таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муссисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд.

Дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро васеъ мекунад. Маблағҳои ғайрибуҷетӣ ба мактаб аз ҳисоби ташкилотҳои байналмиллалӣ, шахсони алоҳида ва корхонаю ташкилотҳои хайрхоҳ тавассути ин ташкилотҳо ворид карда мешаванд ва ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) инчунин дуруст сарф карда шудани ин маблағҳоро мунтазам назорат менамоянд.

Ҳаллу фасли масъалаҳои муассисаҳои таълимӣ дар доираи Барномаи рушди ноҳия аз:

а) барқарор намудани инфрасохтори мавҷуда вобаста ба таъмини мактабҳо бо гармӣ ва ҳоҷатхонаҳои алоҳида барои писарон ва духтарон;

б) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ;

в) сохтмони мактабҳои нав;

г) ҷалби ҷомеа-волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ оид ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо, иборат аст.

**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Дар соли хониши 2013-2014 дар ноҳия аз 816 нафар хатмкунанда 449 нафар ба мактабҳои олии кишвар дохил гардиданд. Дар се соли охир 1020 нафар, ё худ 51,2 фоизи хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия (аз ҷумлаи онҳо 320 нафар ё 31 % духтарон) ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳрҳои Душанбе, Кулоб ва Қурғонтеппа дохил шуданд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2011-2014 аз ҳисоби хатмкардагони мактабҳои ноҳия 48 нафар дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо) таҳсил менамоянд.

Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2011-2014 тибқи квотаи президентӣ 122 нафар ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил шуданд, ки аз ин шумора 46 нафар писар ва 76 нафарашон духтарон мебошанд.

Дар соли 2015 аз ҳисоби квотаи президентӣ қабули 18 нафар хонандагон ба мактабҳои олии кишвар дар назар дошта шудааст, ки аз ин 9 нафараш духтарон мебошанд.

### 3.2. Соҳаи тандурустӣ

**Ҳолати умумӣ.** Соҳаи тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб ёфта барои аз байн бурдани мушкилиҳои асосии бахши иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар ояндаи наздик беҳбудӣ бахшидан ба солимии аҳолии ноҳия яке аз вазифаҳои асосии соҳаи мазкур маҳсуб мешавад. Қобили зикр аст, ки аз 8 Ҳадафи Рушди Ҳазорсола 3 – тои он ба соҳаи тандурустӣ (кам кардани сатҳи фавти кӯдакон (Ҳадафи 4), беҳбудии ҳифзи модарон (Ҳадафи 5) ва мубориза ба муқобили

ВНМО/БПНМ, варақа ва сил (Ҳадафи 6) алоқаманд аст ва бинобар ин, мавриди таҳлил қарор додани шохисҳои (индикаторҳои) мазкур дар БРН аҳамияти хоса дорад.

**Давомнокии миёнаи умр.** Фароҳам овардани шароити мусоид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз омилҳои асоситарини таъсиррасонӣ ба давомнокии миёнаи умр маҳсуб мегардад. Андешидани тадбирҳои иттилоотӣ ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ барои дарки воқеъбинонаи танзими оила, касб кардани малакаҳои санитарию гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунанд.

Ҳоло дар ноҳияи Темурмалик тибқи маълумотҳои мавҷуда нишондиҳандаи миёнаи давомнокии умр барои мардон 67 сол буда, барои занон 73 сол мебошад.

**Бемориҳои паҳншуда**. Мақсади ниҳоии низоми тандурустии ноҳия ба пешгирӣ ва бартараф намудани паҳншавии бемориҳои сирояткунанда равона гаштааст. Мутобиқи маълумотҳои омори тандурустӣ асосан дар ноҳия гирифторӣ ба бемориҳои фишорбаландӣ, бемориҳои қалбу диабети қанд, сил, зардпарвин, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз дар байни кӯдакон ва наврасони то 14-сола), чоғар, дарунравии шадид дар байни кӯдакон, санги талха, гурда, бемории меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта, осеббардорӣ (травма), авоиризҳои баъди таваллуд, камвазнӣ (гипотрофия) ва рахит дар байни навзодон мебошад. Дар ин самт як қатор омилҳое мавҷуданд, ки ба паҳншавии бемориҳо дар ин самт сабаб гардидаанд, аз ҷумла, саривақт ба кормандони соҳаи тиб муроҷиат накардан ва аз ташхиси барвақтӣ нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ ва суст будани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ, пурра дастрасӣ надоштани аҳоли ба оби тозаи ошомиданӣ, баланд будани сатҳи камбизоатӣ дар сатҳи деҳот ва ғайра.

**Саломатии модар ва кӯдак.** Саломатии аҳолӣ самти муҳими соҳаи ичтимоии ноҳияи Темурмалик ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он муҳайё намудани шароиту дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии хушсифати тиббӣ мебошад.

Дар ноҳияи Темурмалик ба ҳолати 1 январи соли 2015 зиёда аз 63400 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад ва аз ин шумора занҳои қобили таваллуд 16160 нафар мебошанд. Шумораи таваллуд дар соли 2014 1875 нафарро ташкил додааст.

*Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар*

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамаги, таваллуд | 1681 | 1607 | 1824 | 1875 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 1456 | 1512 | 1731 | 1837 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 86,6 | 94 | 94,9 | 98 |
| Таваллуд дар хона | 225 | 115 | 93 | 38 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 13,4 | 6 | 5,1 | 2 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зиндатаваллуд) | 0 | 0 | 0 | 2 |

Дар ноҳия шумораи умумии таваллуд дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 11,5 фоиз зиёд шуда, аз ин шумора 98 фоизи таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ сурат гирифтааст. Дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 шумораи таваллуд дар хона 3,1 фоиз камтар шудааст, ки аз беҳтар шудани фаъолияти муассисаҳои тиббӣ ва баланд гардидани маърифати истифодабарии хизматрасонии тиббӣ аз ҷониби аҳолӣ дарак медиҳад.

Дар баробари ин, ба беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон, фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши калон мебозад. Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак, ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, фаъолияти гурӯҳҳои корӣ, заминаи моддию техникӣ, таҳлилу омӯзиш ва ташхиси саривақтии бемориҳо аз тарафи муассисаҳои тандурустии ноҳия талаботи имрӯзаро қонеъ гардонида наметавонад.

*Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои баъди таваллуд*

| Нишондод | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 910 | 923 | 1768 | 1877 |
| Камхунӣ | 112 | 121 | 156 | 161 |
| Ба ҳисоби фоиз (%): | 12 | 13 | 13,4 | 8,7 |
| Гирифтори чоғар | 36 | 43 | 58 | 67 |
| Бо ҳисоби фоиз (%): | 3,9 | 4,6 | 5 | 3,6 |

Таи чор соли охир шумораи занҳои гирифтории бемории камхунӣ дар байни занҳои таваллудкунанда ба ҳисоби миёна 4,7 % ва чоғар то 1,4 % паст гардид, ки ин ҳолат бевосита ба витаминикунонии занони қобили таваллуд ва истеъмоли намакҳои йоднок марбут мебошад.

Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби асосии ин омил, гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагеніталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ, чоғар ва ғайра), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад.

Барои мусоидат намудан ба солимии репродуктивии занон дар соли 2014 Маркази солимии репродуктивии ноҳияи Темурмалик ба 3878 нафар занон маводҳои контросептивӣ таъин намудааст. Дар ҷамоатҳои деҳоти Саймумин Раҳимов ва Кангурт, инчунин дар масҷиду мактабҳо, муассисаҳои тиббии ноҳия бо ҷалби кормандони саҳроӣ дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳои омузишӣ дар мавзуъҳои «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии хомиладории номатлуб», «Танзими оила» ва «Бемориҳои бо роҳи алоқаи чинсӣ гузаранда» барпо карда шуд. Бо мақсади беҳтар намудани иттилоотнокии аҳолӣ оиди масъалаи зикршуда, иштирокчиён бо адабиётҳои лозимаи «Ман медонам» ва «Интихоби ман» бо забонҳои тоҷикӣ, узбекӣ ва русӣ таъмин гардиданд. Барои пешгирӣ аз ҳолатҳои ғайричашмдошти ҳамл дар шаҳри Кӯлоб Маркази солимии репродуктивӣ фаъолият менамояд, ки ноҳияи Темурмаликро бо воситаҳо ва маводҳои пешгирии ҳамл таъмин менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар ноҳия кӯдакони синну соли то 14 сола дар давраи солҳои 2009-2014 ба 5,4% зиёд шудааст. Шумораи фавти кӯдакон дар муассисаҳои тиббии ноҳия танҳо аз ҳисоби асфиксия ба 30 фоиз рост омадааст ва зарурияти андешидани чораҳои таъхирнопазирро тақозо менамояд.

*Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2011-2014*

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т) | 6 | 5 | 2 | 5 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 0.3 | 0.2 | 0.01 | 0.2 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯи шумора 1000 з/т) | 26 | 23 | 34 | 39 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 15.2 | 14.3 | 18.6 | 20.8 |

Сатҳи фавти кӯдакони то як сола таи як соли охир 1,5 фоиз баланд шудааст. Сабаби асосии фавти кӯдакон аз омилҳои зерин иборат аст:

- баланд будани нишондоди фавти перинаталӣ (0-6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои ҳомила;
- баланд будани сатҳи бемориҳои роҳи нафас (гарчанде фаъолияти марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ва эмкунӣ дуруст ба роҳ монда шудааст), паст будани маърифатнокии модарон ва шароити пасти иҷтимоии оилаҳои дурдасти кӯҳистон;

– сатҳи пасти хизматрасониҳои муассисаҳои КАТС (аз сабаби нарасидани маблағ, нақлиёт, мутахассисон ва фарсудаю корношоям будани таҷҳизотҳои тиббӣ ва биноҳо);
– баланд будани сатҳи бемориҳои радифӣ, аз ҷумла камғизогӣ, рахит, нуқсонҳои модарзодӣ, камхунӣ ва ғайраҳо.

Суръати миёнаи афзоиши таваллуд ҳамасола ба андозаи 1,2 фоиз мебошад.

**Бемориҳои сироятӣ**. Дар мавриди ҳозира мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои муҳими ноҳия маҳсуб гардида, он ба ҳолати санитариву эпидемиологӣ ва стандартҳои мавҷуда ҷавогӯ намебошад ва боиси афзоиши бемориҳои сироятӣ дар ноҳия гардидааст.

*Динамикаи тамоюли бемориҳои сироятӣ*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 101 | 77 | 104 | 104 |
| (ба 100 ҳаз.аҳоли) | 162 | 124 | 167 | 167 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз ҷониби ҳайвонот | 26 | 31 | 53 | 52 |
| (ба 100 ҳаз.аҳоли) | 40 | 45 | 85 | 85 |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меда | 623 | 722 | 1016 | 786 |
| (ба 100 ҳаз.аҳоли) | 100 | 116 | 163 | 126 |
| Гелминтоз | 50 | 47 | 63 | 56 |
| (ба 100 ҳаз.аҳоли) | 83 | 78 | 105 | 93 |
| Табларза (малярия) | нест | нест | нест | нест |
| Бемории ВНМО | 7 | 3 | 14 | 23 |
| Ҳамаги, аҳоли | 60123 | 61300 | 61976 | 63050 |

Яке аз бемориҳои асосии сироятие, ки дар ноҳия рӯ ба афзоиш ниҳода истоааст ин бемории ВНМО маҳсуб меёбад. Сабаби асосии зиёд шудани ин беморӣ ба раванди бевосита аз ташхис гузаронидани муҳоҷирон алоқаманд мебошад. Бинобар сол то сол зиёд гардидани шумораи муҳоҷирон миқдори ин намуди беморон низ афзоиш ёфта истодааст ва ҳалли масъалаи мазкур ба худ диққати ҷиддиро талаб менамояд. Дар баробари ин, солҳои охир шумораи нафарони гирифтори бемории сил, бемориҳои шадиди рӯдаву меъда ва гелминтоз низ зиёд шудааст. Танҳо дар тӯли се соли охир аз бемории сил 9 нафар фавтидааст. Сабаби асосии афзоиши бемориҳои сироятӣ, ин бо оби тозаи нӯшокӣ пурра таъмин набудани аҳолӣ, бад будани ҳолати санитариву эпидемиологии муассисаҳои таълимӣ, маишӣ, хӯроки умумӣ, набудани партовгоҳҳо, сатҳи пасти хизматрасонии рифоҳӣ (коммуналӣ) дар деҳот, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, камбизоат будани аҳолӣ, гарон будани арзиши доруворӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ мебошад.

Дар ноҳия тавассути ҳамкорӣ бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид бо маблағгузории Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, сил ва вараҷа дар ҷамоатҳои деҳот лоиҳаи «Ҷомеаи солим» амалӣ гардид. Мақсади асосии лоиҳа, пешгирии паҳншавии бемории сил, ошкор кардани беморон ва назорати табобати беморони ДОТС маҳсуб ёфта, дар ин самт дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аломатҳои бемории сил, роҳҳои пешгирӣ ва тарзи табобати он ба анҷом расонида шуд. Ҳангоми татбиқи лоиҳаи номбурда беш аз 678 нафар аз табақаҳои гуногуни аҳоли ба омӯзишҳои саҳроӣ фаро гирифта шуданд. Инчунин, дар доираи лоиҳаи мазкур 4 нафар бо аломатҳои бемории сил ба Маркази мубориза бар зидди сил барои ташхис равона карда шуданд, ки дар натиҷа сироят шудани 3 нафари он бо ин намуди беморӣ тасдиқ гардид. Дар ин муддат ба 120 нафар беморони дар қайдбуда аз ҳисоби наздикон ва фаъолони ҷомеа ихтиёриён вобаста карда шуданд, ки рафти табобати онҳоро дар якҷоягӣ бо муассисаҳои тиббӣ назорат мебаранд.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳияи Темурмалик бемориҳои фишори баланд, дилу шараён, диабети қанд, исҳоли шадид дар байни кӯдакон, санги талхадон ва санги гурда, захми меъда, газаки меъда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, чоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш наёфтааст.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Сохтори тандурустии ноҳияи Темурмалик аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

*Муассисаҳои тиббии ноҳияи Темурмалик*

| Сохтори шабакаҳои КАТС | Ҷамъ 36 муассисаҳои КАТС |
|---|---|
| • Маркази саломатии ноҳиявӣ | 1 |
| • Марказҳои саломатии деҳот | 10 |
| • Бунгоҳи саломатӣ | 25 |
| Муассисаҳои бистарикунонӣ | Ҷамъ: 3 |
| | 1 - беморхонаи марказӣ (155 кат) |
| | 2- беморхонаи рақамӣ (75 кат) |
| | 1-маркази репродуктивии занон |
| | 1-Маркази тарзи ҳаёти солим |
| | 1-маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон |
| | 1-Маркази мубориза бар зидди касалии сил. |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | 1-адад |
| Ёрии таъҷилии тиббӣ | 1- адад |

*Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ | Дигар кормандон | Кормандони хурди тиббӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 309 | 176 | 23 | 37 | 73 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 56,9 | 7,4 | 11,9 | 23,6 |
| Хадамоти бистарӣ | 268 | 109 | 18 | 66 | 75 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 100 | 40,6 | 6,7 | 24,6 | 27,9 |

Маоши миёнаи кормандони соҳаи тиббии ноҳия 288 сомониро ташкил медиҳад. Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ «Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд.

***Иштироки ҷомеа дар беҳтар намудани саломатӣ.*** Дар ноҳияи Темурмалик дар ҳалли масоили солимӣ иштироки ҷомеа кам мушоҳида мешавад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ начандон хуб ба назар мерасад. Фаҳмиши аҳолӣ оид ба масъалаҳои тарзи солими ҳаёт дар сатҳи паст қарор дорад.

*Мушкилиҳои асосии соҳа*

| № | Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
|---|---|---|
| 1 . | Бад гардидани заминаи моддию техникӣ | |
| - | Азнавсозии муассисаҳои тандурустӣ аз сабаби дар хонаҳои шахсӣ ҷойгир будан ва дар ҳолати садамавӣ қарор доштанашон | Бунгоҳи саломатии деҳаҳои ноҳия<br><br>Беморхонаи марказии ноҳиявӣ |

| | | |
|---|---|---|
| - | Таъмирталаб будани муассисаҳои тиббии ноҳия ва ҷамоатҳои он | Як қисми шӯъбаи ҷарроҳӣ, як қисми шӯъбаи эҳёгарӣ ва мадҳушкунӣ, таваллудхона, шӯъбаи сироятии кӯдакона, шӯъбаи амрози даруна, шӯъбаи кӯдакона, боми бинои асосии беморхонаи марказии ноҳиявӣ ва ошхонаи беморхонаи марказии ноҳия |
| 2. | Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти муоинаи тиббии рентгенӣ-1 адад, таъмири таҷҳизоти ФГС-1 адад, таҷҳизоти УЗИ-1 адад, бронҳоскоп-2 адад, таҷҳизоти автоклав-3 адад, таҷҳизоти ЭКГ -5 адад, дефибрилятор-2 адад, таҷҳизоти нафаси сунъӣ (ИВЛ-ПО) -2 адад, УВЧ-4 адад, Кювез-4 адад электроотсос -6 адад, таҷҳизоти ФЭК - 3 адад, аппарат Дарсенвал- 2 адад, Мошинаи кории дандонпизишки (бормашина) 4- адад, таҷҳизоти рентгении стомотологӣ-1 адад, микроскопи электронӣ 4 адад, сентрофуга -2 адад, термостат -4 адад, таҷҳизот (набор) барои озмоишгоҳи клиникӣ-2 адад, отоларинглогический набор-3 адад, шкафи хушка-қоккунӣ (шкаф-сухожар) – 4 адад, даста асбоби ҷарроҳӣ (операционнӣй набор) -3 адад, камера Гаряева-2 адад, лапороскоп барои холесистит эктомия – 1 адад, таҷҳизоти хурди ҷарроҳӣ – 3 адад, таҷҳизоти калони ҷарроҳӣ – 3 адад, коогулограф – 3 адад | Ҳамаи муассисаҳои тиббии ноҳия. |
| 3 | Нарасидани таҷҳизоти инвентарӣ, катҳои беморхонавӣ- 20 адад, тарозу ва катченкунакҳо барои кӯдакони навзод ва то 1-сола 5 адад, миз барои печонидани кӯдак -5 адад, миз барои асбобҳои тиббӣ-22 адад, шкафҳо-24 адад, катҳо (кушетки) 13-адад, диван-15 адад, мизу кӯрсӣ -42 маҷмӯъ | Беморхонаи марказии ноҳия, шуъбаҳои Амрози даруна, Амрози Калб, Урологи, Гинекологӣ |
| 4 | Норасоии таҷҳизоти ёридиҳанда, компютер-5 адад видеокамера-1 адад, суратгираки рақамӣ -2 адад, проектор-2 адад | Маъмурияти сохтори госпиталӣ ва муассисаҳои КАТС, Шуъбаи қабулгоҳ, Маркази солимии репродуктивӣ, Марказҳои саломатии деҳот |
| - | Норасогии автомошинаи хизматӣ -2 адад | Маркази омор ва иттилоотӣ, маркази солимии репродуктивӣ |
| - | Норасогии дорувориҳои бепул барои шахсони имтиёзнок | Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Башардустӣ, Афғонистон, Садамаи Чернобил. |
| 5 | Сатҳи пасти тахассусии кадрҳои тиббӣ; | |
| - | Сатҳи пасти тахассусии табибони ҷавон | Дар тамоми муассисаҳои тиббии ноҳия |
| - | Нарасидани кормандони соҳаи тиб дар ноҳия, алалхусус табибони маълумоти олидошта | Дар тамоми муассисаҳои тиббии ноҳия |
| 6 | Суръати сусти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ | |
| - | Номутаносибии маблағҳои ирсолшуда барои зинаи аввал ва дуввуми хизматрасонии тиббӣ | Соҳаи тандурустӣ |

Беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои тиббӣ дар ноҳия ба ҳаллу фасли мушкилиҳои зерини инфрасохторӣ алоқаманд мебошад:

- набудани ҷомашӯйхона дар беморхонаи марказии ноҳия (БМН);
- набудани автоклави мутамарказонидашуда;
- набудани шӯъбаи ҷарроҳии кӯдакона;
- нокифоягии маблағ барои таъмири асосии беморхонаҳои минтақавию рақамӣ;
- ҷойгир гардидани 4 адад бунгоҳи тиббӣ дар вагонҳо;
- ба таъмири асосӣ ва ҷорӣ ниёз доштани қисми зиёди марказҳои саломатӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ;
- пайваст набудани муассисаҳои тиббӣ ба хатҳои оби нӯшокӣ;
- фарсуда ва корношоям гардидани шабакаи гармидиҳии беморхонаи марказӣ ва беморхонаҳои рақамӣ;
- вуҷуд надоштани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия, (аз ҷумла таҷҳизотҳои наҷотдиҳӣ, рентгенӣ, флюорография, тамизкунанда, гастроскоп, кювез ва ғайра),

– набудани бинои расмии Маркази ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия.

Фаъолияти самараноки соҳаи тандурустии ноҳия дар доираи амалӣ гаштани чорабиниҳо оид ба:

- бунёду таҷдиди беморхонаҳо, бунгоҳҳои тиббӣ ва марказҳои саломатӣ,
- муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои тандурустӣ бо лавозимоти тиббӣ ва маводҳои доруворӣ,
- ба роҳ мондани механизми дурусти дастрасӣ ба воситаҳои пешгирикунандаи ҳамл,
- баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ,
- зиёд кардани мутаносибии ДОТС,
- андешидани тадбирҳои муассир ҷиҳати мубориза бо бемориҳои сирояткунанда,
- пурзӯр намудани мубориза барои пешгирӣ вобаста ба ВНМО дар байни аҳолӣ, алалхусус ҷавонон ва гелминтозҳо дар байни кӯдакони то 14-сола,
- таъмин намудани муассисаҳои тандурустии ноҳия бо мутахассисони соҳибихтисос ва ҳавасманд намудани онҳо, нигаронида шудааст.

### 3.3. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Сохтори соҳаи таъминоти иҷтимоии ноҳияро низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат ташкил медиҳад.

Рушди минбаъдаи ноҳияи Темурмалик аз рӯи нишондиҳандаи мавҷудаи бекорӣ, ҳолати воқеии иҷтимоӣ ва имкониятҳои нисбатан маҳдуди иқтисодӣ ба таъсис додани ҷойҳои кории нав вобаста мебошад.

Тибқи маълумотҳои расмӣ шумораи аҳолии ноҳияи Темурмалик ба ҳолати 1 январи соли 2015 ҳамагӣ 63459 нафарро ташкил дода аз ин шумора 44330 ҳазор нафар захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

***Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.*** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат шомил мешаванд.

*Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Нафақахӯрон (аз рӯи сину сол) | 2487 | 2572 | 2633 | 105,8 |
| Маъюбон | 1464 | 1455 | 1254 | 85,6 |
| Маъюбони модарзод | 501 | 495 | 469 | 93,6 |
| Бесаробонмондагон | 454 | 463 | 471 | 103,7 |
| Нафақа барои хизматҳои махсус | 28 | 29 | 26 | 92,8 |
| Нафақа барои хизматҳои дарозмуддат | 46 | 48 | 45 | 97,8 |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 4980 | 5062 | 4898 | 98 |
| Оилаҳои камбизоат, ки ҷубронпулии пардохти истифодаи хизматрасонии коммуналӣ (нерӯи барқ) мегиранд. | 1500 | 1509 | 1472 | 98,1 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 бинобар сабаби қатъ гардидани асноди нафақахӯрии 900 нафар маъюбони ноҳия барои аз Хадамоти давлатии ташхису тиббии иҷтимоӣ гузаштан ва барқарор намудани намуди беморӣ ва маъюбӣ ба 97 фоиз коҳиш ёфтааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2015 дар ноҳия 14 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 19 нафар маъюбони садамаи Чернобил ва 1013 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2 ва 3 зиндагӣ мекунанд, ки аз ин 534 нафарро занҳо ва 479 нафарро мардон ташкил медиҳанд.

Соли 2014 дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақа 234,76 сомонӣ, аз ҷумла: аз руйи пиронсолӣ 231,92 сомонӣ, аз рӯйи гум кардани яке аз волидайн 263,61 сомонӣ, аз рӯйи маъюбӣ 205,39 сомонӣ ва нафақаи иҷтимоӣ 136,51 сомониро ташкил медихад. Соли 2014 талаботи умумии моҳонаи нафақа ба 1287 ҳазор сомонӣ баробар гаштааст, ки дар муқоиса ба соли 2011 ба андозаи 472 ҳазор сомонӣ ва ё 63 % афзоиш ёфтааст.

Мутаассифона ҳолати имрӯзаи пардохти нафақапулӣ тавассути кортҳои пластикӣ аз банкоматҳо нафақахӯронро ба мушкилиҳои зиёд мувоҷеҳ кардааст. Зеро банкоматҳо (аз 7 бонки дар ноҳия амалкунанда 4 бонк дорои банкомат мебошад) танҳо дар маркази ноҳия мавҷуданд ва зиёда аз 4 ҳазор, аз ҷумла 2,5 ҳазор нафар нафақахӯрони пиронсол ва 1,5 ҳазор нафақахӯрони маъюб, бо назардошти дар масофаи дур ҷойгир будани банкоматҳо, имконияти сари вақт гирифтани маблағи нафақаро надоранд.

Шумораи умумии хонаводаҳое, ки бинобар афзоиш ёфтани тарифҳои нерӯи барқ ба онҳо ҷубронпулӣ пардохт мешавад зиёда аз 4557 ададро ташкил медиҳад.

Бо мақсади дастгирии молиявии кӯдакони синни мактабии оилаҳои камбизоат дар соли 2014 барои 1700 нафар дар ҳаҷми 67,1 ҳазор сомонӣ кӯмакпулӣ пардохт карда шуд. Ҳамазамон, дар ин давра баҳри дастгирии оилаҳои камбизоат (1472 оила) дар ҳаҷми 281,2 ҳазор сомонӣ ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ пардохт карда шудааст.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар н.Темурмалик дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъи шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат, низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи ноҳия ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он,ояндабинии талаботу пешниҳодотро ба қувваи корӣ, амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҷониби шӯъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 4161 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 721 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳалҳо, нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

*Раванди татбиқи Барномаи мусоидат*
*ба шуғли аҳолии н. Темурмалик барои солҳои 2011-2014*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 830 | 850 | 480 | 606 | 1670 | 1683 | 1550 | 2785 | 327 |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 280 | 285 | 480 | 606 | 484 | 484 | 514 | 524 | 183 |
| Касбомузӣ | 170 | 180 | 180 | 279 | 200 | 225 | 250 | 285 | 158 |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 35 | 35 | 40 | 130 | 41 | 41 | 60 | 60 | 171 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки аз рӯи ҳамаи нишондиҳандаҳо нақшаи дурнамо бар зиёд иҷро карда мешавад. Новобаста аз ин солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ

ва ғайри буҷетӣ ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Дар ин замина, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ зарур аст.

Дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Темурмалик барои солҳои 2012-2013" дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 429 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб - компютер) хатм намудаанд.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад то соли 2020 ташкили 3128 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2012-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолии ноҳия, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа, ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба андозаи 14,6 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ ва сохтмон ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин омил шумораи зиёди кормандон аз сабаби паст будани музди меҳнат, ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти кори шоиста ба корхонаҳои тиҷоратӣ ё сохтмонӣ мераванд.

*Музди миёнаи меҳнат дар ноҳияи Темурмалик аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011 -2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2011 бо% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Кишоварзӣ | 227 | 291 | 322 | 380 | 167,4% |
| Саноат | 105 | 132 | 156 | 173 | 164% |
| Сохтмон | 225 | 296 | 340 | 540 | 240% |
| Молия ва қарз, бонкҳо | 396 | 462 | 778 | 850 | 245% |
| Фарҳанг | 251 | 281 | 329 | 523 | 215% |
| Тандурустӣ | 275 | 263 | 447 | 549 | 199,6% |
| Маориф | 299 | 275 | 357 | 568 | 189,9% |
| ХМК | 209 | 267 | 342 | 497 | 237% |
| Дигар сохторҳои соҳаи буҷавӣ | 358 | 498 | 669 | 725 | 202,5% |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 260,5 | 307,2 | 415,5 | 533,8 | 206,6% |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи саноат рост меояд. Қобили қайд аст, ки пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда сатҳи даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботҳои Кодекси меҳнат риоя намегардад.

**Сатҳи бекорӣ.** Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа яке аз ҳадафи стратегиии Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда, бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур, ба кор даровадани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар аст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман бақайдгирифташуда сари вақт ва пурра ба кор таъмин

карда намешавад, ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои корфармо вобаста аст. Дар баробари ин, ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар Шӯъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд) дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 ба андозаи 2,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар соли 2014 аз шумораи умумии бекорони расман ба қайд гирифташуда танҳо 15,8 фоизи онҳо ба кор таъмин карда шудаанду халос.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ (44330 нафар) шумораи бекорон 433 нафарро (бекорони расман ба қайд гирифташуда) ташкил медиҳад. Бештари шумораи бекоронро (54%) занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Таи се соли охир дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Темурмалик дар тӯли солҳои 2012 – 2014" беш аз 122 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда шуд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон, аз ҷониби шӯъбаи агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ноҳия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Дар тӯли солҳои 2012 -2014 шумораи умумии бекороне, ки аз қарзҳои бефоиз истифода намудаанд, 174 нафарро ташкил дода, ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 237 ҳазор сомонӣ баробар гаштааст.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз, надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани ҳаҷми маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 56 нафар ба маблағи 79 ҳазор сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

Дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи ҳалталаби сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Муҳоҷирати меҳнатӣ дар ноҳияи Темурмалик ба монанди тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷои кор нақши калон бозида, сарчашмаи асосии даромади аҳолӣ ба шумор меравад. Шумораи муҳоҷирони меҳнатии бурунмарзӣ аз сабаби набудани сохтори дахлдори хадамот аниқ ба ҳисоб гирифта намешавад. Асосан муҳоҷирони меҳнати Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Украина сафар менамоянд. Аз рӯи ҳисоботи расмии оморӣ соли 2014 шумораи умумии муҳоҷирон 1926 нафарро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2013 (2204) ба миқдори 278 нафар кам гардидааст. Омили асосии коҳиш ёфтани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба пурзӯр гаштани қонунгузории кишвари Россия вобаста ба масъалаҳои будубоши муҳоҷирон, бӯҳрони иқтисодӣ дар ин мамлакат вобаста аст.

Соли 2014 аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ дар ноҳия тавассути 5 филиали бонк (Амонатбонк, Тоҷиксодиротбонк Агроинвестбонк, Эсхата ва Ориёнбонк) 9,4 млн. доллари ИМА, 61 млн. рубли русӣ ва 9,9 ҳазор евро ворид гаштааст, ки нисбати соли 2012 ба андозаи 2,4 млн. долари ИМА, 14,8 млн. рубли русӣ ва 1,6 ҳазор евро зиёд мебошад.

Бо мақсади мусоидат ба танзими ҷараёни муҳоҷирати муташаккилонаи бурунмарзии меҳнатӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин дар назар аст:

– созмон додани бахши хадамоти муҳоҷирати меҳнатӣ дар ноҳия,
– фаро гирифтани муҳоҷирони меҳнатӣ ба суғуртакунонии ҳамъшаванда ва ихтиёрӣ,
– пурра аз муоинаи тиббӣ гузаронидани муҳоҷирони аз муҳоҷират баргашта,
– ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз - «Қарзи роҳкиро» барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши муҳоҷиратӣ меҳнатӣ доранд,

- ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзишии забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷират тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ доранд,
- ташкил ва татбиқи механизми шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ,
- самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ,
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо сохторҳои дахлдор ҷиҳати интиқоли нерӯҳои корӣ ба хориҷи кишвар.

Ба роҳ мондани муҳоҷирати экологии дохилӣ (ихтиёрӣ) тавассути аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ яке аз афзалиятҳои рушди ноҳия ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ҳалли ин мушкилот қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №332 аз 1 июли соли 2011 "Дар бораи тасдиқи нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013" ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он аз ноҳия ва гирду атроф 31 оила ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шуд.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- норасогии воситаҳои техникӣ, курсӣ-аробачаҳо барои маъюбон,
- номутобиқатии ташкили таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ба стандартҳои умумии қабулгардида,
- рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмӣ,
- сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрии касбии ҷавонон,
- набудани техника ва технологияҳои замонавӣ дар муассисаҳои сохтории ҳифзи иҷтимоӣ,
- нокифоягии ҷойҳои кории мавҷуда ва саривақт бо кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд.

### 3.4. Соҳаи фарҳанг ва фароғат

Дар ноҳияи Темурмалик 39 муассисаи фарҳангӣ фаъолият менамояд, аз ҷумла 13 клуб, 23 китобхона ( китобхонаҳои марказӣ, бачагона, китобхонаи шакли шаҳрӣ ва 21 китобхонаи деҳотӣ), мактаби бачагонаи мусиқӣ, боғи фарҳанг ва фароғатӣ, осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ.

Шумораи умумии кормандони соҳа дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия 70 нафарро ташкил дода, аз ин 10 нафар дорои маълумоти олӣ, 3 нафар дорои маълумоти олии ғайрисоҳавӣ, 5 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 55 нафар дорои маълумоти миёна буда, 4 нафарашон кормандони техникӣ мебошанд.

Бо мақсади баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони соҳа 3 нафар дар давоми солҳои 2012-2014 аз тарафи бахши фарҳанги ноҳия (оид ба коргардонӣ, корманди муассисаҳои клубӣ ва китобдории китобхонаҳои оммавӣ) ба Донишкадаи Давлатии Санъати Тоҷикистон барои такмили ихтисос ирсол карда шуд.

Дар айни замон муассисаҳои фарҳангии ноҳия аз норасогии мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ танқисӣ мекашанд. Шумораи умумии эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисоси соҳа 7 нафарро ташкил медиҳад.

**Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ.** Осорхонаи мазкур соли 1985 сохта мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Дар осорхона беш аз 175 расму ҳуҷҷатҳо ва 6 дона гӯшаҳо мавҷуд аст, ки тасвиркунандаи таърихи гузаштаю имрӯза ва фарҳанги ниёгони мардуми заҳматкаши ноҳия мебошад. Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ба азнавсозӣ ниёз доштани осорхонаи номбурда ва норасогии таҷҳизоти зарурӣ мебошад.

Дар ноҳия 23 китобхонаҳои оммавӣ фаъолият доранд, ки аз ин китобхонаи марказӣ, бачагона ва шакли шаҳрӣ дар мувозинаи бахши фарҳанги ноҳия буда, 3 адад китобхонаҳои деҳот дар мувозинаи ҷамоатҳои деҳот қарор доранд. Дар китобхонаҳо

китобҳои тозанашр, рафҳои китобмонӣ ва таҷҳизоти компютерӣ аз ҷумлаи мушкилотҳо мебошанд.

Дар маҷмӯъ бештари муассисаҳои фарҳангии ноҳия аз норасогии мизу курсӣ, надоштани таҷҳизоти ҳозиразамон, аз ҷумла, кампютер ва таъмирталаб будани инфрасохтори мавҷуда ба мушкилотҳои зиёд дучор гардида истодаанд.

### 3.5. Соҳаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ

**Сайёҳӣ.** Сайёҳӣ дар ноҳияи Темурмалик яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Айни замон дар ноҳияи Темурмалик инфрасохтори аввалиндараҷа, ба монанди осорхонаи ноҳиявӣ, майдонҳои варзишӣ, боғи истироҳатӣ, тарабхонаҳо ва як меҳмонҳонаи хурд мавҷуд мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ёдгориҳои таърихӣ, ландшафти зебои кӯҳӣ метавонад дар рушди минбаъдаи ноҳияи Темурмалик ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Халқи хирадманди гармчеҳраи ин сарзамин бо меҳмондӯстии хеш метавонад ба ин минтақаи сайёҳӣ файзу баракати тоза бахшад.

Рушди соҳаи туризм бахри паст кардани сатҳи бекорӣ дар ноҳия замина ва имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад. Инчунин рушди соҳаи мазкур барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои пешбурди сиёсати соҳа ва татбиқи самараноки он дар ноҳия бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ фаъолият намуда истодааст, ки дар он 3 нафар кормандон аз ҷумла 1 мутахассис дар самти сайёҳӣ фаъолият менамоянд.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ сол то сол ба рушди соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода шуда, дар ин замина «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» қабул карда шудааст, ки дар доираи он то соли 2017 дар ноҳияи Темурмалик ба анҷом расонидани корҳои назаррас барои фароҳам овардани шароит барои рушди туризм дар назар дошта шудааст.

Мушкилии асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии воситаҳои молиявӣ мебошад. Бинобар маҳдуд будани имкониятҳои буҷети маҳаллӣ ва субвенсионӣ будани ноҳия, аксар чорабиниҳое, ки дар барнома пешбинӣ гардидаанд, саривақт маблағгузорӣ ва иҷро карда намешаванд.

Ноҳияи Темурмалик имконият ва иқтидорҳои мусоид барои ҷалб намудани сайёҳонро доро мебошад, аз ҷумла дар самти моҳидорӣ, табобат бо лойи гарми шифобахши мавзеи Танобчӣ, бо оби маъданӣ (шӯр) ва ғайра. Ҳамзамон кӯҳҳои мавҷудаи ноҳияи Темурмалик аз гиёҳҳои шифобахши табиӣ бой буда, талу теппаҳои зебои он низ, диққати меҳмононро ба худ ҷалб менамояд. Самаранок истифода бурдани ин иқтидорҳо яке аз афзалиятҳои асосии барнома маҳсуб меёбад.

Қайд кардан зарур аст, ки бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ тайёр намудани роҳбаладон барои сайёҳони хориҷӣ ва дар ин замина, ба кор ҷалб намудани ҷавонони ноҳия, яке аз имкониятҳои хуб дар рушди соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад.

Дар ноҳия барои беҳтар гардонидани хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ, қабули бештари меҳмонон ва заминаи мусоид фароҳам овардан барои рақобати солим, то соли 2020 сохтмони меҳмонхонаи нави замонавӣ ба нақша гирифта шудааст.

Мутаассифона, дар ноҳия ширкатҳои муаррификунандаи туризм фаъолият намекунанд ва айни замон ҳавасмандии корхонаҳои муштараки сайёҳии хориҷӣ барои дар ин минтақа кушодани намояндагии худ мушоҳида намешавад. Илова бар ин, бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ноҳияи Темурмалик бошад танҳо 1 воҳиди корӣ дорад.

**Варзиш.** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Чумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар ноҳия нақшаи чорабининиҳои мушаххас оиди рушди соҳаи варзиш тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футбол дар лигаи якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар назар дошта шудааст ва то соли 2015 барои татбиқи амалии чорабиниҳои он 361 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳоло дар ноҳия 1 варзишгоҳ, 15 майдончаи баскетбол, 30 майдончаи волейбол, 2 майдончаи бозии тӯби дастӣ, 11 майдончаи футбол, 7 толори варзишии назди мактабҳо ва 1 толори бокс мавҷуд буда, ба ҳаводорони варзиш ва аҳолӣ барои истифода пешкаш гардидааст.

Дар ноҳия 1 адад мактаби варзишӣ фаъолият намуда, дар он 22 нафар мураббиён аз руи 11 намуди варзиш, аз ҷумла футбол, волейбол, баскетбол, шашка, шоҳмот, тенниси рӯи миз, вазнбардорӣ, гӯштини тарзи озод, миллӣ, дзюдо, самбо ва якҳарбаи шарқӣ ба 608 нафар шогирдон машқу тамрин медиҳанд. Аз мураббиёни болозикр 2 нафар Мурабии Шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 нафар Устодони Варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Бештари муассисаҳои таълимии варзишӣ толорҳои варзишӣ ё майдонҳои варзишии худро надоранд. Аз ин лиҳоз сохтмон ва ба истифода дода шудани толорҳои варзишӣ дар ҷамоатҳо ба рушди минбаъдаи соҳаи варзиш таъсири мусбӣ мерасонад.

Варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои варзишии сатҳи гуногун, аз ҷумла мусобиқоти вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гаштаанд, аз ҷумла бештар дар намудҳои гӯштин ва вазнбардорию варзиши сабук онҳо дастболо гаштаанд.

*Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2010-2014*

| № | Солҳо | Мусобиҳаҳои ноҳиявӣ | Вилоятӣ | Ҷумҳуриявӣ | Байнал-милалӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 210 | 12 | 8 | 1 | 231 |
| 2 | 2011 | 222 | 21 | 9 | 0 | 252 |
| 3 | 2012 | 235 | 27 | 11 | 2 | 275 |
| 4 | 2013 | 273 | 31 | 12 | 1 | 317 |
| 5 | 2014 | 313 | 39 | 18 | 2 | 372 |

Аксари иншоотҳои варзишии ноҳия ба талаботи муосир ҷавобгӯ намебошанд ва ба таъмир ниёз доранд. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ ва майдонҳои футболбозӣ эҳсос гардида, аксарияти онҳо соддаву оддӣ сохта шуда, дар ҳолати ногувор қарор доранд.

Лозим ба зикр аст, ки баъзе аз деҳаҳои ноҳия аз марказ дар масофаи дур воқеъ мебошанд ва дар қаламрави онҳо танҳо дар мактабҳо майдонча ё толори варзишӣ мавҷуд асту халос. Бинобар дурии роҳ, кӯдакони ин деҳаҳо аз иштирок дар ҳама чорабиниҳои варзишӣ маҳрум мебошанд. Иншоотҳои варзишии мавҷуда бошанд, ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар соли 2014 шумораи умумии ҷавонони ноҳия 19104 нафарро ташкил додааст. Дар сатҳи ҷамоатҳои ноҳия ташкил намудани иншооти варзишӣ, марказҳои ҷавонон ва курсҳои омӯзишии кутоҳмудат мувофиқи мақсад буда, аз манфиат холӣ нест.

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ

**Таъмини оби нӯшокӣ.** Мувофиқи маълумотҳо дар ноҳия оиди масъалаҳои таъминоти аҳолӣ бо оби нушокӣ Корхонаи “Тоҷик об деҳот”-и ноҳияи Темурмалик фаъолият менамояд. Ташкилоти мазкур ба аҳолии ҷ/ш Совет, ҷ/д Танобчӣ, ҷ/д С. Раҳимов ва ҷ/д Лақай Қармишев хизмат мерасонад. Шумораи умумии муштариёни корхона 17750 нафарро ташкил намуда, иқтидори обтаъминкунии корхона 1030 м3 дар як шабонаруз мебошад.

Дар тавозуни Корхонаи “Тоҷик об деҳот”-ти ноҳияи Темурмалик инчунин 36 км хатҳои обгузар (аз ҷумла 20 км шоҳқубурҳо ва 16 км хатҳои обгузари хурдҳаҷм) қарор дорад. Илова бар ин, дар ҷ/д Кангурт 1 адад чоҳи амудӣ мавчуд мебошад, ки қисми аҳолии ҷамоатро бо оби нушокии хушсифат таъмин менамояд. Дар ноҳия ҳамагӣ 202 адад ҷумакҳои об дар кӯчаҳо ва 25 адад ҷумакҳои оби дар ҳавлиҳо, инчунин 26 обченакҳо васл карда шудааст. Шумораи умумии коргарони корхонаи мазкур 16 нафар буда, музди миёнаи меҳнати онҳо 530 сомониро ташкил медиҳад.

Таъминоти оби нӯшокӣ мувофиқи реҷа ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла обтаъминкунии аҳолии қисми поёни шаҳрак дар як шабонаруз 3,5 соат, обтаъминкунии нисфи аҳолии шаҳрак 24 соат ва обтаъминкунии аҳолии ҷ/д Танобчӣ ва ҷ/д С. Раҳимов 4-5 соат амалӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ мувофиқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ, 51% аҳолии ноҳия ба оби нушокии хушсифат дастрасӣ доранд. Шумораи боқимондаи аҳолӣ обро дар мавсими обёрии заминҳо аз ҷӯю наҳрҳо (14,2%), инчунин тавасути дар чоҳҳои махсуси худсоз ҷамъоварӣ намудани оби борон (19,6%) ва аз чашмаҳою нуқтаҳои мухталифи обтаъминкунӣ ба таври кашонидан (17,2%) дастрас менамоянд.

Нархи об барои ҳар як нафар аҳолӣ дар як моҳ 1,3 сомонӣ муайян шудааст. Дар соли 2014 ҳаҷми қарздории аҳолӣ ва корхонаҳо дар назди корхонаи обтаъминкунӣ ба 116360 сомонӣ ва қарздории корхона аз мақомоти андоз 80 ҳазор сомониро ташкил додааст.

*Сатҳи дастрасии аҳолии ноҳияи Темурмалик ба оби нушокии хушсифат*




Норасогии оби нӯшокӣ асосан дар ҷамоати Лақай Қармишев (деҳаҳои Маъмурдашт, деҳаи Қушқия, Сартез, Қиблаӣ), дар ҷ/д Бобоюнус (деҳаҳои Чилча, Яккасада, Баҳористон, Офтобруя), дар ҷ/д Саймумин Раҳимов (деҳаҳои Давлат, Ҳасанбегӣ, Қазоқ, Бурдангал, Булакдашт, Чаган), дар ҷ/д Танобчӣ (Маҳаллаи навбунёд), дар ҷ/д Кангурт (деҳаҳои Оби ширин, Гузари тор, Чаврок, Савда, Чинистон, Сафарбоён), дар ҷ/д Қарақамиш (деҳаҳои Шулубту, Қарақамиши боло ва поён, Фалхобод, Даҳани намак) ба назар мерасад.

Дар ноҳия нишондидаҳои бемориҳои шадиди рӯдаю меъда дар соли 2014 нисбат ба солҳои пешина тамоюли пастшавӣ дошта бошад ҳам, он то ҳол дар сатҳи ғайриқаноъатбахш қарор дорад ва сабаби асосии он сатҳи пасти дастрасии аҳолӣ ба оби ошомидании хушсифат мебошад.

*Таъминоти оби нӯшокӣ дар ноҳия дар соли 2014*

| Ҷамоатҳо | Аҳолӣ (нафар) | %-и аҳолие, ки ба оби нушокии хушсифат дастрасӣ дорад | %-и аҳолие, ки ба оби нушокии хушсифат дастрасӣ надорад |
|---|---|---|---|
| ҷ/ш Совет | 10317 | 80% | 20% |
| ҷ/д Лақай Қармишев | 8113 | 30% | 70% |
| ҷ/д Танобчӣ | 7454 | 70% | 30% |
| ҷ/д Саймумин Раҳимов | 12257 | 60% | 40% |
| ҷ/д Бобоюунус | 8664 | 10% | 90% |
| ҷ/д Кангурт | 9430 | 10% | 90% |
| ҷ/д Қарақамиш | 7224 | 10% | 90% |
| Ҳамагӣ | 63459 | 51% | 49% |

Мувофии маълумотҳо шабакаи обтаъминкунии шаҳраки Совет соли 1964 сохта шуда, барои хизматрасонии 5000 нафар аҳолӣ пешбинӣ шудааст. Айни замон бошад боназардошти афзоиши табиии аҳолӣ ва зиёд шудани муштариён, корхона танҳо метавонад дар як шабонаруз муштариёнро ба ҳисоби миёна аз 4 то 6 соат бо об таъмин намояд. Бинобар зиёд шудани аҳолӣ, низоми обтаъминкунии мазкур ба пурзӯр намудани иқтидорҳои корӣ ниёз дорад (аз ҷумла сохтмони обанборҳои нав, васл намудани насосҳои обкаши иловагӣ, иваз намудани шоҳқубурҳо, сохтмони иншооти ёрирасони техникию биноҳои хизматӣ ва ғайраҳо).

**Хадамоти рифоҳӣ.** Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Темурмалик бо баровардани ПСМ (партовҳои сахти маишӣ), инчунин, ба кабудзоркунӣ, чароғонкунӣ, тозагии санитарии кӯчаҳои марказӣ ва ороиши маркази ноҳия машғул аст.

Корхона танҳо дар маркази ноҳия фаъолият мекунад ва ҳамагӣ ба 86 муштарӣ, аз ҷумла ба 25 ташкилоту корхонаҳо ва 135 хоҷагиҳои аҳолӣ хизмат мерасонад.

Дар корхонаи мазкур 1 автомашинаи тамғаи “ГАЗ–53” барои ҷамъоварӣ ва баровардани ПСМ, 1 автомашинаи асенизатсионӣ, 1 трактори тамғаи “МТЗ-80”, 1 автомашинаи обкашии тамғаи “ГАЗ-53” ва 1 автомашинаи обпошии тамғаи “Камаз” мавриди истифода қарор дорад, ки айни замон ниҳоят кӯҳнаву фарсуда гашта ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд. Аз сабаби норасоии техника ва таҷҳизоти ҳозиразамон корхона дар баровардани партовҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ мегардад, зеро партовгоҳ дар масофаи 14 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир шудааст.

Мувофиқи нархномаи КВД “ХМК ҶТ” дар ноҳия нархи 1 м3 ПСМ 48 сомонӣ муқаррар гардидааст. Дар соли 2014 сатҳи ҷамъоварии маблағи ҳаққи хизматрасонии кашонидани ПСМ ҳамагӣ 80%-ро ташкил додааст.

Мутобиқи меъёрҳои муайяншуда, ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳар сол 1050 $м^3$-ро ташкил медиҳад. Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд. Дар ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳои сахти маишӣ ба роҳ монда нашудааст.

Дар тавозуни корхона 25 адад партовгоҳ ба қайд гирифта шудааст, вале ҳолати онҳо ба меъёрҳои санитариву эпидемиологӣ мувофиқат наменамояд ва ба таъмиру тармим ниёз доранд. Мувофиқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ феълан дар шаҳраки Совет боз 100 партовгоҳи таҷҳизонидашуда ташкил ва 100 адад қуттиҳои санитарӣ дар кӯчаҳои протоколӣ ва серодам насб карда шавад.

Партовгоҳи марказии ноҳияи Темурмалик дар ҳудуди 0,5 га дар масофаи 14 км дуртар аз маркази ноҳия дар деҳаи Танобчӣ воқеъ гардидааст ва ба сохтмони панҷараи иҳотавӣ ва иншоотҳои ёрирасону безараргардонии ПСМ ниёз дорад. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ мебошад, айни ҳол иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия барои ҳалли масъалаи зикргардида ҷудо намудани қитъаҳои алоҳидаи замин ҷиҳати ташкил намудани партовгоҳ пешбинӣ мегардад. Корхонаи давлатии фаръии

“Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳияи Темурмалик ба техникаи муосир, аз ҷумла ба мошинаҳои партовбарорӣ, ассенизатсионӣ, трактори ядакдори ЮМЗ-80 ва таҷҳизоти кафшергарӣ эҳтиёҷ дорад.

*Маълумот оиди баровардани ПСМ дар ноҳия дар солҳои 2012-2014*




Дар доираи Барномаи рушди ноҳия барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби соҳа ҷудо намудани қитъаи алоҳидаи замин барои ташкили партовгоҳ пешбинӣ гардидааст. Инчунин, барои беҳтар намудани сифати хизматрасонии рифоҳӣ дар давраи солҳои 2016-2020 ташкил намудани муассисаи коммуналӣ дар маркази ҷамоатҳо пешбинӣ гардидааст.

Дар ноҳия шабакаи канализатсия ва иншооти пасобтозакунанда умуман вуҷуд надорад ва ин ҳолат ба ҷамъшавии ҳаҷми зиёди партовҳои гуногун ва ифлос шудани муҳити зист оварда мерасонад. Бояд қайд намуд, ки 18 хонаи истиқоматии дуошёнаи 12 ҳуҷрадор, ки дар маркази ноҳия ҷойгиранд аз сабаби мавҷуд набудани хадамоти муосири рифоҳӣ хатти канализатсия ва гармидиҳӣ надоранд. Илова бар ин, дар тавозуни корхона 10 нуқтаи санитарӣ-ҳоҷатхона буда, ҳолати кунунии онҳо ба талаботҳои санитариву эпидемиологӣ ҷавобгӯ нест ва ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия ва дар асоси нақшаи генералии маркази ноҳияи Темурмалик барои ҳалли масъалаи номбаршуда сохтмони 4 км хатти ташноб пешбинӣ гардидааст.

Дар тавозуни корхонаи мазкур дегхона ва шабакаи гармидиҳии муассисаи томактабии №1 ва беморхонаи маркази ноҳия қарор дорад, аммо он аз давраи солҳои 90-ум инҷониб корношоям гашта фаъолият наменамояд. Ҳамзамон, дар тавозуни корхонаи номбурда дегхонаи гармидиҳии Хонаи бачагон ва мактаби №3 ҷ/д Танобчӣ низ, қарор дорад, ки дар фасли зимистон иншоотҳои зикршударо бо гармӣ таъмин менамояд. Дегхонаи гармидиҳии мазкур ва магистрали қубурҳои обигармтаъминкунии он соли 1964 сохта шуда, айни замон ба таъмири асосӣ ниёз дорад. Барои беҳтар намудани шароити зимистонгузаронии ташкилоту муассисаҳои ноҳия мувофиқи мақсад аст, ки дар маркази ноҳия шабакаи гармидиҳии мутамарказонидашуда дар базаи захиравии корхонаи КФД “ХМК” барқарор карда шавад.

Хонаҳои дуошёнае (18 адад), ки дар маркази ноҳия карор доранд, дар солҳои 1970 сохта шуда, аз солҳои 90-ум инҷониб таъмири асосӣ нагардида, боми хонаҳо пурра фарсуда шуда, дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

Бино ва иншоотхои корхонаи мазкур солҳои 1950 сохта шуда, (аз ҷумла бинои идораи ХМК, гараж, амборхонаҳо ва дигар иншоотҳои ёрирасон) пурра ба таъмири асосӣ ниёз дорад.

**4.2. Таъмини барқ**

Дар ноҳия ба таъминоти барқ муассисаи «Шабакаҳои барқии ноҳияи Темурмалик» машғул мебошад. Дар он 29 нафар коргарон фаъолият дошта, аз ин шумора 15 нафар кормандони муҳандисию техникӣ мебошанд. Шабакаи барқии мазкур ба 16 ташкилоту муассисаҳои буҷетию ғайрибуҷетӣ ва ба 2860 нафар муштариёни (хоҷагиҳои оилавӣ) ноҳия хизмат мерасонад.

Миқдори умумии зеристогоҳҳои барқӣ дар қаламрави ноҳия 109 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 107 адад дар тавозуни идораи мазкур ба қайд гирифта шудаанд ва 2 адади дигар дар тавозуни дигар муассисаҳо мебошад. Миқдори зериистгоҳҳои барқӣ 35/10 кВ - 1 адад бо иқтидори 4100 кВа ва зеристгоҳҳои барқии 35/04 кВ 1 адад бо иқтидори 160 кВА мебошад. Дарозии умумии хатҳои интиқоли нерӯи барқ 480 км-ро ташкил медиҳад. Талаботи умумии ноҳия ба нерӯи барқ дар фасли зимистон 4,8 МВт ва дар фасли тобистон 1,8 МВт мебошад.

Аҳолии ноҳия бо нерӯи барқ дар моҳҳои апрел-сентябр шабонарӯзӣ таъмин буда, дар моҳҳои октябр-март барқ тибқи маҳдудият (лимит) дода мешавад.

*Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи барқрасонӣ дар ноҳияи Темурмалик*

| № б.т | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 дар қиёс бо соли 2012 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағи умумии аз фурӯши қувваи барқ ба дастомада | сомонӣ | 1544564 | 2409625 | 2293327 | 148,4 |
| 2 | Ҳаҷми умумии фурӯши қувваи барқ | кВТ/с | 10241568 | 16003355 | 15090867 | 147,3 |
| 3 | Аз ҷумла, аз аҳолӣ | сомонӣ | 1043350 | 1433217 | 1962101 | 188 |
|  | Ҳаҷми умумӣ | Млн.кВТ/с | 8065340 | 11073987 | 13549762 | 168 |
| 4 | Ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 501214 | 976408 | 331226 | 66,1 |
|  | Ҳаҷми умумӣ | кВТ/с | 2176228 | 4929306 | 1441105 | 66,2 |
| 5 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) |  | 15,08 | 15,05 | 15,2 | 100,8 |
|  | -ба аҳолӣ | дирам | 12,93 | 12,94 | 14,37 | 111,1 |
|  | -ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | дирам | 23,03 | 19,81 | 22,9 | 99,4 |
| 6 | Қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | сомонӣ | 2305400 | 2803697 | 3332127 | 144,5 |
|  | -ба аҳолӣ | сомонӣ | 1856169 | 2114841 | 2195664 | 118,3 |
|  | Ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 449231 | 668856 | 1136463 | 252,9 |
| 7 | -талафоти умумӣ | % | 16,3 | 14,96 | 14,32 | 87,8 |

Ҳаҷми қарз аз ҳисоби истифодаи қувваи барқ дар соли 2014 - 3332127 сомониро ташкил додааст, ки дар қиёс бо соли 2012 ба маблағи 1026727 сомонӣ камтар мебошад. Сабабҳои асосии боқӣ мондани қарзи муштариён дар назди корхона, фарсуда будани хатҳои интиқоли барқ, талафоти зиёди он, пастшавии қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ мебошад. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъмир кардани ХИБ ва зеристгоҳҳои барқӣ, аз ҳисоби маблағҳои ШСХК «Барқи Тоҷик» пешбинӣ шудааст.

Дар ноҳия бо сабаби мавҷуд набудани гази табиӣ, аҳолӣ аз қувваи барқ аз меъёр зиёд истифода мебарад ва дар натиҷа ин ҳолат ба корношоям гардидани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ оварда мерасонад. Ин ҳолат дар фасли тирамоҳу зимистон ба мушоҳида мерасад. Бинобар баланд будани нархи ангиштсанг, аҳолӣ дарахтон ва дигар бутаҳоро ҳамчун сӯзишворӣ истифода бурда, ба раванди муқаррарии мувозинати табиат ва муҳити зист зарари зиёди барқарорнашаванда мерасонад. Бинобар ин, дар ноҳия дар солҳои оянда бунёд намудани НОБ-ҳои хурди барқӣ обӣ мувофиқи мақсад мебошад.

*Мушкилиҳои соҳаи баркрасонии ноҳия,* ҷамъоварии нокифояи маблағи пардохти истифодаи неруи барқ, нокифоягии шумораи мавҷудаи трансформаторҳо, фарсудаю корношоям ва таъмирталаб гаштани 61% ХИБ ва симчӯбҳои барқӣ, сарбории зиёди истгоҳҳои трансформаторӣ мебошад.

**4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ**

Робитаи ноҳия бо маркази ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳои ҳамсоя тавассути роҳи автомобилгарди Темурмалик-Данғара сурат мегирад. Ба воситаи ин роҳ маҳсулоти кишоварзӣ аз нуқтаҳои истеҳсол ва коркард ба маркази вилоят бароварда мешавад. Шабакаи роҳҳои маҳаллӣ дар хизматрасонии нақлиётии ноҳия нақши муҳимро мебозад ва талаботро дар кашонидани маҳсулот байни хоҷагиҳо ва дар мусофиркашонӣ таъмин менамояд.

Дар ноҳия «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» ба нигоҳубин ва истифодабарии роҳҳои ноҳия машғул аст, ки тобеи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳоло дар ин муассиса 41 нафар кор ва фаъолият мекунанд. Муассисаи мазкур 7 адад техникаи роҳсозӣ ва таҷҳизотро дар ихтиёр дорад, ки аз инҳо 6 ададаш коршоям буда, боқимонда фарсуда гардидаву таъмирталабанд ва барои таъмири онҳо маблағи зиёд зарур аст.

Дар тавозуни муассисаи мазкур 205,9 км роҳи автомобилгарди истифодаи умум қарор дорад, аз ҷумла 48 км роҳи аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 157,9 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта. Роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бади техникӣ қарор дошта, солҳои тӯлонӣ дар онҳо таъмири асосӣ гузаронида нашудааст. Дар солҳои 2012-2014 барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ тавассути буҷети маҳаллӣ 47 ҳазор сомонӣ ва аз буҷети ҷумҳуриявӣ 521 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуда бошад ҳам, кифоя нест. Зеро тибқи меъёри мавҷуда барои нигоҳубини роҳҳои маҳаллӣ 8,4 ҳазор сомонӣ барои як километр муайян шудааст.

Роҳҳои автомобигарди ноҳия аз рӯи намуди фарш бо қабати руйпӯши асфалт ҳамагӣ 65 км буда, 80,8 км роҳҳо сангфарш ва боқимонда 60,1 км хокӣ мебошад. Роҳҳои мошингарди маҳаллии ноҳия, ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳаҳо пайваст мекунанд 90% ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Дар ноҳия инчунин 11 купрук бо дарозии умумии 428 метр мавҷуд мебошад. Соли 2014 дар ноҳия 3 купрук дар доираи татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди роҳи автомобилгарди Данғара-Кангурт» сохта ба истифода дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки сохтмону азнавсозии роҳҳои автомобилгарди Муродбахш-Совет ва Васеъ-Темурмалик-Балҷувон-Ховалинг ба масофаи 199,4 км яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳдории ноҳия буда, татбиқи онҳо дар соли 2016-2020 пешбинӣ гардидааст.

Соли 2014 ба Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Темурмалик аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои таъмиру нигоҳдории роҳҳо 523 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки он пурра азхуд карда шудааст, аммо он барои иҷрои пурраи корҳои азнавсозии роҳу купрукҳо кифоя нест. Ҳолати техникии роҳҳои мавҷудаи ноҳия ба меъёрҳои роҳсозӣ ва ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ нестанд ва дар давоми 20 соли охир ягон маротиба таъмири асосӣ нашудаанд (махсусан роҳҳои маҳаллӣ).

Дар ноҳия ягон муассисаи нақлиётӣ вуҷуд надорад. Мусофиркашонӣ ва боркашонии ноҳия тавассути нақлиёти шахсии соҳибкорон амалӣ карда мешавад. Мувофиқи маълумотҳо дар ноҳия дар бахши хусусӣ ва дар ихтиёри аҳолӣ 54 адад мошинҳои боркаш, 2 нақлиёти борбардор, 75 трактор ва 200 адад нақлиёти сабукрав ба қайд гирифта шудааст. Дар соҳаи нақлиёти ноҳия зиёда аз 25 нафар соҳибкорони инфиродӣ фаъолият доранд, ки аз ин 6 нафар ба боркашонӣ, 2 нафар тариқи автобусҳо ва 17 нафар бо нақлиёти сабукрав ба мусофирон хизмат расонида, талаботи аҳолии ноҳияро ба қадри ҳол қонеъ мегардонанд. Барои таъмири техника 5 нуқтаи таъмири автомобилҳо мавҷуд мебошад, ки ба бахши хусусӣ таъалуқ дорад.

Дар ноҳия 4 хатсайри нақлиётӣ ба самти шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа, Кулоб ва ба самти ноҳияи Дангара ва 7 хатсайри дохилиноҳиявӣ мавчуд мебошанд, ки онҳоро

бахши хусусӣ хизматрасонӣ менамояд. Айни замон дар ноҳия таъсиси корхонаи мусофиркашонӣ ва боркашонӣ мувофиқи мақсад мебошад.

*Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ дар ноҳияи Темурмалик*

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Гардиши савдои чакана | Ҳазор сомонӣ | 2509,7 | 4013,5 | 1642,3 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 3045,8 | 4611,5 | 1113,6 |
| Ҳаҷми хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ | Ҳазор сомонӣ | 588,8 | 2548,8 | 715,7 |
| Ҳаҷми боркашонии нақлиётӣ | Ҳазор тонна /км | 132,7 | 138,2 | 143,7 |
| Ҳаҷми мусофиркашонии нақлиётӣ | Ҳаз.мусофир/км | 395,0 | 421,2 | 451,2 |
| Таъминоти хонаводаҳо бо нақлиёти сабукрав | Ба 1000 нафар/адад | 125 | 158 | 200 |

***Мушкилиҳои асосии соҳаи нақлиёт ва роҳ:*** дар ҳолати ногувор қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ ва пулҳо, норасогии техникаҳои ҳозиразамон барои корҳои таҷдид ва азнавсозии роҳҳо, норасогии воситаҳои молиявӣ барои гузаронидани таъмири асосӣ ва ҷорӣ роҳҳо, махсусан роҳҳои маҳаллӣ, таъмирталаб будани техникаи мавҷуда, аз офати табиӣ хароб гаштани қисми кӯпрукҳо ва таъмирталаб будани онҳо, фарсуда гаштани фарши қисми асосии аксарияти роҳҳои ноҳия, таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, корношоям шудани воситаҳои техникӣ ва норасогии техникаи ҳозирзамон дар МДНРА-и ноҳия.

Дар доираи Барномаи рушди ноҳия таъмир ва барқарорсозии роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявию маҳаллидошта ва харидорию навсозии техникаи нигоҳубинии роҳҳо пешбинӣ мегардад, зеро барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои мошингарди ноҳия дар солҳои 2016-2020 тақрибан 60 млн. сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Барои беҳтар намудани базаи моддию техники МДНРА-и ноҳия ва дар ин замина беҳтар намудани фаъолияти он дастрас намудани 1 адад автогрейдер, 1 адад булдозер, 2 адад автомашинаҳои боркаш, 2 адад автосамосвали тамғаи “Дулан” истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Чин ва 2 адад таҷҳизотҳои асфалтбурӣ, виброкатокҳо ва таҷҳизоти кафшергарии дизелӣ зарур аст.

## 4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа филиали ҶСК “Тоҷиктелеком” минтақаи 3-и қитъаи техникии ноҳияи Темурмалик фаъолият менамояд. Дар муассисаи номбурда 1 адад дастгоҳи рақамии дорои 1260 рақамаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ васл карда шудааст, ки аз он 1015 рақам ба ташкилоту корхонаҳо ва аҳолӣ хизматрасонӣ менамояд. Дарозии умумии хатҳои нурию нахии телекомуникатсионии байнишаҳрӣ 32 км-ро ташкил медиҳад. Шумораи коргарони корхонаи мазкур 11 нафар мебошад. Дар ноҳия дастрасӣ ба интернет асосан тавассути хизматрасонии филиали ҶСК “Тоҷиктелеком” сурат мегирад. Айни ҳол 31 идораву муассиса ба интернет пайваст карда шудаанд. Мушкилоти асосии корхона, фарсуда шудани симчӯбҳо ва хатҳои алоқаи сатҳи ноҳиявӣ ва байнихоҷагӣ мебошад. Бинои маъмурии корхона бошад соли 1986 сохта шуда, аз соли 1990 инҷониб таъмири асосӣ нашудааст ва дар ҳолати ғайриқаноатбахш карор дорад. Мушкилиҳои зикршуда ба самаранокии фаъолияти корхона таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар ноҳия 7 адад мавҷгирҳои телекомуникатсионии ширкатҳои «ТСелл», «Мегафон», «Билайн» ва «Вавилон» мавҷуд буда, асосан дар ҳудуди заминҳои хусусии аҳолӣ васл шудаанд. Бояд тазаккур дод, ки чунин таҷҳизотҳо ба саломатии аҳолӣ зарар дошта, баровардани онҳо аз мавзеъҳои аҳолинишин ва таҳияи механизми ба танзим даровардани ин раванд мувофиқи мақсад мебошад. Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда дар ноҳия 32487 нафар дорои телефонҳои мобилӣ мебошад.

Дар ноҳия 1 истгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал карда, ба аҳолӣ имконият медиҳад, ки барномаҳои телевизионии «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» ва «Шабакаи якум»-ро тамошо кунанд. Бо вуҷуди ин, бештари аҳолии деҳаҳои дурдасти

ноҳия, аз ҷумла аҳолии деҳаҳои Гулистон, Олмабулок, Чепқурғон, Қойсингир, Чаган, Оишабулоқ, Туябуюн, Давлатшоён, Бешкаппа, Чилбулоқ, Тулқибулоқ, Қушқия, Қиблаӣ, Товатош, Муродбахш, Қирма ва Қушқияи поён ба истифодаи шабакаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ дастрасӣ надоранд. Бинобар ин дар ноҳия бунёд намудани боз 1 истгоҳи иловагии пахши мавҷҳои телевизионӣ мувофики мақсад мебошад.

Моҳе ду маротиба дар ноҳия рӯзномаи «Истиқлол» бо забони тоҷикӣ бо теъдоди 1000 нусха нашр мешавад, ки аҳолиро аз муҳимтарин ахбори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии ноҳия огоҳ месозад. Мутаассифона, аз сабаби набудани матбаа ва таҷҳизоти чопӣ, рӯзномаи «Истиқлол» дар шаҳри Қурғонтеппа интишор мегардад, ки боиси гаронтар шудани арзиши аслии рӯзнома барои аҳолии деҳот мегардад.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ
# ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА.

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Дар ноҳия оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист “Бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Темурмалик” фаъолият менамояд, ки аз 2 нафар корманд (сардор ва нозири давлатӣ) иборат аст. Вазифаи асосии бахши мазкур назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, дигар захираҳо, партовҳо ва танзими шикору моҳидорӣ) мебошад. Масъалаҳои ҳалношудаи соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо, дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, ифлосшавии мавзеъҳои кӯҳсор бо партовҳои сахти маишӣ, азхудкунии заминҳои наздикӯҳӣ бе назардошти релефи он, бад шудани ҳолати чарогоҳҳо, азхудкунии ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Ноҳияи Темурмалик яке аз ноҳияҳои кӯҳии кишвар буда, кишоварзӣ асоси иқтисодиёти онро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз, проблемаҳои экологии он бо фаъолияти кишоварзӣ вобаста мебошад. Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, иқлими мӯътадил ва релефи кӯҳӣ дар минтақа баҳри инкишофи ҷангалзор ва нашъунамои он мусоидат менамояд. Қисми зиёди масоҳати ноҳияро кӯҳҳо иҳота намуда, замини обии ноҳия ҳамагӣ 906 гектарро ташкил медиҳад.

Таъсири иқтидори саноатии ноҳия ба муҳити зист он қадар зиёд нест. Дар ноҳия 2 корхонаи хурди дӯзандагӣ, 6 корхонаи истеҳсолии саноатӣ фаъолият мекунанд ва ба ҳолати экологии ноҳия таъсири антропогении воқеъӣ намерасонанд. Ҳавои атмосфера дар ҳудуди ноҳия асосан аз истихроҷи нақлиёти автомобилӣ, ки миқдораш 333 адад мебошад, ифлос мешавад.

Кишоварзони ноҳия аслан ба растанипарварӣ, боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул мебошанд. Аксарияти аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Мушкилиҳои асосии экологии ноҳия, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволӣ (камбизоатӣ)-и аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:

- норасоии оби полезӣ дар солҳои камбориш ва вазъи ғайриқаноатбахши мелиоративии 5 гектар заминҳои обӣ аз ҳисоби баланд шудани сатҳи обҳои еризаминӣ ва шӯршавии замин дар деҳаҳои Шибанай ва Танобчии поён, ки сабаби асосиаш тоза карда нашудан ва таъмирталаб гаштани 4 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ мебошад.
- ҳолати ғайриқаноатбахши чарогоҳҳо дар мавсими камбориш, ки боиси кам шудани алаф ва дигар хӯроки чорво мегардад,
- ҳифз ва истифодаи ғайрисамараноки мавзеъҳои ҷангал.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки майдони заминҳои обӣ ҳамагӣ 1,04%-и заминҳои умумии ноҳияро ташкил медиҳад. Ҳоло дар ноҳия 15 га замин дар ҳолати ғайримелиоративӣ қарор дорад. Сабабаби дигари паст шудани ҳосилнокии замин, саривақт таъмин нашудани нуриҳои минералию заҳрхимикатҳо, тағйирёбии иқлим, паҳн шудани ҳаргуна ҳашароти заррасон ва касалиҳо мебошад.

Тибқи Барномаи мазкур дар ҳудуди ноҳия зиёд намудани шумораи дарахтони сояафкан ва то 14 гектар зиёд намудани майдони ҷангалзор пешбинӣ шудааст. Ҳамасола дар мавсими обхезӣ майдони зиёди дарахтзорҳоро ҷараёни босуръати об шуста мебарад ва боиси кам шудани майдони ҷангалзор мегардад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати бартараф намудани ин ҳолатҳо ва барқарорсозии майдони ҷангал, бояд дар мавзеъҳои ҳудуди шаҳраки Совет ва ҷамоати деҳоти Танобчӣ ба дарозии тақрибан 10-15 км корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ гузаронида шаванд.

Майдони чарогоҳҳои ноҳия 64820 га буда, аз ин 20881 гектар дар ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонӣ қарор дорад. Дар ноҳия 93,1 фоизи саршумори чорво ба сектори аҳолӣ ва 6,9 фоиз ба сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд.

Аз ҳолати чарогоҳҳо сатҳи некуаҳволии сокинон сахт вобаста буда, деградатсияи он боиси кам шудани даромади аҳолӣ аз чорводорӣ ва боло рафтани сатҳи камбизоатӣ мегардад. Тибқи меъёри муқарраргардидаи чорвопарварӣ барои 5 сар моли майда 1 га чарогоҳ зарур мебошад, дар ноҳияи Темурмалик ин нишондод дар нисбати чарогоҳҳои тобистона 3,57 гектарро ташкил медиҳад, яъне аз меъёр 2,57 гектар зиёд мебошад. Аммо нисбати чарогоҳҳои зимистона бошад, ин нишондод ба 0,35 гектар баробар буда, аз меъёри муқараргардида 0,65 гектар кам мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳими экологии ноҳия, сари вақт ҷамъоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Партовгоҳи марказӣ дар деҳаи Ситораи тобон, дар масофаи 5 км дур аз маркази ноҳия ҷойгир шудааст. Бинобар таъсири манфии боришоти зиёд, каналу ҷӯйҳои обпарто низ ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо, боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои дарёю ҷӯйҳо ва афзудани хатари пайдоиши касалиҳои сироятӣ мегардад. Манбаи дигари ташаккули партовҳо муассисаҳои тиббии ноҳия ва хадамоти байтории ноҳия мебошанд. Барои муассисаҳои тиббӣ ва байторӣ печҳо барои сӯзонидани партовҳои хатарнок, ташкили чоҳҳои Беккари барои безараргардонии чорвои аз касалиҳо фавтида зарур аст. Дар айни замон дар ноҳия чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ҳамаи ин боиси зиёд шудани бемориҳо дар миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ мегардад. Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳия барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст. Дар ноҳияи Темурмалик хатти ташноб (канализатсия) вуҷуд надорад, ки ин ба сохтмон ва ба истифода додани хонаҳои бисёрошёна дар ноҳия монеъ мегардад. Мавҷуд набудани хатти ташноб (ба хусус дар нуқтаҳои аҳолинишин) метавонад боиси ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ гардад. Мушкилии дигар, нокифоягии дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ мебошад, зеро дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ 51 фоизро ташкил дода, 49 фоизи аҳолӣ аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Аҳолии ноҳия ба сифати оби нӯшокӣ аз сарчашмаҳои обтаъминкунии обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ ва чашмаю дарёчаҳо истифода мебаранд.

Манбаъҳои оби нӯшокӣ минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд, ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набуда, ҳавзҳои таҳшинкунию бо маҳлули хлор тозакунӣ надоранд ва ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд. Тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби касод будани буҷет ва ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад.

**5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва паст кардани хатари пайдоиши онҳо**

Ноҳияи Темурмалик дар қисмати шимолу шарқии вилояти Хатлон ҷойгир шудааст. Масоҳати ноҳия 1013 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Дар ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия минтақаҳои хатарнок мавҷуд мебошанд. Аз 70 деҳаи дар ноҳия мавҷудбуда, 21 деҳа (18 деҳа+з маҳалла) мувоҷеҳи офатҳои табии мебошанд, ки 33,7% нуқтаи аҳолинишинро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои хонагии ноҳия, 375 хоҷагӣ ё 12,4%, дар минтақаи хатарнок ҷойгиранд. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хатарнок 1846 нафар ё 9,7 % аҳолӣ зиндагӣ мекунанд.

Тамоми ҳудуди ноҳия бо офатҳои табии, монанди боронҳо, сармо ва барф мувоҷеҳ мебошанд.

Дар санадҳо ҳисороти умумии дар натиҷаи офатҳои табиии тайи ин солҳо ба вуқӯъ омада нишон дода шуда, шумораю намудҳои офатҳои табии ба қайд гирифта нашудаанд. Инҳо асосан боронҳои шадиду давомнок, селҳо, бориши барфи зиёд ва хунукиҳо мебошанд.

*Таносуби умумии шумораи деҳоти дар минтақаҳои хатарнок ҷойгирифтаи ноҳия*

| № б.т | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи деҳаҳо дар ҷамоат | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи деҳаҳо дар минтақаҳои хатарнок (%) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | ш. Совет | 11 маҳалла | 3 | 27 |
| 2 | ҷ/д С.Раҳимов | 10 | 3 | 30 |
| 3 | ҷ/д Танобчӣ | 7 | 3 | 42,8 |
| 4 | ҷ/д Л. Қармишев | 18 | 1 | 5,5 |
| 5 | ҷ/д Бобоюнус | 14 | 4 | 28,5 |
| 6 | ҷ/д Қарақамиш | 6 | 3 | 50 |
| 7 | ҷ/д Кангурт | 15 | 4 | 27 |
| | Ҳамагӣ | 70 | 18 + (3 маҳалла) | |
| № б.т | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи хоҷагиҳо, дар ҷамоат, ҳамагӣ | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хатарнок (%) |
| 1 | ш. Совет | 1295 | 136 | 10,5 |
| 2 | ҷ/д С.Раҳимов | 1473 | 25 | 1,7 |
| 3 | ҷ/д Танобчӣ | 986 | 40 | 4,0 |
| 4 | ҷ/д Л. Қармишев | 1225 | 35 | 2,8 |
| 5 | ҷ/д Бобоюнус | 987 | 38 | 3,8 |
| 6 | ҷ/д Қарақамиш | 943 | 33 | 3,5 |
| 7 | ҷ/д Кангурт | 1101 | 28 | 2,5 |
| | Ҳамагӣ | 8010 | 335 | 4,18 |
| № б.т | Номгӯи ҷамоатҳо | Шумораи аҳолӣ | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хатарнок (%) |
| 1 | ш. Совет | 10317 | 927 | 8,9 |
| 2 | ҷ/д С.Раҳимов | 12257 | 151 | 1,2 |
| 3 | ҷ/д Танобчӣ | 7454 | 242 | 3,2 |
| 4 | ҷ/д Л. Қармишев | 8113 | 215 | 2,6 |
| 5 | ҷ/д Бобоюнус | 8664 | 240 | 2,8 |
| 6 | ҷ/д Қарақамиш | 7224 | 198 | 2,7 |
| 7 | ҷ/д Кангурт | 9430 | 168 | 1,8 |
| | Ҳамагӣ | 63459 | 2141 | 3,4 |

*Номгӯи офатҳои табиие, ки ба деҳаҳо таҳдид мекунанд*

| Ҷамоат | Деҳа | Намуди чараёни таҳдидкунанда | Ҷамоат | Деҳа | Намуди чараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Ба номи С.Раҳимов | Булакдашт | Ярч, сел | Қарақамиш | Қарақамиш | Сел, |
| | Давад | Ярч, сел | | Фалҳобод | Сел, |
| | Қазоқ | Ярч, сел | | Даҳани намак | Сел |
| Бобоюнус | Шибанай | Сел | Кангурт | Оби Ширин | Сел, |
| | Яккасада | Сел | | Ҷамоғулиён | Сел, |
| | Талимазор | Сел | | Рӯи об | Сел, |
| | Чилча | Сел | | Кангурт | Сел, |
| Ба номи Л.Қармишев | Қиблаи | Сел | Танобчӣ | Танобчии Боло | Сел |
| | | | | Баҳманруд | Сел |
| | | | | Танобчии Миёна | Сел |

*Таносуби буҷети ноҳия ва зарарҳои расонидаи ҲФ*




Дар натиҷаи офатҳои табиӣ тӯли се соли охир (солҳои 2012-2014) ба иқтисодиёти ноҳия ҳамагӣ ба маблағи 1268800 сомонӣ зарар расонида шудааст, ки ин 3,9 фоизи буҷети сесола ва 7,2 фоизи буҷети яксолаи ноҳияро ташкил медиҳад. Зарари аз ҳама калон ба соли 2012 рост омадааст, ки дар натиҷаи он қисми хароҷоти буҷети ноҳия ба 7,1% афзудааст. Сабабгори асосии он боришоти зиёди барфу боронҳо буд, ки боиси омадани сел гардид. Хисороти бештар аз боришоти барф, хунукиҳо ва селҳо ба соҳаҳои инфрасохтор, кишоварзӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ расонида шудааст.

*Зарари расонидаи ҲФ ба инфрасохтори ноҳия*

| Иншоотҳои зарардида | Маблағи зарар, сомонӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | с. 2012 | с.2013 | с.2014 | Ҳамагӣ дар солҳои 2012-2014 |
| Хонаҳои истиқоматӣ | 535,0 | - | - | 535,0 |
| Роҳҳо | 102,7 | 75,4 | - | 178,1 |
| Пулҳо | - | - | 30,1 | 30,1 |
| НИБ (ЛЭП) | 40,0 | - | - | 40,0 |
| Хатҳои алоқа | 22,0 | 23,0 | 15 | 60,0 |
| Хатҳои обгузар | - | 20,0 | - | 20,0 |
| Кишоварзӣ | 100 | 277,0 | - | 377,0 |
| Иншоотҳои дигар | 17,0 | 33,0 | 46,0 | 96,0 |
| Ҳамагӣ | 816,7 | 428,4 | 91,1 | 1336,2 |

Аз ҷумла ҳаҷми бештари хисорот ба хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон (535 ҳазор сомонӣ) ва ба соҳаи кишоварзӣ (377 ҳазор сомонӣ) рост омадааст.

***Сохтори омодабошӣ ва эътино ба ҲФ дар ноҳия.*** Айни замон, дар ноҳияи Темурмалик 9 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

*Маълумот оиди нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶШСК «Тоҷиктелеком» | | |
|---|---|---|
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа 1 адад<br>Муҳаррик (генератор) 1 адад | Ноқил п-274 2 км | Маводҳои сузишвории дизелӣ 2 тонна. |
| Хадамоти таъмини тартибот (ШКД) | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайҳати шахсӣ- 35 нафар<br>Наҷлиёти автомобилӣ-- 3 адад | Вуҷуд надорад | Масолеҳи сузишворӣ ва дигар лавозимотҳои зарурӣ |

<table>
<tr><td colspan="3">Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ</td></tr>
<tr><td>Неру ва воситаҳои мавҷуда</td><td>Захираҳои мавҷуда</td><td>Эҳтиёҷот</td></tr>
<tr><td>Нав таъсис дода шудааст<br>Автомашинаи сӯторхомӯшкунӣ 1 адад</td><td>Вуҷуд надорад</td><td>Дастпӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 77 мм-600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 51 мм – 600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 66 мм – 600 м 10 адад<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 125 мм 6 дона<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 77 мм 12 дона<br>Ниқоби муқобили газ 6 дона<br>Халтаи боргирӣ 12 дона<br>Дастгоҳи ҳавои тоза 12 адад</td></tr>
<tr><td colspan="3">Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ</td></tr>
<tr><td>Неру ва воситаҳои мавҷуда</td><td>Захираҳои мавҷуда</td><td>Эҳтиёҷот</td></tr>
<tr><td>Ҳайати шахсӣ 45 нафар<br>Булдозер Т-130 1 адад<br>Булдозер Д-21 1 адад<br>Трактор ЛВ-321 1 адад<br>Автогрейдер 1 адад</td><td>ГСМ- 20л.<br>Сузишвории дизелӣ- 600 л.</td><td>Булдозер 1 адад<br>Мошини боркашонӣ 1 адад<br>Дигар лавозимоти зарурӣ</td></tr>
<tr><td colspan="3">Хадамоти коммуналӣ</td></tr>
<tr><td>Неру ва воситаҳои мавҷуда</td><td>Захираҳои мавҷуда</td><td>Эҳтиёҷот</td></tr>
<tr><td>Техникаи автомобилӣ:<br>ЗИЛ – 130 1 адад<br>Кормандон 19 нафар</td><td>бензин - 200литр<br>Сузишвории дизелӣ - 100 литер</td><td>МСМ (ГСМ) 2,5 тонна<br>Автомашинаи АСМ 1адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ 1 адад<br>Трактори Т 28 1 адад<br>Эксаватор боркунак 1 адад</td></tr>
<tr><td colspan="3">Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемологӣ</td></tr>
<tr><td>Неру ва воситаҳои мавҷуда</td><td>Захираҳои мавҷуда</td><td>Эҳтиёҷот</td></tr>
<tr><td>Ҳайати шахсӣ 16 нафар<br>Автомашинаи сабукрав 1 адад<br>Лабораторияи паразитология 1 адад<br>Яхдон 1 адад<br>Микроскоп 1 адад</td><td>Вуҷуд надорад</td><td>Маводи безараркунанда 200кг<br>Бино ва ташхисгоҳи бактералогӣ<br>Камераи сайёр 1адад<br>Муҳаррик 1адад<br>Дистиллятор 2 адад<br>Либосҳои махсус 6 ҷуфт<br>Пироҳани муқобили чума 2 адад<br>Автомашина санитарӣ 1 адад</td></tr>
<tr><td colspan="3">Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот</td></tr>
<tr><td>Неру ва воситаҳои мавҷуда</td><td>Захираҳои мавҷуда</td><td>Эҳтиёҷот</td></tr>
<tr><td>Автомобил НИВА -2121 – 1 адад</td><td>40% маводҳои дорувории лозимӣ</td><td>таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, чойҳои махсус барои гӯронидан ва сӯзонидани чорво</td></tr>
<tr><td colspan="3">Хадамоти энергетикӣ</td></tr>
<tr><td>Неру ва воситаҳои мавҷуда</td><td>Захираҳои мавҷуда</td><td>Эҳтиёҷот</td></tr>
<tr><td>Ҳайати шахсӣ 28 нафар<br>Автомашинаи УАЗ 1 адад<br>Автомашинаи ВАЗ-2107-1 адад<br>Атомашинаи ГАЗ-66 1 адад<br>Трактор ЮМЗ 1 адад<br>Зеристгоҳи 35/10 кв 1 адад<br>Зеристгоҳи 35 / 0/4 кв 1 адад<br>Зеристгоҳи 10 /04- 109 адад<br>ХИБ- 04 -35АБ —620км</td><td>Сими алюминии намуди:<br>А-50-250 кг<br>А-35-70 кг<br>А-70-40 кг<br>Изолятори ШФ-10кв 70 адад<br>Изолятори ТФ- 20 60 адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН-400А-30 дона<br>Изолятори ИП – 10 кв 20 дона</td><td>Симчӯбҳо 12 дона<br>Сӯзишворӣ 0,6 тонна<br>Равғани техникӣ 15л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД 1 воҳид<br>Ноқили барқии А-50- 0,5 т<br>Трансформаторҳо – 160кв 1 адад<br>Трансформаторҳо – 250 кв 1 адад<br>Ноқили АПВ-35-50.70- 800 м<br>Фулузоти варақагӣ (катанка) 50 кг<br>Гӯшаи оҳанӣ (уголок)-63.63 40 кг<br>Электрод 5 кг</td></tr>
<tr><td colspan="3">Хадамоти тиббӣ</td></tr>
<tr><td>Неру ва воситаҳои мавҷуда</td><td>Захираҳои мавҷуда</td><td>Эҳтиёҷот</td></tr>
<tr><td>Мошинҳои ёрии таъҷилӣ 4 адад</td><td>40 % аз эҳтиёҷоти маводҳои дорувори тиббӣ.<br>Сузишворӣ дизелӣ 100л</td><td>МСМ (ГСМ) 2 тонна<br>Маводҳои зарурияти аввалиядоштаи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Дефлиблирятор 1 адад<br>Дизкамера1 адад<br>Дастгоҳи ИВЛ-6 1 адад<br>Хайма 6 дона</td></tr>
</table>

Дар сурати ба вуқӯъ пайвастани ҳолатҳои фавқулодда, сохтори омодабошӣ ва эътинои ноҳияи Темурмалик пешбинӣ шудааст.

*Мушкилиҳои асосӣ* оид ба паст кардани сатҳи офатҳои табии дар ноҳия: пешбинӣ нагардидани маблағҳои зарурӣ дар буҷет барои низоми огоҳсозӣ/эътинои офатҳои табии, барои таъсиси низоми огоҳкунии пешакӣ ва барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеъҳои осебпазиртари ноҳия, самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои ноҳиявӣ оид ба мудофиаи шаҳрвандӣ, мавҷуд набудани харитаи мавзеъҳои хатарноки ноҳия.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

***Нерӯи ташкилӣ ва зеҳнии ноҳия.*** Идоракунии давлатии ноҳия аз ҷониби мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал амалӣ мегардад. Мақомоти намояндагии маҳаллӣ – Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 35 нафар (4 нафар зан) иборат мебошад. Илова бар ин, 2 нафари дигар аъзои Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз ноҳия ба ҳисоб меравaнд. Ҷаласаҳои Маҷлис ҳар 3 моҳ гузаронида мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ метавонад ҷаласаҳои ғайринавбатӣ низ баргузор гардад. Дар ин ҷаласаҳо намояндагон буҷетҳои маҳаллиро тасдиқ намуда, дар бораи иҷроиши онҳо ҳисоботро мешунаванд, меъёрҳои андоз ва боҷи маҳаллиро муайян, барномаҳои рушдро тасдиқ менамоянд ва ҳисоботи мақомоти иҷроияи ҳокимиятро гӯш мекунанд.

Аз ҷониби Маҷлис 6 комиссияи доимӣ ташкил шуда, фаъолият мебаранд, аз ҷумла:

- оид ба сохтмони асосӣ, саноати маҳаллӣ, наклиёт, истифодабарии роҳҳои маҳаллӣ,
- оид ба тараққиёти иқтисодиёт, буҷет, савдо, хӯроки умумӣ ва хизматрасонии маишӣ,
- оид ба одоби вакилон,
- оид ба соҳаи кишоварзӣ, сохтмон ва ҳифзи муҳити зист,
- оид ба соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, алоқа, кор бо занон ва ҷавонон,
- оид ба танзими расму оинҳо ва маросимҳои мардумӣ.

Айни замон, дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия 46 нафар, (аз ҷумла 13 нафарашон занҳо) фаъолият мекунанд. Дар дастгоҳи раиси ноҳия бошад 15 нафар, аз ҷумла 6 нафар зан, кор мекунанд.

Иқтидори техникии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва идораву муассисаҳои давлатии ноҳия 36 компютер, 41 принтер, 17 адад нуқтаи ба интернет пайвастшуда ва 5 факс буда, норасогии техникӣ 64 компютер, 31 принтер ва 9 факс (бо назардошти ҷамоатҳои деҳот) - ро ташкил медиҳад.

**Таъминоти буҷетию молиявӣ**

Маблағгузории «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Темурмалик барои солҳои 2016-2020» дар доираи маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети вилоят, буҷети маҳаллӣ, сармояи хориҷӣ, маблағгузориҳои соҳибкорони ватанӣ ва манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад. Ба манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, ки барои маблағгузории Барномаи мазкур ҷалб карда мешавад, инҳо дохил мешаванд:

- Сармояи хориҷӣ аз ҳисоби шарикони рушд, ки дар иҷрои Барнома ҳавасманданд ва ё чорабиниҳои алоҳидаи онҳо;
- Пардохти мақсаднок аз фоидаи корхонаҳои ҳавасманд дар иҷрои Барнома;
- Қарзҳои бонкӣ;
- Сармояи ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатии берунмарзие, ки дар таъмини Барнома ҳавасманданд.
- Маблағи фондҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- Ҳаққи аъзогии иштирокчиён дар иҷрои барнома.

